**Ёқубҷон Рӯзиев**

# Хотираҳои муфаттиш

**Душанбе**
**«Адиб»**
**2014**

ББК -84 Тоҷик 7-4

Р-48

Муҳаррир: Наср Бобои Сарфароз

Р-48 Ёқубҷон Рӯзиев. Хотираҳои муфаттиш (қиссаҳо). – Душанбе, «Адиб», 2014, ___ саҳ

Корманди фахри Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи якум Ёқубҷон Рӯзиев аз ҷумлаи собиқадорони ин мақомот буда, дар рафти фаъолияти меҳнатияш барбари кушодани мушкилтарии кӯргиреҳҳо, ба ҷанбаи дигари муҳими масъала – боло бурдани маърифати ҳуқуқии ҳамдиёрон хидмати босазоеро анҷом додааст. Дар ин китобча, ки аз навиштаҳои солҳои гуногуни ӯ мураттаб гардидааст, чанд очерку қиссаи мухтасараш ҷой ёфтаанд. Навиштаҳояш забони саддаву равон, сужети диққатҷалбкунанда дошта, маҳорати хуби ӯро дар соҳаи нигорандагӣ низ собит месозад.

© Ёқубҷон Рӯзиев, 2014.

# ЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ

Муаллифи китоби «Хотираҳои муфаттиш» Ёқубҷон Рӯзиев собиқадори мақомоти прокуратура мебошад. Ӯ баъди хатми риштаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) барои кор ба мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳхат гирифт. Муддате ба ҳайси коромӯз ва муфаттиши прокуратураҳои ноҳияҳои Шоҳмансур , Сино, шаҳри Душанбе фаолият карда, чанд ҷинояти вазнинро ошкор намуд, инро ба инобат гирифта, муфаттиши калони Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карданд.

Солҳои 80-уми қарни гузашта, воқеае ба вуқуъ пайваст ва он ба зиндагии Ёқубҷон Рӯзиев таъсир расонд. Он солҳо муфаттиш оид ба тафтишоти парвандаҳои ҷиноятии фавқулода муҳим Телман Гдлян ба ҳаллу фасли парвандаҳои хеле мураккаб ном бароварда буд ва маъмурияти Прокуратураи ҷумҳурӣ Рӯзиевро ба гурӯҳи Гдлян шомил намуд. Ё. Рӯзиев дар ҳайати ин гурӯҳ як солу се моҳ кор кард ва он мактабе буд, барои муфаттиши ҷавон. Маҳз ҳамон ҷо нозукиҳои кори муфаттишро омӯхт, якчанд ҳодисаҳои порахурӣ, изофанависӣ, фасодкориро ошкор сохт. Дарк намуд, ки муфаттишӣ кори мушкил будааст, кас бояд барои ноил гаштан ба нишондоди мусбӣ дурандешу пуртамкин бошад, ба ҷузиёти хурдтарин аҳамият диҳад ва аз ҳама асосиаш, шитобкори карда, ба саҳв роҳ дода, бегуноҳеро ба масъулият накашад, айбдоре бе ҷазо намонад.

Вай баъди аз гурӯҳи Гдлян баргаштан муфаттиши баркамолу таҷрибанок ҳисоб меёфт. Зеро дар зарфи як солу се моҳ ӯ аз муфаттишони доно, ғамхор ва ба касбу вазифа содиқ таълим гирифт, санъати муфаттиширо омӯхт. Роҳбарияти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи инро ба ҳисоб гирифта, вайро ба вазифаи масъул пешбарӣ намуданд.

Соли 1992 прокурори шаҳри Панҷакент ва навбати дигар прокурори шаҳри Истаравшан таъин карданд, дертар вазифаҳои прокурори нақлиётии вилояти Суғд ва прокурори ноҳияи Ғафуровро ба уҳдааш гузоштанд. Муддате дар прокуратураи вилоят ба ҳайси прокурори шуъбаи назорати қонунӣ будани парвадаҳои судӣ кор кард.

Корманди фахрии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи якум Ёқубҷон Рӯзиев дар вазифаҳои фаъолият доштааш ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ диққати ҷиддӣ медод. Мақола, лавҳа, очерку қиссаҳои вай дар ҳафтаномаҳо пайваста дарҷ мешуданд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо китоби нахустини ӯ «Хотираҳои муфаттиш» мебошад, ки ҳоло пешкаши хонандагон шудааст. Очеркҳои судӣ дар солҳои гуногун навишта шудаанд ва муаллиф ин ҳодисаҳоро тафтиш намудааст. Бо гунаҳкорон мубориза бурда, ҷиноятошонро собит кардааст.

Очеркҳои судии ба қалами ӯ таъаллуқдошта, шавқовар буда, диққати хонандагонро ҷалб менамояд. Дар очерки «Шаҳват ба марг овард» волидон дар тарбияи духтари худ ба хато роҳ дода, аз мадди назар дур карданд ва Башорати ноболиғ ба дасти шаҳватпараст афтид. Духтар гумон дошт, ки акнун зиндагиаш ҳамин минвол, бо айшу ишрат мегузарад, аммо саҳв кард ва байни замину

осмон монд, вай обистан гушт, ишқварзиаш овоза шуду ба ҳамаи ин тоб наоварда даст ба худкушӣ зад.

Дар очерки «Кӯрнамакон» ду худозада – сокинони шаҳри Қӯрғонтеппа Сайнуриддин Оймаҳмадов ва истиқоматкунандаи ноҳияи Бохтар Манзура Абдуқодирова худро зану шавҳар хонда, ба деҳаи Хистеварз (Қистакӯз) меоянду афсона мебофанд, ки онҳоро дар зодгоҳшон зада, молашонро ба яғмо бурданд ва худашонро ронданд, ҳоло ҳам ба хайр, намегурехтанд, мекуштанд. Мардуми соддаи маҳал ду гургзодаро хуш қабул намуда, нону намак ва ҷои хоб доданд. Вале онҳо бо нияти бад омада буданд, мехостанд, мардуми маҳалро кушанд, манзилашонро сӯзанд, амволашонро ба яғмо баранд.

Ниҳоят, атрофро хилват дида, ду духтарчаи ноболиғи амсоли ғунчаи гул шукуфонро кушта, ангуштарин, ҳалқаю гарданбандашонро гирифта рафтанд. Ин ваҳшоният дар вилоят овоза шуд ва ба вазъи сиёсии маҳал таъсир кард. Прокурори генералии мамлакат, прокурори ноҳияи Ғафуров Ёқубҷон Рӯзиевро вазифадор намуд, ки ҳарчӣ тезтар қотилонро ёфта, ба масъулият кашанд ва ба овозаҳо хотима диҳанд.

Гурӯҳи фаврӣ тафтишӣ, ки ба он Ёқубҷон Рӯзиев сарвари мекард, тафовути шабу рӯзро ба инобат нагирифта, аз ҷинояткор нишон ҷустанд ва ниҳоят ёфтанд…

Дар очерки «Гулхани шаҳват» нақл дар бораи ваҳшонияти ба доираи ақли кас рост наоянда меравад. Дар деҳа ду кас ишқварзӣ мекарданд: муаллимаи ду фарзанддор бо талабаи муҷарради худ. Калонсолон, волидони «ошиқон», хешу таборашро огоҳ менамуданд, ки оқибати ин кор бо хубӣ анҷом наёбад ва ҳамин тавр ҳам шуд, натиҷаи ишқварзии онҳо. Хешу табори зан ҳангоми хуфтухез ҳардуро дастгир намуданд ва ҷавонро ваҳшиёна куштанд. Тафтиши ҳодиса беш аз як сол тӯл кашид ва муфаттиш билохир мӯйро аз хамир ҷудо кард…

Муаллиф мехоҳад, ки чунин ҳодисаҳо кам ва беҳтараш, умуман рух надиҳанд. Ӯ гуфтанист, ки пеши роҳи ҷиноятро гирифтан лозим, баъди содир шудани ҳодисаи нохуш аз мушт ба сар задан чӣ суд?!

**Ғайрат Ҳаким**

## ШАҲВАТ БА МАРГ ОВАРД
## ХУДКУШИИ ДУХТАРИ ШОНЗДАҲСОЛА

Майор Собирӣ дар утоқаш нишаста, қарор менавишт. Ӯ қаноатмандона аз дил гузаронд, ки кор имрӯз бахайр мегузарад, касе халал нарасонд, воқеаи нохуш ҳам сар назад, агар рӯз ҳамин тавр давом кунад, ду-дуюним соат пас қарорро навишта, анҷом медиҳад ва барои тасдиқ ба прокурори шаҳр пешниҳод менамояд...

Занги телефон тори хаёлоти ӯро барканд, норозиёна ба дастгоҳ нигаристу аз дил гузаронд, ки ҳозир ягон шумхабар мешунавад ва хато накард. Гӯшакро бардошту овози изтиробомези муовини прокурори шаҳр Самеъзода ба гӯшаш расид:

– Дар кӯчаи Саноатчиён худкушӣ рӯй додаст, хонандаи мактаби ба номи Ҷомӣ Башорат Бобоева худашро овехтааст, бо гурӯҳи фаврии тафтишотӣ ба ҷои ҳодиса равед.

– Чашм расид, – гӯшакро гузошта худ ба худ гуфт Собирӣ ва коғазҳои рӯи мизашро ғундошта, ба сандуқ гузошту афзуд. – Барвақт хурсанд шудӣ, майор, ана нохушӣ, боз куштор.

Гурӯҳи фаврии тафтишӣ дар мошини оҷилии шуъбаи корҳои дохилӣ ба рӯйи ҳавлӣ омада истод. Вай дарро кушода, салом доду бо аъзоёни гурӯҳ, духтури судию тиббӣ, таҷзиягар, ду намояндаи ваколатдори ҷустуҷӯи ҷиноят, нозири минтақа вохурӣ карда, ба курсии холӣ нишаст. Ҳама хомӯш, маълум, ки фикру зикрашон ба ҳодисаи нохуш банд буд. На фақат кормандони мақомоти ҳуқуқ, балки масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, барои пешгирии худкушӣ чора меандешанд, вале ана, боз қасд ба ҷони хеш; духтари шонздаҳсола худашро овехтааст.

Онҳо назди дарвозаи сурхи дутабақа аз мошин фаромада, ба ҳавлӣ даромаданд. Дар дарвозахона ду мард, се зан ва чанд бача истода, ба духтари дар замин хобида нигариста гиря мекарданд. Вай дар бар либоси мактабӣ дошт, каме онтарафтар ҷузъираш мехобид, касе зери сараш болин гузоштааст.

– Ҷасадро кӣ аввал дид? – пурсид ҳозиринро Собирӣ.

– Ман, – фиқ – фиқ карда гуфт, зани миёнақади аз ашк чашмонаш сурху рӯяш варамкарда.

– Шумо ба вай кӣ мешавед?-сӯйи ҷасад ишорат намуд майор.

– Модараш.

Собирӣ аз Бобоева ному насаб, солу ҷойи таваллуд маҳалли зисташро пурсид, зан ҷавоб дод, майор гуфтаҳои ӯро дар варақе қайд менамуд. Таҷзиягар гоҳ аз як тараф, гоҳ аз тарафи дигар маҳрумро ба навор мегирифт. Нозирон ҳамсояҳоро пурсуҷӯ менамуданд, аз онҳо баёнот мегирифтанд. Собирӣ насаби шиносони Башоратро ба дафтар қайд намуд, зери номи дугонаҳои наздикаш хат кашид, баъд ба нозири минтақа фармуд, ки фалониҳоро ба дафтари корӣ ӯ даъват намояд.

Ҷасади духтарро ба мошини ёрии тиббӣ бор карда, хостанд ба ташхисгоҳ баранд. Падари даступохурда, чӣ кор карданашро надониста, аз муфаттиш пурсид:

– Мо куҷо равем, соати чанд хешу таборро ба ҷаноза хабар кунем?

– Ба одами худкушӣ карда, ҷаноза намехонанд, – гуфтани таҷзиягар аломи волидонро дучанд кард.

– Мо ҳоло ҷасадро муоина намоем, пагоҳ рафта, вайро гиреду ба хок супоред, – гуфт майор.

Собирӣ норозиёна ба таҷзиягар нигарист, вале вай ба кори худ банд буд. Майор бо таассуф аз дил гузаронд, ки таҷзиягар борҳо вақти муоинаи маҳалли содири ҷиноят ягон гапи беҷо мегуфт, ҳоло ҳам чунин шуд. Магар шарт аст аломи волидонро зиёд кард, ба ин кор мутасаддиён, аз ҷумла, ходимони дин масъуланд, онҳо чӣ кор карданашонро медонанд. Муоинаи маҳалли ҳодиса анҷом ёфт, ҷасадро бурданд, Собирӣ аз нозири минтақа, лейтенанти ҷавон хоҳиш намуд, ки аввал ба наздаш шарикдарси марҳум Малоҳатро даъват намоянд.

Дере нагузашта ба дафтар вайро оварданд. Малоҳат духтари қоматбаланди зебоандом буд, ба назар аз синнаш зиёд менамуд, кас дар кӯча вайро бинад, донишҷӯи мактаби олӣ гумон мекунад. Хушлибос, дар гардан занҷираи тилло овезон кардааст, чашмони сиёҳи бодомиаш гиряолуд, аён мегашт, ки марги дугонааш ба ӯ таъсир кардааст, вале занҷира ба гардан овехтанаш нишони беақлист, бача-дия.

– Ному насабатон? – баъди нишастан ӯро суол кард Собирӣ. Духтар ҷавоб гардонд, майор баъди пурсидани солу таваллуду ҷойи истиқомат, фаҳмид, ки Малоҳат акнун шонздаҳсола шудааст, вале абрӯяшро чидааст, мӯяшро бурда, ба арӯсакҳо худро монанд кардааст.

– Шумо баъди дарс дар ҷойе кор мекунед, ягон манбаи даромад доред?

– Не,-ҷавоб дод вай.

Саволи Собирӣ беҷо набуд. Баъзе духтарони мактабхон ҳамроҳи модар, хоҳар ё устояшон либос ё тоқӣ медӯзанду даромади хуб мегиранд ва имкони харидани чизҳои гаронарзишро доранд, шояд вай аз ҳамон қабил бошад, аммо хато кард.

– Набошад, аз кадом ҳисоб ин занҷираи тилло, ангуштарину ҳалқаи гаронарзиш харидед?

Духтар забон хоид, вале дуруст ҷавоб дода натавонист, вай рӯймолчаашро ба чашмонаш гузошта, фиқ – фиқ мекард, бинӣ мекашид.

Барои муфаттиши таҷрибанок ба гап даровардани духтари шонздаҳсола ва аз ӯ гирифтани маълумоти даркорӣ душвор набуд. Баъди чанд савол Малоҳат буду шуди воқеаро нақл кард, гуфт, ки вай бо Башорат дугонаи ҷонӣ буданд, аз якдигар розӣ пинҳонӣ надоштанд.

– Чаро вай худашро овехт?

– Намедонам.

– Шумо гуфтед, ки дугонаи ҷонӣ будед, аз якдигар рози пинҳонӣ надоштед, ҳамин тавр?

– Ҳа, мо дӯстони наздик будем.

– Вай бо кӣ вомехӯрд?

Духтар хомӯш монд. Чанде пеш таҷзиягар тавассути телефон ба муфаттиш хабар дод, ки Башорат обистан будааст, дар батн кӯдаки семоҳа доштааст.

– Кобеду бо кӣ хуфтухез карданашро ёбед, ва вайро ба масъулият кашед, – нимҳазлу нимҷиддӣ гуфт вай. – Ман мурдаро ба соҳибаш бармегардонам, шумо зид нестед?

– Не, – ҷавоб дод ӯ.

– Воқеаи дирӯзаро ба ёд оред, ҳар ду баробар аз мактаб баромадед, баъд куҷо рафтед, чӣ кор кардед?

– Аз мактаб ба хонаи мо омадем, хӯрок хӯрдем, каме дарс тайёр кардем, баъд вай рафт.

– Ба куҷо? – бодиққат ба ӯ нигарист муфаттиш.

– Ба хонааш, – ҷавоб дод ӯ, аммо майор ҳис кард, ки вай дурӯғ гуфт.

– Вале вай ба хонааш нарафтааст, телефон карда ба модараш гуфтааст, ки назди шумо хоб мекунад, магар инро инкор менамоед, пас вай дар куҷо шабро рӯз намудааст.

Ӯ хомӯш шуд , маҷоли сар бардоштану ба чашмони Собирӣ нигаристан надошт. Муфаттиш суолашро такрор кард, вале Малоҳат чӣ гуфтанашро намдонист.

– Агар падарам фаҳманд, маро мекушанд, ниҳоят посух гардонд вай.

– Барои кадом гуноҳҳоятон падаратон шуморо куштанист?

– Не, шукри Худо, ки ман гуноҳе накардаам, инро дар омади гап гуфтам.

– Бо вуҷуди ин, аз чизе хавотиред, он чӣ бошад?

Духтар боз хомӯш монд, гӯё ба даҳонаш об гирифта бошад.Баъди фишори Собирӣ гуфт, ки бегоҳ вай аз хонаи онҳо баромада, ба хонаашон рафта буд.

– Вале он ҷо нарасид, – эътироз кард Собирӣ. – Хӯш, дугонаи ҷониатон дар куҷо шабро рӯз намуд?

– Шумо дар ин бора ба касе чизе намегӯед?

– Хотирҷамъ бошед, гуфтугӯи мо махфӣ мемонад, ба шарте рости гапро гӯед.

– Назди дӯсташ Ворис.

– Вай кист ва дар куҷо зиндагӣ мекунад? Ҷойи корашро медонед?

– Ворис сокини маҳаллаи Чармгарон аст, тоҷир, дар бозори маҳаллаи сиюдуюм дуконе дорад.

– Башорат дирӯз ба хонаи вай рафт?

– На ба хонааш, балки анбораш. Ӯ дар маҳаллаи сиюҷор хонаеро иҷора гирифтааст, бегоҳ моли ба фурӯш нарафтаро он ҷо мегузорад ва пагоҳӣ боз ба харидорон пешкаш менамояд. Ворис баъзан ҳамон ҷо хоб меравад...

– Шаби гузашта Башорат ҳамон ҷо буд?

– Ҳа, онҳо ҳамроҳ буданд...

Собирӣ ду рӯз пас аз асли воқеа хабардор шуд ва ҳатто ҷузъиёти хурдтаринашро фаҳмид. Майор афсӯс хӯрд, ки ин ҷо бо саҳв роҳ додаанд, ҳодисаро пешгирӣ кардан мумкин буд, агар чанд омил халалдор намешуд, ҳоло Башорат ҳамроҳи дугонаҳояш таҳсилро давом медод... Волидон духтарашонро

бе назорат монданд, ки дар натиҷа Башорати ноболиғро шаҳватпарасти пулдор осонакак ба даст дароворда, барои худ истифода бурд...

## БО ДЕГ ШИНӢ СИЁҲ ШАВӢ

Малоҳату Башорат шарикдарс буданд. Аз чӣ бошад, ки ба якдигар маъқул шуданд, ҳамроҳ аз дарс баромада сайр мекарданд, яхмос мехӯрданд. Гузарашон ҳар дафъа ба бозоре меафтод, ки дар шафати роҳи калон, қад-қади роҳи пиёдагард тӯл кашидааст. Аз як дӯкон ба дигараш гузашта, курта, костюм, ҷавоҳирот, ороиши занонаро тамошо мекарданд. Онҳо ин маҳалро азони худ меҳисобиданд ва он барояшон маъқул буд, ки хонаю мактабашон дар ҳамин маҳал ҷой гирифтааст. Онҳо маҳаллаашонро «хиёбони ошиқон» меномиданд, зеро медонистанд, ки он ҷо ҷавонону духтарон вомехӯранд, ҳатто фурӯшандаҳои бозор низ бо ҳам ишқбозӣ мекунанд, гарчанде оиладор бошанд ҳам, дар ин маҳал маъшуқ ё маъшуқа доранд. Онҳо ҳам аз қатор намонда, ҳамин ҷо маъшуқ пайдо намуданд. Ҳамон рӯз баъди дарс аз мактаб баромада аз дӯконе лимонад нӯшиданд, яхмос хӯрданд, баъд бо пиёдагарди роҳи бозор қадам заданд.

Хушнуд буданд, баҳудаю беҳуда қоҳ – қоҳ мезаданд, бо нозу карашма суринашонро ҷумбонда, молҳои мағозаҳоро аз назар мегузароданд. Мардҳо бо назари харидорӣ бо ҳавас сӯяшон менигаристанд, занҳо норозиёна ғур – ғур мекарданд, таъна мезаданд.

Ҳамин ҷо ба Ворису Равшан шинос шуданд. Дӯкони ҷавонон дар паҳлуи ҳамдигар ҷой гирифтаанд, яке атриёт мефурӯхт, дигаре либоси таги занона. Ҳар дафъа онҳо духтаронро ба гап гирифта, хушомад мезаданд ва чизе тӯҳфа мекарданд.

– Ягон чиз маъқул шуд? – мепурсид онҳоро Равшан.

– Бале, вале пуламон намерасад, – ноз кард Малоҳат.

Ин духтари шӯхӣ хандонрӯ бинандаро бо зебогиаш мафтун менамуд ва ҳар дафъа фурӯшандаҳоро мот мекард, бо ноз гоҳ атр мегирифт, гоҳ либоси таги занона ва ҳар дафъа Башоратро маҷбур месохт, ки хомӯш наистад барояш ягон чиз гирад.

Башорат аз кирдори вай шарм медошт, мегуфт, ки пул надорад, атр ё либос харида наметавонад, вале Малоҳат ӯро ба ҳолаш намемонд, мегуфт, ки пул ёфтан душвор нест, вале ин хел чизро пайдо кардан мушкил. Кор ба ҷое расид, ки ӯ рафта – рафта, дугонааш барин берӯ мешуд.

Ҳоло Собирӣ он рӯзҳои аввали шиносоии духтаронро бо ҷавонон ба ёд оварда, дар дил бо таассуф мегуфт, ки ҳамон вақт Башорат на бо Малоҳат, балки духтари дигар риштаи дӯстӣ мепайваст, бо чунин рӯз намерасид.

Беҳуда намегӯянд, ки «бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ – бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ». Ба бероҳа шудани Башорат Малоҳат сабабгор гашт. Малоҳат аз об хушк баромада метавонист, вале Башорат ба вай пайравӣ карда дар об ғӯтиду либосҳояшро тар кард.

Духтарон қариб ҳар рӯз дар бозор ба ҷавонҳо вомехӯрданд, ва ягон чиз мегирифтанд, онҳо бехабар буданд, ки ҳамаи ин ҳисобу китоб дорад ва рӯзе ҳисобӣ намудан лозим. Башорату Малоҳат бехабар аз ин ҳикмат ба доми фурӯшандаҳо чуқуртар мефаромаданд. Дертар онҳоро Ворису Равшан ба сайр таклиф намуданд.

– Як соат атрофро тамошо мекунем, дар ягон қаҳвахона хӯрок мехӯрем, – мақсадашонро шарҳ дод Ворис.

– Не, вақтамон нест, бояд дарс тайёр кунем,-саросема ҷавоб дод Башорат.

Ӯ тарсид, рафту ба ягон ҷои дур баранд, чӣ мешавад ё шиносе бинад, овоза мекунанд, обрӯяшон мерезад. Алҳазар аз бадномӣ.

– Хайр, чӣ бадӣ дорад, меравему меоем,-розӣ шуд Малоҳат.

Вай аз бозуи дугонааш гирифта пеш кашид ва қариб зӯран ба канори бозор бурд, дақиқае пас Ворису Равшан «Мерсадес-Бенс» – савор омаданду ҳардуро ба нишастан таклиф намуданд.

Сабукрави сиёҳи ялаққосӣ дар шуои офтоб медурахшид, чашм мерабуд. Духтарон дар нишастгоҳи қафо ғӯта зада, бо ҳавас атрофро тамошо мекарданд ва ба суруди шӯхи магнитафон гӯш медоданд.

Ворис мошинро сабук ва тез меронд ва аз дигар нақлиётҳои дар роҳ буда, пеш мегузашт. Дере нагузашта онҳо аз шаҳр баромаданд ва ба боғе даромаданд. Башорат ба дарахтони зардолуи сап-сафед гул карда бо ҳавас нигариста, завқ мекард, вай то ҳол чунин манзараи дилфиребро надида буд. Онҳо ба қаҳвахонаи лаби дарё даромада хӯроку яхмос хӯрданд ва шарбат нӯшиданд. Ворис ба Башорат хизмат мекард, ба соғараш шарбат мерехт, табақчаи холиро гирифта, ба ҷояш дигарашро мегузошт, Равшан аз пайи Малоҳат мешуд.

– Як таклиф ҳаст, – гуфт Равшан. – Ҳафтаи дигар зодрӯзи Малоҳатҷонро ҳамин ҷо қайд мекунем, ҳама розӣ?

– Урра, – қарсак зад Малоҳат. – Ташаккур, ки рӯзи таваллудамро аз ёд набвароварде, мо ба ҷону дил таклифатонро тарафгирӣ мекунем.

Ҳафтаи дигар шонздаҳсолагии Малоҳатро дар хоначаи алоҳидаи он қаҳвахона ҷашн гирифтанд.Ҷавонон ба духтарон яктоӣ атри фаронсавӣ ва куртаи тагпушаки зебо туҳфа карданд.

– Чаро ба ман, охир имрӯз фақат Малоҳат ҷашн дорад, то зодрӯзи ман қариб ним сол ҳаст, – ҳайрон шуд Башорат.

– Ибтидояшро ҳамин рӯз сар мекунем, интиҳояшро ҳамон рӯз, – гуфт Ворис, ҷавони миёнақади фарбеҳ, ки мӯи сиёҳу чашмони бозингар дошт ва ҳар замон дасташро ба даст ё бозуи духтари дар паҳлӯяш нишаста мерасонд.

Ҳамон рӯзи ба нақша гирифтаашон даррасид. Онҳо барои чашн гирифтани зодрӯзи Малоҳат боз ба ҳамон қаҳвахона омаданду паси мизи пештар нишастаашон ҷой гирифтанд. Аз дастархони ба нозу неъмат оро додаи пешхизмат маълум буд, ки ҷавонон пештар фармоиш додаанд. Хӯрок хӯрданд, шарбат нӯшиданд, як вақт Равшан таклифе ба миён гузошт, ки Башорат чунинашро дар гӯшаи хаёлаш ҷой надода буд.

– Барои саломатӣ ва хушбахтии Малоҳат яккадаҳи менӯшем, – гуфт Равшан ба соғарҳо коняк рехта, – Ҳар касе нанӯшид, соҳибҷашнро ҳурмат накарда ҳисоб меёбад.

– Ман дар умрам нанӯшидаам, – як қад парид Башорат. – Вале соҳибҷашнро эҳтиром мекунам, саломатию хушбахтиашро хоҳонам.

– Мо ҳам замоне наменӯшидем, вақташ расид, нӯшидем, майзада нестем, вале аҳён-аҳён ба саломатии дӯстон як – ду қадаҳ нӯши ҷон мекунем.

– Ҳеҷ қисса нест, як – ду соғараш зарар намекунад, – ба гап ҳамроҳ шуд Малоҳат ва Башорат аз гуфтаи ӯ хулоса баровард, ки дугонааш дербоз машрубот менӯшад.

Қадаҳҳоро бо ҳам заданд, Башорат низ чунин кард, аввал Ворис нӯшид, баъд Равшан, сонӣ Малоҳат. Башорат бо ҳарос ҳамроҳонашонро назорат намуд, онҳо конякро об барин нӯшиданд.

– Ана ҳамааш ҳамин, – соғари холиро ба рӯи миз зад Малоҳат. – Канӣ, ту ҳам гир, бӯй накун, чашмонатро пӯшида дам каш.

Башорат ба гуфтаи вай даромада, башаст машруботро дам кашид. Ба назараш тавре намуд, ки оташро хӯрд, он даҳону гулӯ ва ҳатто рӯдаҳояшро сӯхта рафт. Малоҳат ба вай истакони шарбатро дода, маҷбур сохт, ки нӯшад, ӯ истаконро холӣ кард ва чанде пас ба худ омад. Ворис ҳарисона ба вай менигарист, медид, ки ранги рӯйи духтар арғувонӣ гашт, аз пештара зеботар шуд.

Равшан қадаҳ гуфта, Малоҳатро хеле васф кард, вайро нестдарҷаҳон, дар зебогӣ беҳамто хонда, машруботро нӯшиду соғарро рӯйи миз гузошт ва аз рӯйи духтар бусид. Малоҳат чизе нагуфт, маълум буд, ки ин бори аввал нест, ҷавон аз вай кайҳо инҷониб бӯса меситонад ва он ба духтар маъқул аст.

Башоратро маҷбур сохтанд, ки боз нӯшад. Як вақт духтар ҳис кард, ки сараш гирд мегардад, ҷиҳози хона давр мезанад, фаҳмид, ки маст шуд, вале ба ҷону ҳолаш намонда, боз ба дасташ соғар доданд. Ворис қадаҳ гуфту ба ҷойи Малоҳат Башоратро васф намуд, гуфт, ки ӯ духтари хушрӯйтарини ҷаҳон аст, ин қадаҳро ба саломатии ӯ менӯшад. Вай кадаҳро холӣ карду хам шуда аз рӯйи Башорат бӯсид.

– Шумо чӣ кор кардед? – аз шарм каф ба рӯй бурд вай, вале Ворисӣ якрав хам шуда лаб ба рӯйи дигараш расонд.

– Қаҳратон ба ман маъқул, аз будаатон бештар зебо мешавед, – гуфт ӯ.

– Офарин – офарин, – қарсак зада гуфтанд Равшану Малоҳат.

Онҳо рӯз то бегоҳ нишаста вақтхушӣ карданд, Малоҳат аз хурсандӣ ба куртааш намеғунҷид, борҳо гуфт, ки то он рӯз ҷашни мавлудашро ин хел хуш қайд накардааст.

Дертар онҳо ҷуфт – ҷуфт ба сайру гашт мебаромаданд, Ворис ҳамроҳи худ Башоратро мегирифт, Равшан Малоҳатро. Ворис ҳар дафъа вайро ба мошин савор карда, ба канори шаҳр ё ноҳияи дур мебурд, дар ягон кунҷ зиёфат меоросг. Ҷавон ҳамаи нозу нузи духтарро мебардошт, вале вай аз таҷриба медонист, ки чунинаш дер напояд, чанде пас пиёдаҳо савораю савораҳо пиёда мешаванд, амсоли Равшану Малоҳат, ҳоло дӯсташ фармон медиҳад ва духтар гуфтаашро мекунад. Ва он рӯз даррасид, ки Ворис дер боз интизор буд, нақша мекашид. Вай духтарро ба анбор таклиф намуда, чанд қадаҳ коняк нӯшонд ва духтари сархушро бе душвори ба доми худ даровард, таҷовуз кард.

– Рӯзам сиёҳ шуд, акнун чӣ кор мекунем? – дод зад вай. – Худамро мекушам, зарур буд чунин коратон?

– Аблаҳ, кӯдаки беақл, магар ман беҳуда туро ин қадар вақт хӯрондаю пӯшонида гаштам, – гуфт вай дар дил. – Ҳоло кӣ бе мақсад ба нафари дигар як сомонӣ медиҳад, магар ба ин ақлат нарасид, – вале худро ба даст гирифта тасалло дод ӯ. – Ҳама кор илоҷ дорад, ба духтур меравем, вай ҳисобашро меёбад, ин қадар воҳима накун, охир Малоҳат парво накарда гаштааст – ку!

– Ба вай ҳам чунин рафтор кардед? – ҳаққос зада пурсид ӯ.

– Ман не, Равшан, ҳамааш ба хоҳиши худаш шудааст, ҳоло вай парвои фалак надорад, мебинӣ, Малоҳат Равшанро мекобад ба мулоқот даъват менамояд, маълум, ки маъқул шудааст.

Баъди ин ҳодиса духтар аз ҷавон канор меҷуст, вале Малоҳат инро фаҳмида, ӯро таъна зад, ки аз Ворис нагурезад, «Об, ки аз сар гузашт, чӣ як ваҷабу чӣ сад ваҷаб, рафтем, имрӯз ҳамроҳ оббозӣ мекунем,» – гуфт дар охир вай.

– Акнун мо чӣ тавр шавҳар мекунем? – пурсид ба алам Башорат. – Ё ба ягон занмурда мерасем ё ҳамсари дуюми бойе мешавем?

– Ба духтур рафта табобат мекунему зани якум мешавем, ба хонаи шавҳар ҳамчун арӯси покдоман медароем.

Башорат ҳамроҳи Малоҳат боз ба вохурӣ рафт. Дере нагузашта, духтар дарк намуд, ки ба ҷавон одат кардааст, рафту рӯзе набинад, телефон мекунад ё кофта наздаш меравад, ҳатто чанд шабро дар анбори вай рӯз кард.

Ӯ парвои фалак надошт, зеро чунин вохӯрӣ ба вай маъқул буд, гумон дошт, ки ҳамин минвол бо Ворис во хӯрда, ишқварзӣ карда мегардад, вале Башорати сода як чизро аз мадди назар дур карда буд, хавфнокии онро нафаҳмид. Ворис зану фарзанд дошт, рафту ишқварзии вай овоза шавад, занаш онҳоро ба ҳолашон намонда, рӯзашонро торик мекунад, ба қавли халқ, хом мехӯрад.

Мулоқоти охирини онҳо шабона дар анбор баргузор гашт. Башорат модарашро фиреб дода гуфт:

– Малоҳат то бевақт дарс тайёр мекунем, хавотир нашавед, ман дар хонаи онҳо мехобам, пагоҳ аз ҳамон ҷо ба мактаб меравам.

– Ману Равшан имшаб аз фурудгоҳ бор мегирем,-гуфт ба занаш Ворис. – Шумо хавотир нашавед, барвақттар шавем, меоям, вале чунинаш гумон аст.

Ворис бо нигоҳи шубҳаовар ва тамасхуромези занаш аҳамият надод, вагарна медид, ки вай ба гуфтааш бовар намекунад. Зан дер боз ҳис мекард, ки шавҳараш тағйир ёфтааст, ба ваю хонааш дуруст аҳамият намедиҳанд, тез-тез баҳона меёбад, ғайр аз ин, бозорчизанҳо ба гӯши ӯ расонда буданд, ки назди Ворису Равшан духтарон меоянд ва баъзан тамоми рӯз бедарак шуда мераванд. Аз духтарони ин замона эҳтиёт шавед, рафту суст биёед, ба хонаатон рафта мешинанд, шавҳаратонро кашида мегиранд...

– Очаи зорашонро нишон медиҳам, – гуфт худ ба худ зани Ворис. – Чашмонашро мош барин мекушоям, намедонанд, ки ман духтари кӣ ҳастам, ҳоло бо собунам ҷома нашустаанд...

Зани Ворис шабро бо хобҳои даҳшатнок рӯз кард: гоҳ ӯро мор таъқиб мекард, гоҳ саг мегазид. Ба обу арақ ғӯтида баробари тулуи офтоб аз ҷогаҳ хеста, дасту рӯяшро шусту писаракашро гирифта сӯйи хонаи модараш равон шуд. Вай хиёбони беодамро гузашта, сӯйи бинои панҷошёна тоб хӯрд ва дере нагузашта, занги дари хонаи волидонашро пахш намуд. Дарро модараш кушод ва дар остона духтару набераашро дида ҳайрон шуд.

– Чӣ гап, тинҷӣ, дар ин саҳари солеҳон аз куҷо омадед? – ба саломи духтараш алейк гирифта пурсид ӯ.

– Ҳамаш хуб, як кори зарур доштам, онро ба сомон расонда меоям.

Модар даме бо чашмони аз бехобӣ сурхшуда ва ранги рӯйи кандаи духтараш нигариста нохушиеро ҳис карда хавотир шуд.

– Ворис дар куҷо, вай нағз аст?

– Корҳояш хуб, ҳоло барои бор гирифтан ба фурудгоҳ рафтааст, хайр ман рафтам, то омаданам набераатонро бозӣ доронед.

– Чой наменӯшӣ, падару додаронатро намебинӣ? – кӯдакро гирифта пурсид модар.

– Бо тезӣ бармегардам ва ҳамроҳи шумо ношто мекунам, – гуфт ӯ ва бо қадамҳои сабук аз зина фаромада рафт.

Дар мошинистгоҳ ба таксие нишаста, назди маҳаллаи сиючор пиёда шуд ва сӯйи бозор тоб хӯрд. Дид, ки ягон-ягон бозорчиҳо ба дӯконҳояшон омада , борашонро ҷо ба ҷо мекунанд, ба атроф об пошида мерӯбанд, онҳоро дида ба алам аз дил гузаронд, ки одамони ба тиҷорат шуғл дошта, ана ин хел аз пайи кор мешаванд, вале ин Ворису Равшани ҳаромхиштакҳо то офтоб як қади найза баромадан занҳои бегонаро ба оғӯш гирифта, мехобанд, бинобар ҳамин файзу барака надоранд, чор танга пасандоз карда наметавонанд.

Банди фикру хаёл шуда, ба ошёнаи сеюм баромад ва ноаён дари анборро тела дод, он маҳкам буд, андаке истода, гӯш ба дар наздик бурд, хеле истод, вале ноумед нагашт, як вақт шарфаи пой ва овози духтарона ба гӯшаш расид, ба баданаш мурғак дамид, пойҳояш бемадор гаштанд, рашк ӯро девона мекард. Муштонашро фишурда, андаке поён фаромад ва ба зина нишаст.

Аз зина одамон мефаромаданд, яке ба зан аҳамият надода гузашта мерафт, дигаре норозиёна чашм ало мекард. Як вақт чанд мактаббача мағал карда фаромаданд, вале ба ӯ аҳамият надода рафтанд. Вай тақрибан ним соат дар зинаи сард нишаст, вале ба назараш тавре менамуд, ки рӯзи дароз ҳамин ҷо аст ва аз поидан хаста шудааст.

Аз шарaққоси дар як қад парид, тахмин намуд, ки касе қулфро мекушояд ва хато накард. Аз ҷой парида хесту ду қадам қафо гашт, ҳамин вақт дар кушода шуд ва ҳар ду – зану маъшуқа рӯ ба рӯ гаштанд, паси Башорат Ворис меистод, маълум буд, ки Башоратро гусел мекунад.

Ҳодиса ғайричашмдошт буд, дар назди остона се нафар моту мабҳут гашта, рост меистоданд, ҳама ҳайрону дар ҳаяҷон, зан аввалин шуда ба худ омад ва Башоратро тела дод, остона холӣ шуд ва худаш ба долон даромада дарро пӯшид, дар лаҳзаи дуюм чанг зада аз мӯйи Башорат дошту поён кашид ва бо дасти рост сахт ба рӯяш зад.

– Ту – фоҳиша, ба чанд даромадӣ, ки аллакай мардҳоро бероҳа карда, оилаҳоро хонавайрон мекунӣ?

Аз чашмони Башорат оташ париданд, аз дарди ҷонкоҳ рӯяш сӯхт, аз тарс чиррос зада дод гуфт. Ворис байни онҳо даромад ва занашро ба оғӯш кашида бардошту аз долон дарун даровард, баъд дари берунро кушода Башоратро ба зина сар дод, вай дар тоз поён фаромада рафт. Зани Ворис хост аз пайи вай равад, вале шавҳарш садди роҳаш гашт. Ба рӯйу синаи шавҳараш чанд мушт зад, баъд ваю Башоратро таъна кард, дашном дод. Чанде пас хаста шуда ба хона даромад ва атрофро аз назар гузаронд, кати хобро дида фиғонаш баромад, ана онҳо шабо куҷо хобидаанд, баъд мизчаи маҷаллахониро дид, ки болояш дастархон густурда, хӯрокаю нӯшока гузоштаанд, дар мобайн шишаи коняк, қуттии шоколад ва ду қадаҳи моеъолуд меистод.

– Эҳе, базм хеле пурдабдаба гузаштааст-ку? – писханд зад зан. – Ба алам. – Келинпошшоҳу домодтӯра хеле нӯшидагӣ барин, ин паризод ба чанд даромадааст, ки аллакай шароб менӯшидааст, дар оғӯши мардҳо мехуфтааст...

Баъд ба назди тиреза рафта, сурати он ҷо истодаи Башоратро гирифта, бо алам чашм дӯхт, аз сурат ба ӯ духтари тахминан шонздаҳсола менигарист, вай якпаҳлу истода табассум мекард... Зан паси суратро гардонда сатрҳои он ҷо навиштаро хонд.

– Ана дилашонро кӣ рабудааст, Башоратхон ном доштаанд, дар мактаби Ҷомӣ мехондаанд... Гӯш кунед, мардак, дасту пойи шуморо касе набастааст, оила даркор набошад, чор тарафатон қибла. Аз ёд набаротед, ки ин дукон ва моли он бо пули падарам омадааст, онро холӣ кунед, ман худам омада савдо мекунам...

Ворис занашро ягон маротиба ин хел бадқаҳр надидааст, вай ба девона шабоҳат дошт, тайёр буд дуконро кашида гирад, вай аз чунинаш метарсид, ана, чӣ ният доштааст, не ӯро ин ҷо намегузорад, савдо кардан намемонад, медонад бо чӣ машғул будани занҳои бозорчиро... Занаш чӣ хел омада бошад, ҳамон тавр баромада рафт.

## ШУМХАБАР

Муҳандис Бобоев баъди ношто ба рӯйи ҳавлӣ баромад. Ӯ муҳаррики мошинро ба кор даровардa, каме ба тар – тари он гӯш андохт, баъд қаноатмандона сар ҷунбонд, сонӣ чун одат чархҳоро аз назар гузаронд, баъд як табақи дарвозаро кушода берун баромад ва чашмаш ба ҷавонзане афтод, ки он ҷо истода ба вай менигарист.

– Мебахшед, хато накунам шумо Бобоев ҳастед?

– Ҳа, ман, чӣ хизмат буд?

– Ман ба шумо кори зарур доштам, дарун дароям мумкин? Дар куча гап задан ноқулай аст.

– Марҳамат, дароед, -Бобоев бо таассуф аз дил гузаронд, ки вайро барвақттар таклиф намудан лозим буд.

– Ин духтари шумо?-пурсид вай суратро ба мард нишон дода. – Дар қафояш Башорат навишта шудааст.

– Бале, духтари ман, Башорат ном дорад, чӣ гап тинҷӣ?-Бобоев нохушиеро ҳис кард.-Суратро шумо аз куҷо гирифтед?

– Вай суратро ба шавҳарам тақдим кардааст.

Бобоев суратро гирифта, ба он чашм духт, оре, иштибоҳ нашудааст, ӯ дар ҳолате акс ёфтааст, ки мӯяш парешон, андаке маҳзунона , рост ба бинанда менигарад. Вай ин суратро пештар дида буд, Башорат ба кадом актирисаи Ҳиндустон тақлид карда ба навор афтодааст, боре онро модараш ба вай нишон дода гуфта буд:

– Дадош, духтарамонро бинед, чӣ хел зебо шудааст, баъди ду-се сол хостгорҳо остонаамонро фарсуда мекунанд.

Вале он рӯз Бобоев ба гуфтаи ҳамсараш аҳамият надода буд, нагуфт, ки сояи духтар тунук мешавад, ҳар ҷо духтари зебост, он ҷо деве хуфтааст. «Ана хостгори аввалин ҳам омад», бо алам аз дил гузаронд Бобоев.

– Он чӣ хел ба дасти шавҳаратон расидааст?

– Тамоман оддӣ, худи духтаратон туҳфа кардааст.

– Чаро, бо кадом муносибат? – Бобоев медонист, ки суратбахшӣ нишонаест ба нафароне аз ҳам дур буда, вай худро идора карда натавониста пурсид, Шумо ба гуфтаатон ҳисобот медиҳед?

– Бо чунинаш шухӣ намекунанд, масалан, ҳамин шаб ваю шавҳарам дар як хона буданд...

Дасту пои Бобоев ларзид, хун ба сараш зад, пойҳояш ларзиданд. Вай чунинашро дар гӯшаи хаёлаш ҷой надода буд. Наход духтари зебояш, Башорати бо ҷон баробараш ба чунин кирдор қодир бошад? Вай бо таассуф аз дил гузаронд, ки духтараш имшаб набуд, куҷо хобида бошад, не, бовар намекунам, худам нахӯрдаму вайро хӯрондам, худам напӯшидаму ӯро пӯшондам, оқибат чунин некӣ дидам, сарамонро хам кунад?!

Ҷавонзан бо чанд ҷумла воқеаи имрӯз шударо нақл карду суратро ба замин партофта рафт. Бобоев калавида-калавида табақи кушодаи дарвозаро пӯшид, баъд ба мошин нишаста, муаррикро хомӯш кард ва хост фарояд, ки натавонист.

Назди дари хона занаш меистод вай гуфтугӯи шавҳарашу он ҷавонзани хабари шум овардаро шунида, моту мабҳут гашт, вале маҷоли пеш омадану ба сӯҳбат ҳамроҳ шуданро надошт. Ба назараш тавре намуд, ки чизе аз дилаш канда шуду роҳи нафасашро гирифт ва ҳоло аз пой афтода ҷон медиҳад. Зан бемадорона ба зина нишаст. Модари Башорат ҳолати шавҳарашро дида хавотир шуд ва бо душворӣ аз ҷой хеста назди дарвоза омаду аз бозуи Бобоев гирифт, вай хост ӯро аз бозуяш гирифта , дарун дарораду болои кат хобонад, зеро медонист, ки фишори хунаш баланд гашт ва ба хона надарояд, ба ҳар ҷойи рост омада афтиданаш мумкин.

– Духтарат дар куҷо? – дасти ӯро тела дода пурсид ӯ.

– Дар хонаи дугонааш Малоҳат.

– Ту аниқ медонӣ ё тахмин гап мезанӣ? Ин занро дидӣ, гуфтаашро шунидӣ?

Бобоева на фақат он занро дид, балки гуфтаашро шунид, хост назди вай омада, савол диҳаду ҷавоб гирад, вале мадораш хушк шуд, қувваташ нарасид.

– Он зан гуфт, ки имшаб духтарат ҳамроҳи шавҳари вай будааст.

– Худо нигоҳ дорад, охир ин тӯҳмат аст, бадхоҳанамон бофтаанд.

– Ҳозир духтаратро ёфта аниқ намо, ки шабро дар куҷо рӯз кардааст, агар гапи ин зан рост бошад, ҳардуятон аз ин хона баромада раведу дигар ба назарам нанамоед, рафту туҳмат бошад, очаи зори он буҳтончиро нишон медиҳам.

– Шумо худатонро эҳтиёт кунед, ҳоло ба хона даромада каме дам гиред, ман фишори хунатонро чен карда ягонто дору диҳам.

Мард бе дуд месӯхт. Ин чӣ бедодӣ, наход духтарашро эрка намуда, ба сараш бало карда бошад, акнун байни хешу табор, ёру ошно чӣ тавр сар бардошта мегардад!

– Дарвозаро кушо, ман меравам, – гуфт ӯ даст ба калид бурда.-Тезтар ҷумб, чӣ шах шуда мондӣ, гуфтаамро аз ёд набарор, гапи он зан рост бошад, дигар ба назарам нанамоед.

– Хуб шудааст, вале шумо камтар дам гиред, болои алла залла нашавад.

– Ба ман корат набошад, дарвозаро кушо гуфтам.

Мошин аз дарвоза баромада, сӯйи роҳи калон тоб хӯрд ва чанде пас бо нақлиётҳои гуногунранг омехта шуда, аз назар нопадид гашт.

Модари Башорат ба хона даромада либосҳояшро иваз намуду сӯйи манзили Малоҳат роҳ гирифт. Вай ба ҳавлии онҳо борҳо рафта буд. Аз қади бозор гузашт ва ба тарафи беморхонаи вилоят тоб хӯрд, баъд ба майдони калон баромад. Ҳанӯз аз дур сӯйи дарвозаи дутабақаи кабуд нигариста, пичир – пичиркунон аз Худо мадад металабид, илтиҷо менамуд, ки омади кор диҳад, шарманда накунад, ҳамаи ин чун хоби мағшуш гузашта равад.

Занги дарвозаро пахш намуд ва дере нагузашта, даричаро модари Малоҳат кушод. Вай зани тахмин чилсолаи фарбеҳи сиёҳчурда буд, дар бар хилъати дароз ва кафши сабук дошт.

– Биёд, дугона, хавотир шудед, духтарҳо дарс тайёр карда истодаанд.

– Туи беақл аз куҷо донӣ, ки онҳо дарс тайёр мекунанд, ё ягон чизи дигар, – гуфт дар дил бо алам модари Башорат. – Шон боз дугона будааст, алҳазар аз чунин шиносат.

Ҳар ду пасупеш ба хонаи пазироӣ даромаданд. Он ҷо Башорату Малоҳат кучур – кучуркунон сӯҳбат мекарданд, онҳо занҳоро дида хомӯш шуданд ва аз ҷой хестанд. Модар рӯйи сиёҳу кабуд ва чашмони аз гиря сурху варамкардаи духтарашро диду дилаш тах кашид, вай дар куҷо бо кӣ ҷанг карда бошад, наход бо он ҷавонзани ба хонааш омада?

– Хуш омадед, – гуфт модари Малоҳат. – Баҳузур суҳбат кунед, ман ҳозир чой меорам.

– Лозим нест, мо меравем.

Соҳибхона берун баромад, Малоҳат аз паси вай рафт. Модар сӯйи духтараш чашм ало кард, нигоҳаш дили Башоратро мешикофт.

– Шаб дар куҷо будӣ?-пурсид ӯ.

– Ҳамин ҷо, ҳамроҳи Малоҳат хобидем.

– Ба рӯят ҳам Малоҳат зад?

– Не афтидам.

– Барои ҳамин ба мактаб нарафтӣ? Бас аст сафсатагӯӣ, чанд сол боз лоф мезанӣ, рости гапро гӯй, вагарна кор чатоқ, як зан пагоҳӣ ба назди падарат омада, шикоят кард, ки ту имшаб ҳамроҳи шавҳараш хобидӣ...

– Сафсата, – шӯрид вай, вале гуфтааш чандон боварибахш набуд.

– Вай суратро овард, гӯё худат ба шавҳараш тухфа карда бошӣ.

Маро падарат наздат фиристод,ки асли воқеаро фаҳмам, гуфт, ки рост бошад, ҳар ду аз хона баромада равем ва дигар ба назараш нанамоем.

– Рӯям сиёҳ шуд, – дигар тоқат карда натавониста, наҳва кашида рӯяшро бо кафаш пӯшид Башорат.-Акнун чӣ кор мекунам, ба чашми падарам чӣ хел менигарам?

– Иқрор шав, гуфтаи он зан рост аст?

– Ҳа,-пасупеш сар ҷунбонда гиря кард Башорат.

– Бо вай ҳамхоб шудӣ? – як қад парида пурсид модар.

– Ҳа, чунинаш рӯй дод.

– Натарсидӣ, ақлу ҳушат дар куҷо буд, акнун кӣ туро зан мекунад, рафту ҳомиладор шавӣ, чӣ хел мезоӣ?

Башорат хомӯш монд, чӣ гуфтанашро намедонист, роҳи аз ин моҷаро халос хӯрданро намеёфт. Бо алам аз дил гузаронд, ки на фақат рӯяш, балки рӯзашро ҳам сиёҳ кард, ана оқибати булҳавасию сабуксарӣ, аз хона меронанд, тифл дар батн куҷо меравад, дар ягон кунҷи олам намеғунҷад, аз чунин зиндагӣ мурдан беҳтар...

– Падарам ба кор рафтанд?

– Ҳа рафтанд, вале ба як аҳвол буданд, базӯр мошин меронданд, Худо дар паноҳаш нигоҳ дорад. Хайр, дар хонаи бегона масъала ҳал кардан кори оқил нест, рафтем ба ҳавлиамон, ҳамон ҷо маслиҳат менамоем, роҳи ҳалли масъаларо меёбем.

– Магар чунинаш мешавад, магар ин масъалаи печдарпеч ҳалшаванда аст? Аз хона ронанд куҷо меравем?

– Ягон илоҷашро меёбем, – ҷавоб дод модар.

Вале Башорат ҳис мекард, ки дар кӯчаи сарбаста монд, аз хонаю мактаб меравад, на фақат худаш, балки модарашро ҳам дар ба дар менамояд, бечора волидонаш духтар калон карда чӣ диданд?

– Шумо равед, ман ним соат пас меоям.

– Чаро ҳамроҳи ман қадам намезанӣ? – ҳайрон шуд модар.

– Одамон дар кӯча ҳардуямонро бинанд чӣ мегӯянд, ана, духтарашро пешандоз карда мебарад, пас бачааш гуноҳ дорад мегӯянд.

Сари модар ба дард даромад, пеши чашмонаш торик шуданд, вай маҷоли фикр кардан надошт, гумон бурд, ки духтараш ҳақ аст, ним соат дер ояд, осмон ба замин намефарояд.

– Дер намон, аз паси ман расида биё, – гуфт модар ва аз дар баромад.

Башорат хеле андеша кард, бо таассуф аз дил гузаронд, ки кас бояд барои кирдори неку бадаш ҷавоб диҳад. Вале афсӯс, ки вай дер бедор шуд,

бори аввал кирдори худро ҷиддӣ дарк кард, фаҳмид, ки то ин вақт зиндагиаш ҳавою ҳавас буд парвои фалак надошт, оқибат ба чунин рӯз расид. Акнун чи кор кунад, сари сахташро ба куҷо занад?

– Худатро куш, ба об парто, овез, заҳр хӯр, – аз ғайб меомад овозе...

Аз байн як соат гузашт, вале аз Башорат дарак набуд. Модар ҳар замон ба рӯи ҳавлӣ баромада атрофро аз назар мегузаронд, вале духтараш наменамуд. Вай қафо баргашта ба хона даромад ва сар болои миз монда гиря кард, вале дилаш сабук нашуд, боз баръакс вазнинтар гашт, ӯро сиёҳӣ пахш намуд, сарашро болои миз гузошта, хеле нишасту фикр кард. Як вақт аз чизе тарсида, парида хест ва фаҳмид, ки ғанаб кардааст, баъзан чунинаш рӯй медод. Сахт ба ҳаяҷон ояд ё хафа шавад, хобаш меомад. Парида аз ҷой хесту рӯйӣ ҳавлӣ баромад, вале Башоратро надид, вай ҳанӯз наомада буд. Ба дарвозахона расид ва ба тарафи чап, сӯи мошинсарой нигаристу бо тамоми қувва дод зад... Дид, ки Башорат дар миёни мошинсарой худро бо ресмони мошинкашӣ овехтааст, зери пояш чорпояе ғелида хобидааст. Маълум, ки болои он баромада, сарашро бо ҳалқа андохта, курсиро бо пой задааст. Модар нолаи ҷонхароше бароварда, ба замин афтиду аз ҳуш рафт...

Ҳамсояҳо овози воҳиманоки занро шунида, ба ҳавлӣ даромаданду манзараи даҳшатнокро диданд, ресмонро бурида, Башоратро ба замин хобонданд, вале ӯ нафас намегирифт, ба рӯи модараш об пошида, вайро ба ҳуш оварданд...

### *Муфаттиш айбдор мекунад*

Ба дафтари кории Собирӣ Воситро оварданд. Вай ҷавони биступанҷсолаи сафедпӯсти шикамдамида, ки дар бар либосҳои гаронарзиши хушдӯхт дошт, аз дар даромада, саросема назди Собирӣ омад. Тамаллуқкорона дудаста вохӯрӣ кард ва қафо омада саволомез ба муафттиш нигарист.

– Чи хизмат буд, рафиқ майор? – пурсид вай.

– Шинеду ба саволҳои ман ҷавоб диҳед.

Собирӣ ному насаб, солу ҷойи таваллуд, истиқомат барин маълумоти умумиро пурсида якбора ба матлаб гузашт.

– Шумо Башорат Бобоеваро мешиносед?

– Ҳа.

– Кай, дар кадом ҳолат ба вай шинос шудед?

Вай чашмонашро нимпӯш карда, ба дарёи фикр ғӯтид, гӯё кай ва чӣ хел бо духтар шинос шуданашро ба ёд меоварда бошад. Ин кирдораш ба назари муфаттиш тухми шубҳа кошт

– Ман дар бозор савдо мекунам, вай борҳо аз ман мол харидааст, вале бори нахуст вохӯрданамон дар ёдам нест.

Муфаттиш аз дур савол медод ва оҳиста-оҳиста пеш меомад. Аз дил гузаронд, ки айёр аст Ворис, пеш аз омаданаш аз нафаре маслиҳат пурсидааст.

– Муносибати шумо чӣ хел буд?

– Тамоман оддӣ, салом-алеку хайрухуш.

– Гуфтаниед, ки ҳамчун харидору фурӯшанда?

– Ҳа, дуруст гуфтед, айнан ҳамин тавр.

– Шояд андаке наздиктар бошад, шумо саросема нашавед, мо вақти зиёд дорем, сӯҳбатамон ҳам кашол меёбад, саволро такрор мекунам, муносибататон бо Башорат Бобоева чӣ хел буд?

– Мо якдигарро дӯст медоштем,-забон хоид ҷавон.

– Муносибататон то кадом сатҳ буд, фақат рости гапро гӯед, сафсата бофта, тафтишотро бероҳа накунед, чунинаш фоида надорад, мо аз асли воқеа хабардор мешавем.

Ворис хост «не» гӯяд, вале ба ёд овард, ки дар ибтидои суҳбат муфаттиш вайро огоҳ карда буд, ки рости гапро гӯяд, барои дурӯғ гуфтану санадеро пинҳон сохтан мувофиқи фалон моддаи Кодекси ҷиноятӣ ба масъулият кашида мешавад, вай «дар ин бора огоҳ шудам» гуён имзо гузошта буд.

– Мо муносибати наздик доштем, – ҷавоб дод вай.

– Алоқаи ҷинсӣ ҳам доштед?

– Бале, баъзан чунин ҳам мешуд, вале ин бо хоҳиши тарафайн сурат мегирифт ва ман дар ин кор гуноҳе надорам, зеро Башорат шонздаҳсола буду ақли солим дошт, ман дар моддаи 141-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хондаам, – ҳавобаландона гуфт Ворис.

Собирӣ даме бо чашмони ҳамсӯҳбаташ нигоҳ кард, гӯё вай як моддаи Кодекси ҷиноятиро хондааст, ҳамонаш ҳам гумон, ба фикрам, касе маслиҳат додагӣ барин, вагарна вай куҷоюю ҳамин моддаи қонунро донистан куҷо, ақлаш намерасад.

– Шояд хонда бошед, вале бо он сарфаҳм нарафтед, – ҷавоб гардонд майор. – Дар моддаи 141-и ҳамон кодекс омадааст,ки алоқаи ҷинсӣ ва дигар кирдори дорои хусусияти шаҳвонӣ ба шахсе, ки бараъло ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

– Охир, Башорат шонздаҳсола аст, моҳи гузашта мо зодрӯзашро қайд намуда будем, – шарҳ дод Ворис.

– Бале, як моҳ пеш шонздаҳсола шуд, вале шумо бо вай пештар, ҳанӯз ба шонздаҳ надаромада алоқаи ҷинсӣ карда будед, инро тафтишот ба далелу бурҳон собит намуд, ғайр аз ин, вай дар батн аз шумо кӯдаки семоҳа дошт, тоҷиред, бояд ҳисобу китобро донед, фаҳмед, ки се моҳ пеш Бобоева ба синни шонздаҳ нарасида буд. Хулласи калом, тафтишот ба шумо мувофиқи моддаҳои 141 ва 109-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳури Тоҷикистон айб эълон мекунад...

– Моддаи як саду нӯҳаш боз чист? – ҳайрон шуд Ворис.

– Ба худкушӣ расондан.

Ман вайро маҷбур накардаам, ки худашро овезад, – як қад паррид Ворис.

– Дуруст аст, ки маҷбур насохтед, вале бо он оварда расондед, мусоидат намудед, тасаввур намоед, духтари ба шонздаҳ нарасида, ҳомиладор шуд, дар кӯчаи сарбаста монд ва ғайр аз худкушӣ дигар илоҷ наёфт. Вай аз шармандагӣ маргро афзал донист, ҳамин тавр?..

– Чунинашро медонистам, ман ба вай хонадор мешудам, ҳамроҳ зиндагӣ мекардем.

– Дурӯғ нагӯед, байнатон чунин гап шуда буд, вале ба сараш мушт бардошта, талаб намудед, ки исқоти ҳамл кунад, зеро аз занатон метарсед, ба тиҷорат ҳиссаи вай калон аст, дуконро падараш харида, ба шумо додааст, барои харидани мол маблағи калон додааст, ҳоло ҳамсаратон аз шумо ҷудо шуда, тиҷорататонро ба дасташ гирад, ду даст дар бинӣ мемонед, аз ин рӯ, вайро ҷавоб дода наметавонед.

Ворис карахт шуд. Майор ҳамаи инро аз куҷо фаҳмидааст, кор чатоқ барин, адвокат гирифтан лозим, вагарна ин муфаттиш ба сари ман ними моддаҳои кодекси ҷиноятиро бор мекунад.

– Не, ман вайро ба худкушӣ нарасонидаам, ин нодуруст аст, ман адвокат талаб мекунам, – аз ҷой нимхез шуд Ворис, вале майор медид, ки вай ба тӯби сӯрохшуда шабоҳат дорад, ҳозир дамаш мебарояду паҷмурда мешавад.

– Шумо бо чунинаш ҳуқуқ доред, – розӣ шуд Собирӣ. – Марҳамат, телефонро гиреду ба адвокататон занг занед.

Ворис чанд рақамро гирифта ба касе гуфт, ки ӯро кормандони милиса боздошт намуданд, тезтар омада роҳи халосиашро ёбанд, ба амакаш ҳам хабар диҳанд.

Майор гӯширо гирифта ба ҷояш монд, баъд тугмаи зангро пахш намуда, ба наздаш посбонро даъват намуд. Ба утоқ ҷавони қоматбаланди паҳлавонпайкар даромаду пошнаҳои пойафзолашро ба ҳам зада, саволомез сӯйи муфаттиш нигарист.

– Боздоштшударо баред, – варақеро ба ӯ дароз намуда гуфт Собирӣ.

Ӯ даме дар утоқ хомӯш нишаст, баъд ба долон баромада назди дари даромад рафт. Навбатдор, майори миёнақади шикамдамида ба пешвозаш омаду пурсид:

– Боздоштшударо ба кампи умумӣ ҷой кунем?

– Ба он ҷо нигоҳ доред, рафту суд раводид диҳад, ба маҳбаси тафтишотӣ мегузаронед.

– Хуб, – нақшаи муфаттишро маъқул донист сардори қисми навбатдорӣ.- Вай ба ин меарзад, бигзор домодтӯра ба қавли аврупоиён «моҳи асал»-ро он ҷо гузаронад.

Собирӣ мақсади вайро фаҳмид. Айёр аст, ин майор, мехоҳад масъулияту ташвишаш беш нашавад, дард каму дарди сар кам гуфтагӣ барин мехоҳад Ворисро ба дигар боздоштгоҳ баранд.

– Мефармоям, ки имрӯз боз се чор нафарро боздошт намуда ба ихтиёри шумо супоранд, – шӯхӣ кард Собирӣ ва ба норозигии майор аҳамият надода аз дар баромад…

## ФОҶИА ДАР ДЕҲА

Куштори ваҳшиёна сокинони деҳаро ба ҳайрат овард. Салим ба пайкари Боҳир чанд корд мезанаду ихтиёрӣ ба шӯъбаи корҳои дохилӣ рафта арз мекунад, ки одам куштааст. Шаҳр начандон калон буд, аз ин рӯ аксар якдигарро мешинохтанд, аз кору бор ва рӯзгори ҳамдигар огоҳ буданд. Ҳайрон мешуданд милисаҳо, охир, ҳарду ҷавон дар як мактаб хондаанд, ҳамроҳ ба Руссия мардикорӣ рафтанд ва чӣ шуд, ки яке ба сари дигар корд бардошт. Охир, Салим ба чунин кор қодир нест, вай касеро озор намедиҳад, ё дар мусофирӣ хулқухӯяш тағйир ёфта бошад?

Шоҳидон, онҳое, ки дар маҳалли ҳодиса буданд, Боҳирро ба беморхона бурдан хостанд, вале фаҳмиданд, ки ӯ аллакай мурдааст. Ба ҷасад кордор нашуда, ба нозири минтақавии милиса одам фиристоданд.

Ҳамдеҳагон ба тарзи худ ин ҳодисаро шарҳ медоданд. Аксар бовар накарда мегуфтанд, ки баръакс будагист. Шояд Боҳир Салимро зада кушта бошад. Баъди фаҳмидани ҳақиқати ҳолЮ гиребон дошта мегуфтанд:

– Тавба, ба ӯ чӣ шуда бошад?

Онҳое, ки аз муносибати ин ду ҷавони сисола хабар доштанд, мегуфтанд, ки Боҳири номард ба сари Салим об рехт, худ нокас буд ва хонаи касро сӯхт.

Ба Салим барои куштор парвандаи ҷиноятӣ кушоданд. Ҷойи баҳс набуд. Қотил худ ихтиёрӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ омаду ба айбаш иқрор шуд, шоҳидон гуфтаи ӯро тақвият доданд, далели шайъӣ ҳам ёфтанд. Вале аз асли воқеа ҳамагӣ чанд нафар хабар доштанд. Онҳо бегуноҳии Салимро медонистанд.

Салим дар деҳа, дар оилаи деҳқон таваллуд шуда буд, ҳамин ҷо ба воя расид. Баъди хатми мактаб тракторчии хоҷагӣ шуд. Пас аз кор, дар полезашон деҳқонӣ мекард, чорвояшро парвариш менамуд. Зиндагиашон чандон хуб набошад ҳам, он қадар бад набуд. Оиладор шуд, ду фарзанд ёфт. Падару модари пираш дар ҳавлии ӯ буданд, се хоҳараш шавҳар карда рафтанд. Онҳо дар гирдоби зиндагии худ базӯр қаиқронӣ мекарданд.

Бухрони шадиди иқтисодии солҳои охир ба оилаи онҳо ҳам таъсир кард. Бори зиндагии Салим гаронтар мегашт. Азбаски дар оила коргари ягона буд, худро чор тараф мезад, вале якеаш ду намешуд. Хоҷагӣ ба шакли дигар гузашт, тракторашро гирифта ба хеши раиси нав доданду ӯро пиёда карданд. Акнун як банд алафро аз саҳро бардошта меомад.

Ҷавон ҳис мекард, ки сояи қашшоқӣ ба сарашон мефарояд ва дере нагузашта, ҳолашон аз ин ҳам вазнин мешавад. То тамом шудани захираҳои пештара бояд чора андешид. Аз субҳ то шом мӯрчавор меҷунбид. Кор ба ҷое расид, ки даст ба савдогарӣ зад. Аз бозори марказӣ меваю сабзавот мехариду ба бозорчаҳои атроф мебурд ва андаке гаронтар мефурӯхт. Зиндагиаш каме беҳтар шуду доираи фаъолияташ васеътар. Ӯ мақоли "нимтои нон роҳати ҷон-яктои нон балои ҷон"-ро ба инобат нагирифта дуртар мерафт. Кор ба ҷое расид, ки ба гурӯҳи савдогарон ба Русия меваи хушк мебурдагӣ шуд. Даромадаш хуб буд, вале сад мушкилӣ пеш меомад.

Ин ҳам, заду вай ҳам зад гуфта барин, дар бозорҳои бегона ҷой ёфтани тоҷирони тоҷик душвор буд. Кормандони милиса, андоз, бозор, идораҳои

санитарӣ, авбошу дуздон паси ҳам меомаданду " ҳаққи" худро рӯёнда, мерафтанд. Алалхусус милисаҳо ӯро безор мекарданд. Рафиқонаш хандида мегуфтанд, ки андоми Салим ба онҳо маъқул нест, барои ҳамин ба ӯ кордор мешаванд.Вай ҷавони лоғари қоматбаланд, мӯйю ришаш сиёҳ буд.Тоҷик буданаш аён мегашт. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки тез-тез медоштанду ҳуҷҷатҳояшро тафтиш мекарданд баъзан пулашро кашида мегирифтанд ё хизмате мефармуданд. Салим даҳон намекушод, чӣ ҳам мегуфт, мусофирӣ азоби сахт буданашро фаҳмида, сархам аз онҳо дур мерафт. ҳатто забони русиро дуруст намедонист, ки ба таъқибкунандагон бегуноҳиашро фаҳмонад.

Аз ҳама бештар "полтора Иван" ном милисаи болобаланди паҳлавонпайкар ба Салим кордор буд. Бо сабаби калонҷуссагиаш ӯ лақаби "полтора", яъне якуним гирифта буд. Худаш ҳам мегуфт, ки вай баробари якуним одам мехӯраду менӯшад, нимтаи ҳаққашро бояд дигарон таъмин намоянд.

Салим бо ду ҳамдеҳааш хонаеро иҷора гирифта кор мекард. Боҳир як маҳалла дуртар аз онҳо манзил дошт. Вайро Салиму ҳамроҳонаш дӯст намедоштанд, зеро фиребгар буд, бисёр дурӯғ мегуфт. Медонистанд, ки барои як сӯм рост меистад, ба корҳои паст қодир аст, тоҷику тоҷикистониро шарманда мекунад. Салим ҳар вақт бо вай рӯ ба рӯ шавад, ноилоҷ салому алейк мекарду ба роҳаш мерафт.

Ҳамон рӯз Салим пакару димоғсӯхта буд. Аз чӣ бошад, ки ҳамроҳонаш сари вақт мева нафиристоданд. Вақт беҳуда мегузашт. Ҳафтаи гузашта худаш ба Тоҷикистон омада буд, аммо кораш омад накард. Автобусашонро дар Ӯзбекистон дошта, хеле кофтанд ва ҳамаи пули байни либосҳо руст кардаашро дарёб намуда гирифтанд. Салим бераҳмии низомиёни ҳамсояро медонист. Шунида буд, ки илтимос фоида надорад, даҳон кушоӣ, ба бало мемонӣ. Аввал хеле мезананд, баъд байни либосҳояш маводи мухаддира партофта ҳабс мекунанд.

Зорию тавалло намуд, ки аққаллан ними пулашро диҳанд, кӯдаконаш на хӯрдание доранд, на пӯшидтанӣ, волидони пираш ҳам, бо умед роҳи ӯро мепоянд. Охир, чор танга пул ба ӯ чун обу ҳаво зарур буд. Як қисмашро барои маишати оила сарф мекунад, ба дигараш бор харида Русия мебарад.

– Ба нағзӣ гум шав. – дӯғ зад афсаре. – Вагарна очаи зоратро нишон медиҳам.

– Раҳм кунед, ако. Дар хона нони хӯрданӣ надорам.

Низомпӯше ӯро паси дибонгоҳ бурда ду-се мушт зад. Ҳамин тавр салим ба хона бо сару рӯйи кабуду кафида, ду ангушт ба бинӣ омад. Аз шарм на ба рӯйи волидонаш нигариста метавонист на ба чашмони кӯдаконаш.

Падараш, ки марди ҷаҳондидаю оқил буд, вайро тасалло медод. Мегуфт, ки ҳеҷ гап нест, ин дафъа ҳушёр шавад, имкон бошад, бо тайёра ояд. Бале,тайёра қулай аст, якбора аз Русия ба Тоҷикистон мепаррад.

Салим бо сад машаққат аз чанд шинос андаке пул қарз гирифта ба Челябинск баргашт ва меваи овардаашро бозор баровард. Кораш омад кард.

Дар зарфи як ҳафта ҳамаашро фурӯхт. Аз чӣ бошад, ки шариконаш бор нафиристоданд. Ӯ ҷойи нишаст намеёфт. Кӯча мебаромад, хона медаромад, ва боз ба тарафи бозор равон мешуд.

Бо чанд рафиқаш вохӯрд. Ба гуфтаи онҳо беҳавсала гӯш мекард, хаёлу хотираш парешон буд. Дар чунин аҳвол ба кӯча баромад ва сӯйи шабакаи алоқаи шаҳр равон шуд. Аз дил мегузаронд, ки ҳозир ба хонаашон телефон мекунад, овози одамони ба ҷон баробарашро гӯш мекунад, баъд мефармояд, ки ба рафиқонаш хабари бе бор мондаашро расонанд.

– Салим, ист, куҷо меравӣ? – ба гӯшаш овози шинос расид.

Баргашту Муҳаммади озарро дид. Вай низ тоҷир буд, аз ватанаш меваю сабзавот оварда дар бозори шаҳр мефурӯхт. Ду дукон дошт, Салим назди дукони вай мева мефурӯхт.

– Ҳа, Салим, куҷо меравӣ, чаро ин ҷо мегардӣ? – баъди вохӯрӣ пурсид ӯ.

– Борам тамом шуд, бекор гаштан ба дилам зад. Ба шабакаи алоқа рафта телефон мекунам, ки бор фиристанд.

– Аз ту илтимос, Салим – баъди каме андеша гуфт Муҳаммад. – Як дақиқа хона даро, пул диҳам сари роҳ ба Анвар расон.

Салим Анварро мешинохт. Ваю Муҳаммад ҳамшаҳрию ҳамкор буданд, ҳамроҳ тоҷирӣ мекарданд. Ҳар сӯмро бо ҳам медиданд, ягон бор тую ман намекарданд.

Ӯ лаҳзае ба мӯйи ҷӯлида, бурути чун думи муш овезони ҳамсояаш нигаристу инкор накард, ва ба ҳавлиаш даромада, ба хараки паси миз нишаст. Бо пули бегона дар мулки мусофирӣ гаштан душвор аст. Рафту ҳодисае шавад, вой бар ҳолаш. Он вақт сари сахташро ба куҷо мезанад?

– Илтимос, аз шабакаи алоқа баромада баъд равӣ ҳам мешавад. Бисёр не, ҳамагӣ панҷ ҳазор доллар, – зорӣ кард ва панҷ даста пулро рӯйи миз гузошт Муҳаммад.

– Наметавонам, хоҳишмандам, наранҷ, ман саросема дӯстам, худат бар. Рости гап, ман метарсам.

– Эҳе, Салим, охир ту кӯдак нестӣ ва мо якдигарро хуб мешиносем. Кори зарур баромад, вагарна худам мерафтам. Илтимос, не нагӯ, ман қарздор нашавам.

Салим бо дили нохоҳам пулҳоро ба кисаҳояш ҷой карда кӯча баромад. Дилаш хиҷил буд. Рафту ягон фалокат сар занад, ба бало мемонад.

Толори шабакаи алоқа чун ҳарвақта серодам буд. Ба телефончӣ рақами даркориашро гуфту қафо гашт ва ҳамин вақт Боҳирро дид, ки аз ӯ чашм намеканд. Салим шод гашт. Ганда бошад ҳам ҳамдеҳаашон, чорта чақ-чақ мекунанд. Шояд дар бораи диёрашон ё шиносон ягон чизи нав донад. Ҳар ду вохӯрдӣ карданду аз ину он гап заданд. Боҳири паканаи шикамдамида берабт гап мезад. Мегуфт, фалонӣ даҳ тонна пиёз овард, бисмадонӣ ду КАМАЗ карамро ба пул зад ва ғайраву ғайра.

Як вақт ба толор ду милиса даромаданд. Дили Салим баробари дидани онҳо таҳ кашид. Ӯ полтора Иван буд, ки ҳар замон дар кучаю пасткӯча ӯро дошта, озор медод, пулашро кашида мегирифт, Салим ба тарафи дигар рӯй гардонд. "Ҳаминаш кам буд, дар чунин соату дақиқа аз куҷо омад ин якуним одам".

Полтора Иван рӯ ба рӯи Салим истоду тамасхуромез сӯяш нигарист. Салим ноилоҷ сар бардошт ва бо ишорати сар салом дод. Полтора Иван ба ҷои алек

омирона ишорат намуд, ки берун барояд.

"Омад ба сарам аз чӣ метарсидам". – гуфт ӯ дар дил. – Бароям, пулро кашида мегирад. Набароям зӯран берун мебароранду ба кунҷе кашида ҳам пулро мегиранд, ҳам мезананд, Чӣ бояд кард, Кадом тараф гурезам Охир гурехта ҳам куҷо меравам, Ногоҳ фикри аҷибе дар сараш ҷой гирифт. Пулро ба Боҳир медиҳаду худаш назди Полтора Иван меравад. На сих месӯзаду на кабоб. Вай матлабашро ба ҳамсӯҳбаташ гуфт.

– Ҳеҷ гап не, охир дӯстию ҳамдиёрӣ дар ҳамин хел мавридҳо лозим, – гуфт Боҳир – Бидеҳ пулатро.

Салим оҳиста-оҳиста панҷ бандча пулро аз кисаҳояш бароварду ба Боҳир дода, таъкид намуд, ки ҳеҷ ҷой нарафта мунтазир бошад ва сӯйи дар равон шуд. Полтора Ивану ҳамроҳаш чанд қадам дуртар аз дари толор меистоданду сӯйи ӯ менигаристанд. Салим назди онҳо омад.

– Саша, барои хӯроки чошт камтар пул деҳ – хоҳиш намуд полтора Иван.

– Ана гап дар куҷо будааст, ҳаминро барвақтар мефаҳмид, ин қадар наметарсид. Қариб буд, ки гурдакаф шавад. Вай ду садсӯмаро аз кисааш баровaрда, ба милиса дароз карду дар дил гуфт: "Гир, заҳру зуқумат шавад".

– Милисаҳо пулро гирифта рафтанд. Салим нафаси осуда кашида, қафо гашт. Вай хурсанд буд, ки аз милисаҳо ба осонӣ халос хӯрд. Аз ин бадтар шуданаш мумкин буд. Бо банди фикру хаёл ба толор даромаду Боҳирро надид. Толорро давр заду ҳозиронро аз назар гузаронд, вале аз ӯ нишон набуд. Пайкараш аз араќи сард тар шуда, ба баданаш мурғак дамид, дасту пояш бемадор шуданд. Ноилоҷ ба хараке нишаста, чашмонашро пӯшид. Куҷо шуд Боҳир, – пурсид худро. – Наход ба хонааш рафта бошад? Ӯро кофтан лозим".

Аввал гумон кард, ки вай ҳазл мекунад, баъд нохушиеро ҳис намуд. Аз ҷой башаст хест,кӯча баромада, сӯйи хонаи Боҳир равон шуд. " Ёфтӣ вақти шӯхия, – мегуфт ӯ дар дил. – Аблаҳи гузаро, магар ҳазл ҳамин хел мешавад? Гурдакаф шудан мумкин".

– Боҳир дар рӯйи ҳавлӣ паси миз рӯ ба рӯйи соҳибхона нишаста пиво менӯшид. Салимро дида, нигоҳаш ҳайратомезу норозиёна шуд. Аён мегашт, ки аз ташрифаш хушнуд нест.

Салим саволомез ба чашмонаш нигарист.

– Ин чӣ кори кардаат, Қариб буд, ки дилам аз кор монад. Чаро бе хайрухуш баргаштӣ? Барор пулҳоро!

– Ту чӣ мегӯйӣ, кадом пулро? – худро ба нодонӣ зада, китф ҷунбонд Боҳир. – Ман аз ту сӯме нагирифтаам.

– Салим ба чашмони хилмолуду мешии вай нигарист. Не, шӯхӣ накарда, ҷидди ҳарф мезанад. Худро идора карда натавониста, девонавор дод заду гулӯйи Бохирро фишурд. Соҳибхона, марди тахминан шастсолаи сурхрӯй парида аз ҷой хесту бо овози баланд дод зад:

– Чаро бе иҷозат ба ҳавлии ман омада, авбошӣ мекунӣ? Рав, вагарна милисаро ҷеғ мезанам.

– Ман худам ҳозир милисаро меорам, – гуфт Салим, вале донист, ки арз карда наметавонад. Гуфтаҳои вай бо Боҳири фитнагар таъсир нарасонд.

Ҳар ду хеле баҳсу мунозира карданд, вале Боҳир тан намедод. Мегуфт, ки

пул нагирифтааст, имрӯз аз хона набаромадааст. Бовар накунад, аз соҳиби манзил пурсад. Пул гирифтанашро кӣ дидааст, магар шоҳид дорад? Аз ёд набарорад, ки барои тӯҳмат хам ба масъулият мекашанд.

Салим ноилоҷ ба хона рафт. Вай ба шахсе монанд буд, ки мурданивор калтак хӯрдааст. Рафиқонаш Абдураҳим ва Мурод аҳволи ӯро дида, аз ҷой хестанду ба пешвозаш чанд қадам пеш омаданд. Каме дуртар Анвару Муҳаммади озар низ менишастанд. Онҳо хам аз ҷой хестанд.

– Чӣ гап шуд? – ба рӯйи ӯ нигариста, пурсид Абдураҳим. – Ту ба бемор монандӣ. Чаро пулро ба Анвар набурдӣ?

Салим худро дошта натавониста, ҳунгосзанон гиря кард. Аз алам шашқатор ашк мерехт.Аз оби дида рӯяш месӯхт. Ин чӣ гап аст? Чаро тақдир ба вай паси ҳам зарба мезанад? Ба кӣ гуноҳ кард? Чанде пеш пулҳои бо сад машаққат ёфтаашро кашида гирифтанд. Хайр, онҳо бегонаҳо буданд.Имрӯз бошад, ҳамдиёраш фиреб дод. Охир, вай медонад, ки дар мусофирӣ маблағ ёфтан кори саҳл нест. Азоби сагро кашидан лозим. Бо чӣ қадар душворӣ таънаю маломат пулро меёбанду муфт аз даст медиҳанд.Тарс, изтиробу ҳаёҷон, фикрҳои мухталиф кори худро карданд. Вай беҳуш шуда ба китфи Абдураҳим афтид.

Як вақт аз хоби ҳавлноке бедор шуд. Чашм кушода фаҳмид, ки рӯйи кат хобидааст ва рафиқонаш ба рӯяш об мепошанд. Ба димоғаш ким-чихел маҳлули бадбӯе мегузоранд.

– Хайрият, ки ба худ омадӣ – гуфт Мурод, – Чӣ воқеа шуд, ки туро тарсонд, пулҳоро куҷо кардӣ?..

Салим фиқ-фиққунон воқеаро ба рафиқонаш нақл намуд. Абдураҳими паҳлавонпайкар мушташро чанд маротиба ба миз зад. Вай тайёр буд, худи ҳозир парида аз ҷой хезаду рафта Боҳирро то мурданаш занад. Ин чӣ бедодӣ? Номардӣ ҳам ҳадду ҳудуд дорад. Вале ҳамроҳонаш намонданд.

Чанде пас, панҷ нафар сӯйи хонаи Боҳир равон шуданд. Боҳир ҳамоно бо соҳиби хона пиво менӯшид. Тавре вонамуд мекард, ки гӯё воқеае сар назада бошад, вале ранги рӯяш пахтасон буд. Вай панҷ ҷавони ба ҳавлӣ омадаро дида, тарсид. Дастонаш ларзиданд. Бо вуҷуди ин, худро бой надода, инкор мекард. Мегуфт, ки бо Салим вонахӯрдааст, аз вай пул нагирифтааст, бовар накунанд, аз соҳиби хона пурсанд.

Абдураҳим тоқат карда натавониста, ба сару рӯйи вай чанд мушт зад. Пирамарди сурхрӯй таъкид мекард, ки милисаро ҷеғ мезанад. Салим ва рафиқонаш ноилоҷ аз ҳавлӣ баромаданд. Ҳаво торик шуда буд, сим-сим борон меборид. Ҷавонони мусофир дар кӯчаҳои тар қадам зада, воқеаҳои шударо бо ҳаяҷон муҳокима менамуданду Боҳирро дашном медоданд.

Охир, ҳамаи онҳоро муҳтоҷию бекорӣ ба мусофирӣ овард. Агар дар зодгоҳашон рӯзашон мегузашт, фарзандонашонро партофта намеомаданд ва ин қадар заҳмат намекашиданд. Дар Русия касе пул пошида намондааст, ки онҳо рӯфта гиранд. Бар замми ин, одамони худӣ якдигарро фиреб медиҳанд. Ин муамморо чӣ тарз ҳал намоянд?

Масъала пагоҳу пасфардо ҳам хал нашуд. На милиса ҳақиқати ҳолро фаҳмида тавонисту на муштзӯрони таҳлилгари муҳаллӣ. Кор ба ҷое расид, ки

Муҳаммад ба Салим даъво кард:

– Пулро ба ту додем ва аз ту мегирем. Чӣ шуданашро донистан намехоҳем. Он тарафашро худат ҳал кун. Дар зарфи як моҳ маблағи гирифтаатро нагардонӣ, корат чатоқ мешавад.

Салим байни замину осмон монд. Чӣ кор карданашро намедонист, вале мефаҳмид, ки, ки дар зарфи як моҳ панҷ ҳазор доллар ёфта надиҳад, аз Муҳаммаду Анвар халос намехӯрад. Ин озариҳо чанд сол пеш ба Руссия омада буданд ва муқимию шаҳрванди ин кишвар шудаанд, дасташон ба ҳар ҷо мерасид, дар идораҳои қудратӣ шиносони худро доштанд, бар замми ин, қонунҳои амалкунандаи мамлакат ҳаққу ҳуқуқи онҳоро ҳифз менамуд. Вай чӣ, як мусофири бечора, хоҳанд мезананд, меронанд ва ҳатто ба маҳкама мекашанд. Роҳи ягонаи халосӣ пулро баргардонидан аст, дигар илоҷе надорад, вале ин маблағи калонро аз куҷо меёбад?

Шариконаш Абдураҳиму Мурод аввал тарафи ӯро гирифтанд, диданд, ки нашуд, «туро газад, маро чӣ ғам» – гуфтагӣ барин худро ба канор кашиданд. Салим кайҳо фаҳмида буд, ки одамони аз Тоҷикистон омада, дар Руссия тағйир меёбанд, пулпарасту бераҳм мешаванд, зеро муҳити маҳал таъсир мерасонад, охир, дар ҳар қадам корашонро бо пул анҷом медиҳанд, маблағ надошта бошанд, дасткӯтоҳ мегарданд.

Ба куҷо равад, аз кӣ пул пурсад? Баъди қарздор шуданаш, шариконаш худро аз вай канор мегирифтанд, чанд рублро аз ӯ дареғ медоштанд, зеро медонистанд, ки баргардонида наметавонад. Худи эшон чандон сарватманд нестанд, базӯр рӯз мегузаронанд, чанд пули ёфтаашонро ба хонаашон мефиристанд.

Баъди фикру хаёли зиёд карор дод, ки ба Истаравшан мераваду хешу таборашро ҷамъ намуда, мадад мепурсад, шояд онҳо маслиҳат диҳанд. Вале дар дил нақшае дошт, дар деҳа барои сохтмони манзил замине ҷудо карда буданд, илоҷи ягона онро фурӯхтан аст. Он боигарии ягонаи оила ҳисоб меёфт, ният дошт, ки барои фарзандонаш хона мепӯшад, афсӯс, ки ба нияташ нарасид. Падараш тавассути телефон гуфт, ки ғам нахӯрда биёяд, ягон илоҷ меёбанд, мард пул меёбад. Падар инро аз ноилоҷӣ гуфт, зеро медонист, ки писар дар мусофират азоб мекашад.

Салим ба деҳа омад. Вай сархаму мушавваш омад, бе дастовезе. Пештар барои волидон, зану фарзанд, хоҳару ҷиянҳояш туҳфа меовард, ин дафъа бо дасти холӣ омад. Калонсолон инро мефаҳмиданд, аммо кӯдакон донистан намехостанд, ҳар замон мепурсиданд, ки чӣ овард? – Дар чунин лаҳзаҳо Салим ҷои нишаст намеёфт.

Пагоҳӣ вай аз хоб хеста, ношто карду ба кӯча баромад. Назди дарвоза, ба харак нишаста атрофро тамошо кард, вале ягон чизи диққатҷалбкунанда надид. Ҳамон деҳаи хоку чанголуди пештара, бачаҳо мағал карда ба мактаб мерафтанд. Айнан худаш барин, замоне вай ҳам амсоли онҳо барин беғам буд, парвои олам надошт, порфел ба даст сӯи мактаб мешитофт, на барои хондан, балки барои расмият мерафту меомад.

Ногоҳ чашмаш ба мошини сафед афтод. Сабукрави сафеди нави ялаққосӣ, тамғааш «ВАЗ – 21 07» босуръат аз пешаш гузашата рафт. Ронандааш шинос

намуд, вай кӣ бошад, ҳамдеҳаашон? Рафту чунин бошад, чаро салом надод. Вай бо карру фар паси чамбарак менишаст, ӯро дида табассум кард, не, на табассум, балки ким чӣ хел таҳқиромез хандид. Дили Салим ҷиғғос зад, як қад парид, ба пайкараш арақи сард дамид. Охир, вай Боҳир буд, ҳамон каллобе, ки вайро ба ҳамин рӯз расонидааст.

Вай худ аз худ аз ҷой хест. Қаввае ӯро пеш бурд, каме бо роҳи калон рафт, баъд ба тарафи сой тоб хӯрд, зеро «Жигули» он тараф рафта буд. Чанде пас мошинро дид, ки назди чашма меистод, ронандааш дар наздаш ҷумбуҷул дошт. Вай ҳар замон сатилчаи пласмассагинро аз оби чашма пур карда, болои мошин мепошид. Сабукрав дар шуои офтоб дурахшида чашм мерабуд ва Боҳир аз он завқ мекард. Аз ҳаракатҳои вай ғаши Салим меомад. Ин чӣ бедодӣ; ӯро ба ҳамин ҳол оварду худаш аз хурсандӣ ба куртааш намеғунҷад.

Қуввае Салимро ба тарафи мошин мебурд, ӯ шитоб дошт. Ҷавон ҳанӯз намедонист, ки чӣ кор мекунад, вале аз қаҳру ҷаҳл мушташро мефишурд.

Ҳар ду рӯ ба рӯ шуданд. Боҳир аз вохӯрии ногаҳонӣ дасту по хӯрд, тарсид, зеро Салим ким-чи хел ба девона монанд буд, аз қаҳр меларзид.

– Номард, пуламро гирфта сарсон кардӣ ва инак мошин харида сурронда гаштӣ, напурсидӣ, ки ман чӣ ҳол дорам?!

– Салим худатро ба даст гир, биё муомила мекунем, ягон илоҷашро меёбем.

Дер шуд азоби кашидаамро худам медонаму Худо медонад, – ӯ бошаст корди дар кисааш бударо гирифту ба шиками Боҳир зад. – Сазоят ҳамин ту ҳуқуқи дигар зистан надорӣ, диёрро бадному ҳаром мекунӣ.

Салим ба пайкари Боҳир боз чанд зарба зад ва лаҳзае ба ҷасади лаби об афтодаи вай нигарист кордро паҳлӯяш партофт, баъд қад-қади сой боло баромад ва ба мошини роҳгзаре нишаста гуфт:

– Маро то шӯъбаи корҳои дохилӣ баред.

## ДАҲШАТИ ТАСАВВУРНАШАВАНДА

Вай субҳ барвақт аз ҷогаҳ бархесту хеле ба рӯи писари дар паҳлуяш хуфта нигарист. Муҳаммадалии чорсола масти хоб буд. Вай бо маром нафас мегирифт ва ҳар замон лабонаш меҷунбид. Табассум мекард, механдид. Валиҷон аз дил гузаронд, ки писараш хоб мебинад. Ӯ ҳам баробари тифлаш табассум мекард. Як вақт ба ёд овард, ки имрӯз Муҳаммадалиро модараш мебарад ва ӯ боз чанд муддат писарашро дида наметавонад. Дилаш таҳ кашид. Охир, вай писарашро дӯст медорад, бе вай азоб мекашад. Занаш инро фаҳмида, барқасд ӯро заҳмат медиҳад.

Сокини деҳаи Исфисори ноҳияи Ғафуров Валиҷон Холиқови 25-сола, оиладор, падари ду писар Муҳаммадалии 3,5-сола ва Дилшоди 2-сола, маълумоташ миёна, миллаташ ӯзбек, бешуғл, чанде пеш бо ҳамсараш Ҳабиба Ҳомидҷонова хархаша мекунад. Зани аз зиндагии вазнин, шавҳари бекору дағал безоршуда ду кӯдакашро мегираду ба шаҳри Қайроққум меравад. Бо сад

машаққат хонаеро ба иҷора мегирад ва коре меёбад. Шиносҳо ба зани бечора раҳм карда, ӯро фарроши комбинати манзилӣ таъйин менамоянд.

Ҳабиба фарш шуста, бурдаи нон меёфту фарзандонашро мехӯронд. Азоб мекашид, вале дандон ба дандон монда, тоқат мекард. Ба умеди фардои нек азобу уқубатҳои кашидаашро гӯё ҳис намекард.

Дар чунин вазъият ҳам шавҳараш ӯро ба ҳолаш намемонд. Ҳар замон меомаду ҷанҷол мебардошт, дӯғ мезад, таҳдид мекард. Мегуфт, ки кӯдаконро ба ҳавлиаш мебарад. Охир, онҳо ятим нестанд, хонаю дар доранд. Иҷора нишастан бас аст. Вале зан ҳамроҳи вай рафтан намехост. Медонист, ки ба ҳавлиашон бозояд, шаллоқхӯрӣ насибаш мегардад, аз кораш маҳрум мешавад.

Калонсолони деҳа, фаъолони маҳалла, хешу табор ба мобайн даромада, хостанд онҳоро ба ифоқа оранд, нагузоранд, ки кӯдакон зиндаятим шаванд. Вале нашуд. Фаҳмиданд, ки хишт кайҳо аз қолаб кӯчидааст. Қарор шуд, ки Валиҷон кӯдаконро ҳар замон ҳамроҳаш гирифта барад, бозӣ доронад, либос харида диҳад ва дар соати ваъдагӣ ба модараш баргардонад.

Чанд маротиба Валиҷон ҳамин тавр кард. Муҳаммадалӣ ва Дилшодро ба Исфисор бурд. ҳар хел бозича, шираворӣ, ба қадри ҳол либос харид, хонааш овард, як-ду рӯз ҳамроҳашон хобид, вале вақти кӯдаконро баргардонидан қувваաш намерасид. Мадори пойҳояш хушк мешуд. Рӯзи дигар Ҳабиба меомаду бачаҳоро зӯран гирифта мерафт ва дар чунин ҳолатҳо Валиҷон бедуд месӯхт, вале аз дасташ чизе намеомад.

Зиндагӣ бори гаронро ба дӯши Ҳабиба гузошта буд. Вай ятим ба воя расидааст. На падару на модар дошту на хешу табор. Бо сад умед шавҳар кард, модари фарзандҳо шуд, гумон дошт, ки акнун дарду алами бекасиаш паст мешавад, вале нашуд. Камбағалро аз болои шутур саг мегазад, гуфтагӣ барин Валиҷон як дардашро даҳ мекард. На девона буданаш маълум буд, на солимиаш.

Бори нахуст аввали баҳор хурӯҷ кард касали вай. Он вақт писаронашро тӯй мекарданд, ки Валиҷон ба васваса афтод. Вайро сиёҳӣ пахш мекард, ваҳм мегирифт. Алалхусус, рӯзона мард сахт метарсид. Ба кӯча баромада наметавонист. Вайро дар хона нигоҳ дошта, тӯйро гузарониданд.

Баъди тӯй беморро назди табибони халқӣ бурда, хеле табобат карданд, вале аҳволаш беҳтар намешуд. Вазъи молиявии оила ҳам душвор шуд. Онҳо ҳангоми гузаронидани маърака ба қарз ғӯтида буданд, бар замми ин, чанд сол инҷониб падари Валиҷон фалаҷ аст. Модари бечорааш шабу рӯз аз назди падараш дур рафта наметавонад.

Баъди табобати тӯлонӣ хешу табор фаҳмид, ки вазъи сиҳатии Валиҷон беҳтар намешавад, ӯро ба беморхонаи касалиҳои рӯҳии вилоят оварданд. Беморро ин ҷо ду моҳ табобат карданд. Андаке беҳтар шуд. Баъд ба санаторияи «Равшан» бурданд, дертар ба табобатгоҳи бемории асаби шаҳри Исфара бурданд. Моҳе пас андаке беҳтар шуд…

Валиҷон ба нафасгирии Муҳаммадалӣ гӯш дода, он рӯзҳоро ба ёд меовард. Хеле заҳмат доданд вайро табибон. Сӯзандору гузарониданд, доруҳои гуногун доданд. Вай ба онҳо мегуфт, ки бемор нест, беҳуда ҳам худашонро сарсон накунанду ҳам вайро.

Ана, он вақт ҷанҷоли оилавиашон андаке тӯл кашид. Ваю Ҳабиба хеле таъна заданд ҳамдигарро. Валиҷони савори аспи қаҳру ҷаҳл ба занаш гуфт: "Рав, туро се талоқ кардам". Ва аз ҳамон вақт онҳо бегона, ду писар сарсону саргардон гаштанд.

Дирӯз Валиҷон ба шаҳри Қайроққум рафту Муҳаммадалиро гирифта, ба хонааш овард. Вай ваъда дод, ки рӯзи 9-май писарро ба модараш бармегардонад, вале натавонист. Аз Муҳаммадалӣ дур шудан намехост. Ҷозибае ӯро сӯи писараш мекашид. Мехост наздаш нишаста, нафаскашиашро гӯш кунад, сару рӯяшро бӯсад. Инак, субҳи 10-уми май медамид, аммо ӯ нигоҳашро аз Муҳаммадалӣ канда наметвонист. Медонист, ки ҳозир Ҳабиба меояду вайро таънаву маломат карда, писарашро гирифта меравад. Бе гуфтугӯ, хеле ҳарфи маломат мезанад, ки писарашро вақти ваъдагӣ ба Қайроққум набурд. Ҳабиба мехост, ки рӯзи Ғалаба Муҳаммадалию Дилшодро ба боғи шаҳр барад, ба арғунчак савор кунад, яхмос харад. Вале Валиҷон нақшаҳои вайро барбод дод.

Валиҷон назди писараш нишаста, пасту баланд шудани дилашро тамошо мекард. Ба фиқ-фиққунон нафасгириаш гӯш медоду бо алам аз дил мегузаронд, ки ҳозир модараш меояду Муҳаммадалиро мебарад ва вайро аз ин хушӣ маҳрум месозад. Алам гулӯгир мекард, мехост дод занад, ҳар каси рост омадаро бӯғӣ кунад, вале писарашро ба касе надиҳад.

Духтурон борҳо хешу табори Валиҷонро огоҳ намуда буданд, ки бемории вай аввали баҳор, вақти гули дарахтон хурӯҷ мекунад. Ҳамон вақт эҳтиёт шаванд, ҷавонмардро танҳо нагузоранд. Охир, дар ин замон кӣ камкор аст? Кадом хешу табор ба ташвиш, ғаму ғурбати худ банд нест? Хуллас, Валиҷонро аз мадди назар дур карданд хешу табор.

Ҳар қадар мард ба кӯдаки дӯстрӯяш менигарист, ҳамон қадар ташнаи дидори ӯ мегашт. Намехост, ки касе, ҳатто модараш Муҳаммадалиро аз вай гирад. Вале медонист, ки ин хаёлаш хом аст, соате ё ду соат пас ҳабиба меояду писарашро мебарад ва ӯро аз хушии ягонаи дар ин олам доштааш маҳрум месозад.

Не, вай кӯдакашро ба касе намедиҳад, алалхусус, ба ҳамсари собиқаш, ки зани бедаҳану шаттоҳ аст, ба вай доду вой мекунад, баъзан барои аламу қаҳри ӯро овардан Муҳаммадалиро мезанад. Намехоҳад, ки писарашро касе озор диҳад…

Мард якбора девонавор башаст аз кат хест, ошхона даромаду корди калони он ҷо истодаро ба даст гирифт ва писари ғанабкардаашро аз мӯяш бардошт. Кӯдаки хоболуд аз дард бедор шуда, чашм кушод, вале чизе нафаҳмид. Чаро падараш аз мӯяш мебардорад, дар дасташ корд дорад. Вай аз дард чиррос зад. Овози ӯ гӯё ба алами падар равған рехт. Валиҷон башаст корд кашид ва сари писарашро аз тан ҷудо кард.

Хун фаввора зада, ба дасту пои мард, болину кат ва фарш пош хӯрд. Мард лаҳзае ба сари дар дасташ будаи писараш нигарист, баъд ба тани бесари рӯи кат хобидаи вай, ки ҳанӯз меҷунбид ва ба корди дар дасти росташ буда. Шояд ҳамин вақт фаҳмид, ки ба кирдори қабеҳ даст зад, ҷинояти вазнину авфнопазир

кард. Сари фарзанди ба ҷону дилаш баробарро гирифт. Ва, умуман, ин чӣ коре буд, ки вай кард?!

Чанде пас андаке ба худ омада, кирдорашро ба мизони ақл гузошт ва аз ҷой хеста, берун баромад. Медонист, ки мурдаро гӯр кардан лозим. Белро ба даст гирифта, кунҷи ҳавлӣ рафт. Хеле барои гӯр ҷои муносиб ҷуст ва дар охир қарор дод, ки назди оғил чуқурие кофта, ҷасади Муҳаммадалиро он ҷо гӯр кунад.

Падари ваҳшӣ бел ба замин мехасту хокро берун мепартофт. Аз сабаби он, ки дар ҳавлӣ касе набуд, нафаре ба мард халал намерасонд ва мақсади чуқурӣ кофтанашро намепурсид, вай бафурҷа ин корро кард.

Фақат ҳамсояаш баъзан мутаҳайййирона ба вай менигарист. Ӯ фаҳмида наметавонист, ки ин қадар барвақт Валиҷон барои чӣ чуқурӣ мекобад? Тинҷӣ бошад?

Мард чуқуриро кофт, баъд ҷасаду сари аз тан ҷудошудаи Муҳаммадалиро оварда он ҷо хобонд. Лаҳзае ба хандақ нигариста, гӯё бо писараш видоъ кард, баъд хокро болои ҷасад кашид.

Корро ба сомон расонда, ба айвон рафта нишаст. Гӯё воқеае сар назада бошад, ба хона медаромаду мебаромад. Як вақт дид, ки Ҳабиба омад. Зани собиқаш аз вай куҷо будани Муҳаммадалиро пурсид ва ҳис кард, ки воқеаи нохуш сар задааст, фарёд зада, қафо гашт ва дартоз аз ҳавлӣ баромад.

Хабари нохуш барқвор ба чор тараф паҳн шуд. Дере нагузашта, ба ҷои ҳодиса гурӯҳи фаврии тафтишӣ расида омад. Баъди аз назар гузаронидани ҷои ҳодиса, гирифтани далелҳои шайъӣ, аз ҷумла, корди хоҷагӣ, пурсиши шоҳидон, ёфтани ҷасад, ташхиси судию тиббӣ сабаби марг муайян карда шуд ва ба Холиқов Валиҷон барои куштори писараш Муҳаммадалии 3,5-сола мувофиқи қисми дуюм, банди "В" – и моддаи 104 – и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд. Қотилро ба ҳабс гирифтанд.

Баҳор дар Исфисор ҳукмфармоӣ мекард. Дарахтон ғарқи меваю санҷид гул мекард. Ба димоғ бӯи хуши сабзаю гул мерасид. Табиати зебою эҳёгашта ба кас ҳаловат мебахшид. ҳама хушҳол, ба гӯш садои ханда, суруди паррандаҳо мерасид. Вале ҷавонзани либоси сиёҳ дар бар, ки сӯи қабристон қадам мезад, на зебогии атрофро ҳис мекарду на бӯи хушро. Аз чашмони вай на ашк, балки хун мерехт. Ҷавонзан бо қадамҳои ноустувор аз байни қабрҳо гузашту мазори наврo ба оғӯш кашид.

Ӯ Ҳабиба буд, ки ба зиёрати қабри писари номуродаш омад. Писаре, ки ба зистан ҳақ дошт, вале натавонист ва аз ин дунёи беадолат лаззате нагирифта рафт. Вой бар ҳоли ӯ, вой бар ҳоли модар, вой бар ҳоли ин гуна зиндагӣ!...

## ВАЙ МУРДАН НАМЕХОСТ

Ба назар ин оила аз оилаҳои дигари деҳаи Қалъачаи Калони ноҳияи Истаравшан фарқ надошт. Сокинони он Шаҳноза Зикриддинова ва Нӯъмон Шарофов соли 1999 оила барпо намуданд ва соҳиби ду фарзанд – Фарзину Фарзона шуданд. Барои зиндагии хушбахтона имкон доштанд, вале дар оилаи ҷавон якдигарфаҳмӣ, сулҳу салоҳ ҳурмату эҳтиром вуҷуд надошт. Ва аз ҳамин оғоз ёфт, моҷарое, ки оқибат бо фоҷиа анҷом ёфт. Шавҳар нисбати ҳамсараш муносибати бераҳмона мекард ва сабаби онро аз муомилаи Шаҳноза бо кӯдаконаш меҳисобид.

Гӯё вай баъзан фарзандонашонро ҷанг карда мезадааст ва бо ин кирдор ғаши ҳамсарро меовардааст. Гӯё ин сабаби муомилаи бераҳмона нисбати занаш ва мунтазам паст задании шаъну эътибори вай будааст. Косаи сарри зан лабрез шуд, дигар маҷоли дашному ҳақоратшунавӣ ва шаттахӯриаш намонд. Борҳо ҷавонзан ба хонаи волидонаш рафта, ба падару модараш мегуфт, ки дигар ба манзили шавҳараш барнамегардад, безор шудааст аз чунин зиндагии дӯзахона. Аммо волидон ҳар дафъа ба ӯ насиҳат карда мегуфтанд, ки ба хотири фарзандон зиндагиашро давом диҳад. Вале Шарофов инро ба тарзи дигар фаҳмида бераҳмиро нисбати ҳамсараш давом медиҳад.

Ибтидои соли 2005 буд. Байни зану шавҳари ҷавон ҷанҷол мешавад. Мард ҳамсаршро дашномҳои кабеҳ медиҳад ва Зикриддинова «аз чунин шавҳар тоқа зистан беҳтар» гуфта ба хонаи падараш меравад. Он ҷо 2-3 рӯз меистад, вале хоҳари шавҳараш Сурайё вайро ба манзилаи шавҳараш бармегардонад.

Тирамоҳи соли 2005 боз Зикриддинова ба хонаи волидонаш баргашта мегӯяд, ки шавҳараш аввал чанҷол кардааст, баъд задааст. Сабаб пурсанд, ҷавоб медиҳад, ки дар кори хона ташаббус нишон диҳад, чизе пешниҳод кунад, шавҳараш ӯро мезанад. Рӯзи чоруми дар хонаи волидон будан шавҳараш бо хоҳараш Сурайё меоянду вайро ба хонааш баргардонидан мехоҳанд, вале Шаҳноза баробари дидани шавҳараш азобҳои кашидаашро ба ёд мeораду қатъӣ мегӯяд, ки ҳеҷ куҷо намеравад, магар ӯ ба ин дунё фақат барои шаттахӯрӣ омадааст. Нӯъмон вайро дар назди хешовандонаш чанд маротиба зада зӯран бурданӣ мешавад. Ин манзараи ғайричашмдоштро падари шаҳноза – Умриддин мебинаду моту мабҳут мегардад. Охир, дар ҳузури ваю модараш Нӯъмон духтарашро ин қадар азоб диҳад, пас вақти набудани онҳо ӯ чӣ корро ба духтарашон раво бинад. Вале модараш нахост, ки духтараш оилавайрон шавад, бо панду андарзи зиёд ва дидагони нам Шаҳнозаро ба хонаи шавҳараш гуселонд.

Рӯзҳо паси ҳам мегузаштанд, вале хулқу хӯйи мард тагйир намеёфт, чун пештара занашро азият медод, мезад. Тахмин моҳи март Фарзин шухӣ мекунад ва Шаҳноза ӯро мезанад. Шавҳар ба сари ӯ дӯғ мезанад, ҳақорат медиҳад, шаъну эътиборашро паст мезанад. Зикриддинова аз рафтору гуфтори шавҳар ранҷида боз ба хонаи волидонаш меравад. Ин дафъа ӯ қариб 15 рӯз дар он ҷо мемонад. Дар ин муддат хушдоманаш омада, хост вайро ба хонаи шавҳараш баргардонад, Шаҳноза розӣ нашуд. Чанд маротиба худи Нӯъмон хост вайро

зӯран ба манзилаш орад, вале ҷавонзан қатъиян раъд кард. Муддате пас хоҳари шавҳараш – Сурайё, ки бо Шаҳноза муносибати хуш дошт, вайро ба хонаи шавҳараш бармегардонад.

Гургро ҳарчанд тарбия намоӣ боз ба беша менигарад гуфтагӣ барин Нӯъмон ваъдаашро аз ёд баровард, боз таънаю таҳқири занашро давом медиҳад.

Дар ҳақиқат, шаби кӯтоҳ будааст 22 июл. Вай тамоми шаб миҷа таҳт нокарда фикр кард ва ба роҳи шайтон даромад. Ба ҷойи он ки барои зиндагӣ мубориза барад, ду кӯдакашро тарбия намояд, қасди худкушӣ кард. Тахмин ними рӯз ба назди канали аз шафати ҳавлиашон гузашта рафт ва бо мақсади худкушӣ хост худро ба об партояд, вале бахташ оамад кард, хушдоманаш мақсади вайро фаҳмида садди роҳаш шуд.

Ҳамон рӯзи барои оила вазнин 29 июл боз зану шавҳар якдигарро нафаҳмиданд. Нӯъмон пагоҳӣ аз хоб хеста лой кард, ба вай модарашу хоҳараш ёрӣ медоданд. Шаҳноза бошад дар хона телевизор тамошо мекард, аз ин ғаши шавҳараш омад ва ӯ савори аспи қаҳру ҷаҳл ба хона даромада дод гуфт, ки берун бароду ба онҳо ёрӣ расонад. Зан берун шуда андаке ба шавҳараш ёрӣ мерасонад ва боз ба хона даромада, телевизорро ба кор даровардa, филм тамошо мекунад.

Шавҳар аз кирдори вай хашмгинтар шуда бо пойи лойолуд ба хона медароянд ва занашро дашном дода талаб менамояд, ки берун шаваду ёрӣ диҳад. Шаҳноза рӯи ҳавлӣ баромада сатилро мегираду обу хок мекашонад, вале 4-5 дақиқа пас боз хона даромада, назди телевизор менишинад. Ба вай шояд филми ҳиндӣ, ки он ҷо духтарон мерақсиданду суруд мехонданд маъқул шуда бошад, ки аз хона баромадан намехост. Ҳамсолонаш он ҷо суруд мехонанд, вай ин ҷо зери офтоби тасфон сатили вазнинро мебардорад.

Дашноми шавҳар, ки бори дигар бо пойи лойолуд ба хона даромада ба сари ӯ дод зад, занро ба худ овард. Дарк намуд, ки вай на дар гулзори Ҳиндустон, балки дар деҳаи серҷангу хоколудашон мебошад ва наздаш на шаҳзода, балки шавҳари дағалаш истодааст, чӣ кор карданашро намедонад. Хонаи падар равад, боз вайро бармегардонанд, чанд рӯз пас зӯран ин ҷо меоранд, боз шаттаи шавҳарро мехӯрад, дашноми вайро мешунавад. Ба назараш ягона роҳи халосӣ – худкушӣ менамояд. Бо чунин фикру хаёли хом кӯча мебарояд ва сӯйи канал мешитобад.

Дақикае истода ба атроф менигарад, гӯё бо ҳама хайрухуш мекунад, баъд худро ба об мепартояд. Оби башаст ва тез ҷори шаванда занро ба коми худ фурӯ мебарад. Тибқи хулосаи ташхиси судию тиббӣ таҳти № 18 марги Шаҳноза Зикриддинова бинобар руст шудани роҳи нафас ба вуқӯъ омадааст.

– Байни зану шавҳар ҳар хел гап мешавад, – гуфт падари Шаҳноза У. Зикриддинов. – Вале Нӯъмон бар заммиi он ки духтари ӯро мезад, дашномҳои гӯшхарош медод, таъна мекард, ки авлоди мо паст аст. Вай борҳо гуфтааст, ки ба ҷонаш сер шудааст, худашро мекушад, вале шавҳар ба ҷойи муносибаташро дигар кардан, кирдори ношоистаaашро давом медод.

– Духтарам Шаҳноза ягон хел бемории рӯҳӣ надошт, – гуфт модари марҳум Назокат Зикриддинова. – Сиҳату саломат, ақлаш дар ҷояш буд, ҷабру зулми шавҳар вайро ба худкушӣ расонд.

– Дар марги Шаҳноза шавҳар ва хусури вай айбдоранд, – изҳори ақида намуд тағои марҳум Фахриддин Ҳасанов. – Яке вайро ба ҷонаш сер мекард, дуюм бетараф мешуд, ба писараш насиҳат намекард.

Прокурори шаҳри Истаравшан ба Нӯъмон Шарафов барои содир намудани ҷиноят дар қисми 2, моддаи 109-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда (ба худкушӣ расонидан) парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуд. Вақти тафтиш гуноҳҳои содиркардаи айбдоршаванда тасдиқи худро ёфтанд.

Суди шаҳри Истаравшан таҳти раёсати Ф. Бобоева дар маҷлиси судӣ парвандаи ҷиноятиро мавриди баррасӣ карор дода, вайро ба муҳлати панҷ сол аз озодӣ маҳрум намуд.

Ба назар тавре менамояд, ки гунаҳкор мувофиқи кирдораш ҷазо гирифт ва бо ҳамин об ба лаби ҷӯй баробар шуд. Афсӯс, ки ин тавр нест: ҷавонзане бо роҳи худкушӣ аз ҳаёт бармаҳал рафт, ду кӯдак бе модар, волидон бе фарзанд монданд, ҷавонмарде панҷ сол зиндонӣ шуд. Охир ҳамаи инро пешгирӣ кардан мумкин буд. Афсӯс, ки дар деҳа касе ба ин оила дасти мадад дароз накард, барои пойдории сулҳу салоҳ кӯши ш ба харҷ надод. Куҷо шуданд фаъолони деҳаи Қалъачаи Калон, роҳбарони ҷамоати деҳаи «Правда» ва ҳаққу ҳамсояҳо, пирони рӯзгордида. Эшон фаромӯш карданд, ки дардро хурӯҷ накарда табобат намудан лозим, баъди сироят кардан муолиҷаи он душвор мешавад.

## КӮРНАМАКОН

Дар деҳа овоза панҳн шуд, ки касе ба ҳавлии Маҳкамовҳо даромада ду духтарашро кушта, амволашро ба яғмо бурдааст. Мардуми ба таҳлука афтода мегуфтанд, ки балое ба Қистакӯз омад. Онҳо инро амали каси бегона меҳисобиданд, мазмун, медонистанд, ки дар деҳаашон чунин нокасе ёфт намешавад. Нокасе, ки ба дили гулдухтараконе 16 ва 12-солаи ҳанӯз пироҳани арӯсӣ напӯшида корд занад.

Ҳанӯз касе намедонист, ки ду гурги дайдуи дар ягон кунҷи ҷумҳурӣ нағунҷида, ба деҳаи онҳо омада, худро меш хонданд ва дар дил ба ин мардуми заҳматкаш, ки ба онҳо нону намаку сарпаноҳ доданд, механдиданд. Писханд зада, ба ҳам мегӯянд, ки андаке сабр кунед, баъд ки будани моро мефаҳмед, онаи зоратонро нишон медиҳем, саратонро гирифта молатонро мебарем, мо аз зоти Аҳриманем, ба некӣ бо бадӣ ҷавоб медиҳем, зеро табиатамон чунин, хунамон вайрон аст. Мо барои куштану амволатонро бурдан омадем, на ба мардикорӣ…

Ҳикоят ба хонааш мешитофт. Ӯ саросема қадам мезаду ҳар замон хавотиромез ба соаташ менигарист, ба назараш тавре менамуд, ки роҳ кашол меёбад. Ҳарчанд шитобад ҳам, ба манзилаш наздик намешуд. Соли дуюм аст,

ки шавҳару писараш ба мардикорӣ рафтаанд, вай ҳамроҳи ду духтараш монд. Аз ҳамон вақт ин ҷониб ба ҷои худашу шавҳараш заҳмат мекашад: рӯзона дар ошхонаи мактаби деҳа хӯрок мепазад ва бегоҳ шалпару хаста гашта ба назди духтаронаш меояд. Баъди тановули хӯроки шом то бевақтӣ ҷунбуҷӯл менамояд, ҷомашӯӣ мекунад, либос медӯзад, шикасту рехти ҳавлиро таъмир менамояд.

Имрӯз ҳамчун ҳарвақта барои ноштои бачаҳо масолеҳи пухтупаз тайёр намуд. Шукри Худо, ки духтаронаш Биҳомидаю Зӯҳро масъулияти ба душашон бударо дарк намуда, ба ӯ ёрӣ мерасонанд, эркагию инҷиқӣ намекунанд.

Аз шитобкорӣ чанд маротиба пешпо хӯрда қариб буд, ки афтад. Эҳсосоти ногуворе вуҷудашро мефишурд, дилаш ғаш мекард, пешомади нохушеро дарк менамуд. Чанд рӯз боз хобҳои мағшуш дида, аз ҷой мехест ва аз Худо илтиҷо мекард, ки шавҳару писарашро дар паноҳаш нигоҳ дорад, онҳоро бе осеб ба манзилашон расонад. Борҳо шунида буд, ки мусофиронро дар Русия танг мекунанд, фишор меоранд, мезананд.

Ӯ дарвозаи ҳавлиашро кушода чанд маротиба сулфид, то ки духтаронаш омаданашро фаҳманд, вале аз чӣ бошад, ҷигарбандонаш чун ҳарвақта ба пешвозаш набаромаданд.

– Биҳомида, Бизӯҳро куҷоед? – пурсид ӯ ва ҷавоб нашунида хавотир шуд вай. Гумон кард, назди телвизор нишаста, ягон намоиши шавқангез мебинанд, соддаҳо, кас хонаро «рӯфта» равад ҳам, намефаҳманд.

Зан ба хона даромада дид, ки рӯи мизча дастархон паҳн карда, онро бо нону мева зеб додаанд, вале касе нест, пас чаро дастархонро нағундоштаанд. Хонаи дарун даромаду ҷиҳози онро паҳну парешон дида лаҳзае шах шуда монд, лаҳзаи дуюм ҷасади Биҳомидаи хунолудро дид, ки зери кӯрпаву кӯрпачаҳо хобидааст. Зан бо тамоми овозаш дод зада нолаи ҷонхароше кашид ва аз ҳуш рафт…

Хабари нохуш барқвор чор тараф паҳн шуд ва ба самъи навбатдорони прокуратура ва шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, прокуратура, РКД-и вилояти Суғд расид.

Куштор ҷинояти вазнин аст ва роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои ошкору аниқ намудани қотил ҷиддӣ ва бо тамоми масъулият машғул мешаванд. Онҳо ба манзили Маҳкамовҳо, воқеъ дар кӯчаи ба номи Оқилбой Ҳошимови деҳаи Қистакӯз омада маҳалро аз назар гузарониданд ва чанде пас ҷасади Зӯҳроро ёфтанд. Ҷасади гулдухтараки ба дилаш корд хӯрдаро ба ҳавзи рӯи ҳавлӣ партофтаанд ва болоашро бо тахта пӯшидаанд.

Ҷӯяндагон боз аниқ намуданд, ки бо зӯрӣ ва истифодаи асбоби бурранда ҳарудуро кушта, ду ҷуфт ҳалқаи тиллои дар гӯшашон буда, ду занҷираки тиллоии дар гарданашон овезонро, ҳамчунин ангуштарини тиллоиашонро ба яғмо бурдаанд. Аз манзили онҳо боз 100 арзи ИМА ва 55 сомонӣ дарёб намуда, бо худ гирифтаанд.

Нисбати ин ҳодиса аз тарафи прокурори ноҳия бо аломатҳои моддаи 104, қисми 2, бандҳои «А», «И», «В» – и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз гашт.

Гурӯҳи фаврии тафтишотӣ таъсис дода шуд, ки ба ҳайъати он кормандони шуъбаи корҳои дохилӣ ва прокуротура шомил шуданд. Сармуфаттиши

прокуратураи ноҳияи Б. Ғафуров Аббос Ҳасанов роҳбари гурӯҳи фаврӣ – тафтишотӣ таъин шуд. Бо супориши прокурор ва сардори Раёсати корҳои дохили вилоят барои ошкор намудани ин ҷиноят гурӯҳи кормандони таҷрибанок сафарбар шуданд. Онҳо вазифадор гаштанд, ки бо тезӣ котилро аниқ ва дастгир намоянд.

Духтарон ба «меҳмонон» (тахмин мерафт, ки онҳо ду нафар буданд) дастархон густурда хӯрок пухтаанд ва он чизе, ки дар хона доштанд, наздашон гузоштанд, пас Биҳомидаю Зӯҳро «меҳмонон» – ро мешинохтанд.

– Ба ақли кас рост намеояд, ки духтарон қурбони одами худӣ шуда бошанд, – гуфт нафаре.

– Чунинаш ба ақл рост намеояд, – эътироз кард ҷӯяндаи калонсоле. – Ягон Қистакӯзӣ ба дили духтар корд намезанад, ин кори бегонаҳо.

Агар он вақт ба гуфтаи ҳамон ҷӯяндаи колонсол аҳамият медоданд, ба изи ҷинояткор тезтар меафтиданд, вақту кувваи зиёд сарфа намешуд. Хеле котилро дар байни одамони худӣ ҷустанд, вале наёфтанд, ҳамчунин нафарони пештар барои ҷиноятҳои вазнин маҳкумшуда, шахсони шубҳанокро санҷиданд ва боз аз қотилон нишон наёфтанд. Маълум шуд, ки Ҳикоят тез-тез аз шавҳару писараш пул мегирифтааст, шояд нафаре маблағ ирсол намудани онҳоро фаҳмида, бошад?

– Пул гирифтани шуморо ягон кас медонист, шояд ба нафаре дар ин бора накл кардед? – пурсид Ҳикоятро А. Ҳасанов. – Илтимос, инро ба ёд оред, то ҷузъиёти хурдтарину ночизаш.

Зан чашмони сурхи ашколудашро ба нуқтае дӯхта хомӯш монд, ӯ маҷоли ҳарфзанӣ ё фикркунӣ надошт. Вале муфаттиш вайро ба шитоб водор накарда, гуфт, ки хона раваду дар ин бора фикр кунад. Муфаттиш ҳамчунин дигаронро дар ин бора огоҳ намуд, гуфт, ки аз чизе шубҳа кунанд, фавран хабар расонанд. Рӯзи дигар додари Ҳикоят – Анвар ба муфаттиш иттилоъ дод, ки Сайнуриддин ном шахс ғайричашмдошт се маротиба ба ӯ телефон карда, ҳолу аҳвол пурсид.

– Бори аввал вай кай телефон карда буд? – Суол кард ӯро муфаттиш. – Саросима нашуда гуфтаашро такрор намоед.

– Нахустин маротиба 9 – уми октябр тамос гирифта гуфт, ки онҳо дар бaромадгоҳи Истаравшан дар монданд, роҳсозон сангҳои атрофро метарконданд, фақат шабона ба ҳаракати наклиёт иҷозат медиҳанд. Насиб бошад, субҳ ба Душанбе мерасем, гуфт вай дар охир. Ҳамаи ин ба ман чӣ дахл дорад?

– Боз чӣ гуфт? – суол кард ӯро Ҳасанов.

– Пурсид, ки Қистакӯз тинҷ аст, ҳамаи ёру дустон баофиятанд? Ҷавоб додем, ки дар деҳа осоиш ҳукмфармост, ҳама аз паси зиндагӣ мераванд.

– Бори дуюм кай телефон кард? – пурсид Ҳасанов.

– Даҳуми октябр телефон карда, гуфт, ки ба Душанбе расиданд, таклиф намуд, ки мо ҳам ба тарафи онҳо рафта, меҳмон шавем.

– Бори сеюм чӣ?

– Дувоздаҳуми октябр телефон карда пурсид, ки Қистакӯз тинҷ аст?

Муфаттиш ба дарёи андеша ғӯтид, зеро гуфтаҳои Анвар дар дилаш тухми шубҳа пошид. Шояд каси дигар ба ин ҷузъиёт аҳмият намедод, вале муфаттиши

ҳушёру зирак тахмин кард, ки Сайнуриддин беҳуда се маротиба занг зада аҳвол напурсидааст. Вай ба ҷӯяндае супориш дод, ки ба ситансияи телефон рафта, аниқ намояд, ки Сайнуриддин кай ва аз куҷо ба Анвар садо кардааст, ба дигаре супориш дод, ки шахсияти Ойаҳмадовро аниқ намояд.

Тафтишгарон бо тезӣ маълум карданд, ки Ойаҳмадов Сайнуриддин Раҳмоналиевич 27 феврали соли 1980 дар шаҳри Қӯрғонтеппа таваллуд шудааст, ҳоло сокини кӯчаи «Дӯстии халқҳо», хонаи №28, ҳуҷраи 12-и шаҳри Қӯрғонтеппа буда, оиладор, соҳиби як фарзанд мебошад. Қаблан барои содир намудани ҷинояти дар моддаи 244 кисми 2-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда бо ҳукми суди ноҳияи Носири Хусрави вилояти Хатлон 5 – уми апрели соли 2005 бо муҳлати 2 солу 3 моҳ аз озодӣ маҳрум гаштааст. Баъди адои ҷазо дар ягон ҷой кор накарда сарсарӣ мегаштааст. Кирдору рафтораш шубҳанок, манбаи даромадаш маълум набудааст…

Боз аниқ гашт, ки вай дар зодгоҳаш чун гови ало намоён буд, ҳамагон ин марди меҳнатгурезро мешинохтанд ва аз воҳӯрӣ ҳазар мекарданд. Милисаҳои маҳал ҳар замон ба манзилаш омада талаб мекарданд, ки тарзи зиндагиашро тағйир диҳад, шуғле ёбад. Вале Сайнуриддин кор кардан намехост, шабу рӯз андешаи муфт пул ёфтан ба вай осоиш намедод.

Дузд дуздро дар шаби тор мешиносад гуфтагӣ барин бо Манзура ном зане ошно гашт, ки ақидааш бо вай мувофиқат мекард. Ҳар ду барои «сайд» ба вилояти Суғд омаданд. Ҳар ҷо раванд, вай Манзураро «занам» – гӯён муаррифӣ мекард, ҳол он, ки зану кӯдакашро дар шаҳри Қӯрғонтеппа ба ҳолашон партофта буд.

Ҳарчанд гаштанд, вале пули муфт ба даст оварда натавонистанд. Шиносҳояшон, ки хулқу хӯйи вайро медонистанд, рӯ ба рӯ оянд, аз бало ҳазар гуфта, сад баҳона пеш оварда, роҳи гурезро пеш мегирифтанд. Чор тангаи доштаашон тамом шуд, ҳар ду байни замину осмон монданд. Хеле майна об карданд ва як вақт Сайнуриддин ба ёд овард, ки дар деҳаи Қистакӯз Абдураҳмон Ғафуров ном шиносе дошт, ки дар муассисаиислоҳотӣ ҳамроҳ ҷазои маҳрумӣ кашида буданд. Ҳоло вай дар Русия аст. Нақша кашиданд, ки ба манзили онҳо мераванд ва ӯ худро дӯсти Абдураҳмон мехонад, он тарафаш ҳар чӣ бодо, бод, шояд раҳм карда, чанд рӯз нону намаку сарпаноҳ диҳанд.

Модари Абдураҳмон «дӯст»-и писараш Сайнуриддин ва «занаш»-ро хуш пазируфта дастархон ороcт. «Зану шавҳар» ҳар чизи дар пешашон будаpo ба даҳон мезаданд, зеро чанд рӯз ин ҷониб хӯроки дуруст нахӯрда буданд. Сайнуриддин аввал дар бораи дӯстии худашу Абдураҳмон хеле қисса бофт. Гуфт, ки ҳар ду чун бародари ҳамтан буданд, ҳар бурдаи нонро бо ҳам медиданд. Дид, ки хешони Абдураҳмон ба ҳар гуфтааш бовар мекунанд, даҳони ҷуволи дурӯғро калонтар кушод.

– Баъди адои маҳрумӣ аз озодӣ ба манзилам омадаму дидам, ки «боевик»-ҳо ҳам ба хонаамон соҳиб шудаанду ҳам бо чизу чораамон, «занам»-ро гирифта ин тараф омадам ва то имрӯз сарсону саргардон дар ба дар мегардем.

Манзура бо оби дида гуфтаҳои маъшуқашро тақвият медод. Ҳар ду бо ин роҳ раҳми хешони Ғафуровро бедор карданд.

– Ҳар қадаре хоҳед, дар деҳаи мо зиндагӣ кунед, – гуфтанд онҳо. – Сарпаноҳ дорем, як бурда нонро бо ҳам мебинем.

– Ташаккур ба шумо, – даст болои сина гузошта гуфт, Сайнуриддин.

– Мо бароятон бори зиёдатӣ намешавем, шукр, ки дасту поямон бутун, аз субҳ то шом меҳнат мекунем.

Абдуқодирова Манзура Абдулвоҳидовна, 18 июни соли 1976 дар ноҳияи Бохтар ба дунё омадааст. Оиладор буд, се фарзанд дошт, аз шавҳараш ҷудо шудааст, ҳар се кӯдакашро ба ҳамсараш партофта, ҳамроҳи С.Ойаҳмадов ба вилояти Суғд ба «сайд» баромадааст…

Тафтишгарон аниқ намуданд, ки Сайнуриддин ба воситаи телефон якчанд маротиба бо сокини шаҳри Исфара Сурайё дар тамос будааст. Сӯҳбати онҳо пеш ва пас аз он вақеаи даҳшатангез сурат гирифтааст. Супориш шуд, ки духтарро дарёб намуда, муносибати ӯро бо Сайнуриддин аниқ намоянд.

Сурайё духтари ситорагарми шӯхчашм, бинии теғадор ва рӯи кулча дошт. Аз ташрифи ҷӯяндагон даступо хӯрд. Вақте фаҳмид, ки онҳо ба вай коре надоранд, фақат муносибаташро бо Сайнуриддин донистан мехоҳанд, ҳаросон пурсид:

– Ба вай чӣ шудааст, ягон фалокат рӯй дод, ӯ зинда аст?

– Чаро зинда набудааст, магар ягон гап шунидед? – пурсиданд ӯро.

– Дишаб вай ба хобам даромада буд, вақти аз роҳ гузаштан зери чархи мошин монд, гумон дорам, ки беҳуда чунин хоб надидаам.

– Шумо дер боз якдигарро мешиносед?

– Чор моҳ пеш мо тасодуфан шинос шуда будем, – нақли соддалавҳонаашро оғоз намуд ӯ. – Бо як мошин аз Хуҷанд ба Исфара омадем.

– Вай тез-тез ба наздатон меомад? – пурсиданд ӯро.

– Дар ду-се ҳафта маротибае, вале ҳар рӯз телефон мекард.

– Бори охир кай вохӯрда будед?

– 12 октябр, – чашмонашро нимпӯш карда, баъди андаке хаёл гуфт, Сурайё.

Ҷавоб ногаҳонӣ буд, муфаттишон, ки чунинашро интизор набуданд, саволомез ба ҳамдигар нигаростанд. Пас, рӯзи куштор на дар Истаравшану Душанбе, балки дар Исфара будааст. Аз он ҷо то Қистакӯз дар зарфи якуним соат бемалол омадан ва дар ин муддат қафо баргаштан мумкин. Тафтишгарон шубҳа карданд ва аз паси ҷустуҷӯи Сайнуриддину Манзура камар бастанд. Аввал дар Душанбе, баъд дар Қӯрғонтеппа нишон ҷустанд ва аз ноҳияи Ховалинг дарёфту боздошт намуданд.

Вақти кофтукови ҳар ду ба манзили муваққаттии истиқоматиашон далелҳои шайии ба ҷиноят алоқаманд, – ду гӯшвораи тилло, ки ба Махкамоваҳо тааллуқ дошт, дарёб гашт, ҳамчунин аз манзили хоҳари вай Ойаҳмадова Гулрухсор, ки сокини шаҳри Қӯрғонтеппа буд, гӯшвораи дигари духтарон ёфт шуд. Дертар дар деҳаи Қистакӯз ду занҷираки тиллои Биҳомида ва Зӯҳро, ҳамчунин корде, ки бо он духтаронро куштаанд, дарёб гашт.

Аҷаб таззоде. Ҳамон рӯзе, ки дар Қистақӯз ба мурдаи ду духтари бегуноҳ ашк мерехтанд, Сайнуриддин ба хоҳараш Гулрухсор, ки зодрӯз дошт,

тантанавор гӯшвораи хунолуди ба яғмо бурдаашро тӯҳфа карда, ба саломатиаш шароб менӯшид.

Боздоштшудагонро ба шаҳри Ғафуров оварданд. Ҳар ду, ки гурги борондида буданду аз усулҳои тергав хабар доштанд, аввал саркашӣ намуда гуноҳашонро инкор менамуданд, алоқамандиашонро ба куштору ғорати Махкамовҳо пайваста рад мекарданд. Баъди пеш овардани далелу бурҳон, ноилоҷ ба айбашон иқрор гаштанд.

Онҳо тасодуфан шинос шуданд ва чанде пас дарк намуданд, ки сираташон ба ҳам мувофиқат мекунад, хулқу хӯяшон ҳам. Сайнуриддин фаҳмид, ки Манзура барои вай чун обу ҳаво лозим аст, худаш барин бераҳму шафқат, аз чизе рӯй наметобад. Ҷояш ояд, мезанад, мекушад, месӯзад. Ҳар ду гумон доштанд, ки дар зиндагӣ корашон омад накардааст, ҳол он, ки онхо аз дигарон кам нестанд, тани солим дасту пои бутун доранд. Чаро ҳамсояҳо аз чизе танкисӣ намекашанд, зиндагии онҳо бошад бефайзу футур.

Ду «ҷабрдида» (онҳо худро ҳамин тавр вонамуд мекарданд), нақшаи якҷоя зистанро кашиданд, аммо аз кадом ҳисоб: пулу чиз надоранд, заҳмат кашидан намехоҳанд. Барои бахтсанҷӣ роҳи вилояти Суғдро пеш гирифтанд, гумон доштанд, ки ин ҷо бе душворӣ пулу чиз меёбанд, нашавад, аз бадбахтии дигарон барои худ кӯшки бахт месозанд.

Ба сафар баромаданд, дар чанд шаҳру ноҳияи вилоят «сайр» карданд, вале дар ягон ҷой дер намеистоданд. Ҳоло тафтишгарон дигар фарзияҳоро ҳам месанҷанд, гумон меравад, ки ин аввалину охирин қонуншикании онҳо нест.

Гаштанду гаштанд ва дар деҳаи Қистакӯз лангар партофтанд, панҷ моҳ ин ҷо зистанд, худро бепарво вонамуд мекарданд, гӯё рӯйдодҳои атроф барояшон фарқ надошта бошад, вале дар асл мавриди қулай меҷустанд ва расид он соате, ки дер боз интизораш буданд.

8 октябр онҳо таъмири манзили Анвар – бародари Ҳикоят Латифоваро ба анҷом мерасонданд. Сайнуриддин куҷое рафта буд, Манзура хонаро рӯбучин мекард. Як вақт ба ҳавлӣ Ҳикоят омад. Анвар хоҳарашро хуш истикбол намуда, таклифи ба кат нишастан кард. Ҳар ду чойнӯшон хеле сӯҳбат карда аз ину он ҳарф заданд.

– Корҳо чӣ тавр, бе шавҳар азоб намекашӣ? – пурсид у хоҳарашро. – Ягон душворӣ пеш ояд ё хизмат барояд, шарм надошта хабар деҳ.

– Раҳамат, додар, – ҷавоб дод Ҳикоят. – Шукри Худо, ки зиндагиамон бад нест, дигарон барин ҷунбида гаштем, ташвиши хона ба ӯҳдаи Биҳомида. Бизӯҳро баъди дарс ба ӯ мадад мерасонад, худам бемалол ба мактаб рафта меоям.

– Шояд пул лозим бошад, шарм надор, рости гапро гӯй, чор-панҷ сӯм дода метавонам.

– Не, пул дорам, чанде пеш почоятон панҷсад доллар фиристода буданд, ҳанӯз харҷ накардаам, дирӯз бисту шаш миллион равон кардаанд, (ӯ бисту шаш ҳазор рубли Бонки Федератсияи Русияро дар назар дошт) имрӯз гирифтанӣ будам, вақт нашуд, пагоҳ халтаро бардошта меравам.

– Эҳе, бой шудем гӯй, – шӯхӣ кард Анвар. – Ин тавр бошад, ягонта мошини хориҷӣ харида диҳам, кайф карда сурронда гард.

– Не, шармгинона даст афшонд зан. – Ягон сӯмашро сарф намекунам, почоюю чиянатон биёянд, тӯй мекунем, ҳа, ба писарам зан медиҳем.

– Нақшаҳоят худат барин пухта, офарин, каллаат кор мекунад, нияти хуб, тӯй бошад, хизмат аз тагояш, – мушт ба сина зад Анвар.

Серҷоғию пургуфторӣ, забонро дошта натавонистан ҳам дардест. Аксар вакт одам аз забони худ дар мемонад. Русҳо мақоли аҷибе доранд, серҷоғро бозёфти душман медонанд. Хоҳару додар он рӯз дар ҳузури зани бегона гап мезаданду намедонистанд, ки пургуфториашон ба сарашон бало меорад.

Сӯҳбати самимии хоҳару додар кашол меёфт. Ҳар ду аз ину он ҳарф зада, бехабар буданд, ки гуфтаҳояшон дили Манзураро мешикофад, кирми ҳирс пайкари занро мехӯрад. Вай аз алам ба худ мепечид, чаро ин зан зиндагии осудаҳолона дорад, соҳиби даста-даста пул, ороиши тиллоии занона мебошад, вай аз ҳамаи ин бенасиб аст, хизматгори манзили дагарон мебошад. Шавҳараш кӯдаконашро гирифта, худашро аз хона ронд, ҳоло илоҷи дидорбинӣ надорад. Бо мурури вақт Сайнуриддинро ёфт, вале ба вай ҳам бовар карда намешавад, ба духтарону ҷавонзанон чашм медӯзад, телефон карда хушомад мезанад, маълум, ки дилаш кашол аст. Ҳоло ҳам куҷое ғайб зад, шояд аз паси нозанине кашол бошад.

Не, зани дигарро дар хоб мебинад, ин бача, чашмонашро кофта мегирам, чанде пас кӯдак таваллуд карда ба дасташ медиҳам, он вақт ҳалқаи як занҷир мешавем, Сайнуриддин то гӯр онро кушода наметавонад.

Ҳикоят бо додараш хайрухуш карда рафт, Манзура дигар қувваи он ҷо истодан надошт, мехост худи ҳозир Сайнуриддинро ёфта, гуфтаҳои занро ба вай расонад, бояд он пулро ёфта гиранд. Охир чунинаш як бор рӯй медиҳад, пулро муфт ба даст овардан мумкин, куҷост ин бачаи беғам.

Дере нагузашта вай Сайнуриддинро ёфта, шунидаашро накл кард ва ҳар ду нақшаи ба даст овардани пулро кашиданд…

Бегоҳ ба Анвар гуфтанд, ки ҳисобӣ кунад, кори зарур баромад, онхо бояд таъҷилан раванд. Соҳиби хона ҳайрон шуд. Охир, онҳо ҳавлии ҳамсояро ҳам таъмир карданӣ буданд, дар ин бора баёна шудааст, вале Сайнуриддин ду пояшро ба як мӯза андохта, талабашро такрор менамуд.

– Имшаб дар ҳавлии мо хобед, хуб мешуд, пагоҳӣ барвақт ба роҳ мебаромадед, – илтимос кард Анвар.

– Раҳмат, вале мо шитоб дорем.

– Ақаман хӯрок хӯред, – хоҳиш намуд зани вай.

– Не, наметавонем, – гуфт Манзура. – Хоҳари Сайнуриддин бемор шудааст, мо ба аёдаташ рафтанием.

Ҳар ду хайрухуш карда, кӯча баромаданд ва дар хамгашти аввал сабукраверо дошта хоҳиш намуданд, ки ба Хуҷанд барад. Вақте, ки мошин ба роҳи калон баромад, Сайнуриддин даст ба китфи ронанда гузошта гуфт:

– Мебахшед акои шофир, ҳамин ҷо нигоҳ доред, ки як чиз аз ёдамон баромадааст.

Ронанда мошинро нигоҳ дошт ва пас аз фаромадани мусофирон норозиёна ғур-ғур карда ба ҷаҳл сабукравро пеш ронд.

Сайнуриддин дурӯғ гуфт, онҳо чизеро фаромӯш накарда буданд, нияти ба Исфара рафта, андаке дам гирифтан доштанд, мехостанд амалиётро бо ҷузъиёти хурдтаринаш таҳрезӣ намоянд. Дертар муфаттиш ронандаи таксиро ёфта, аз шоҳидон фаҳмид, ки Сайнуриддину Манзура ба тарафи шарқии деҳа мераванд ва аз он ҷо ба роҳи калони Хуҷанд Исфара мебароянд.

11 октябр онҳо ба Қистақӯз бармегарданд ва аз чанд кӯчаи деҳа гузашта, вориди ҳавлии Маҳкамовҳо мешаванд. Биҳомидаю Зӯҳро, ки дар хона ҷунбуҷул доштанд, марду занро хуш пазируфта, ба дарун таклиф менамоянд, зеро онҳоро хуб мешинохтанд, борҳо дар хонаи тағояш дида буданд. Дастархон густурда, бозёфти бечорагиашонро болои он гузоштанд. Духтарон меҳмоннавозиро аз бибию модарашон ёд гирифта буданд, онҳо мегуфтанд, ки меҳмон атои Худост, вай бо ризқаш меояд, ба манзил файзу барака меорад. Магар ақли кӯдакии онҳо мерасид, ки меҳмонони имрӯза корд дар бағал доранд ва барои куштани онҳо омаданд.

Чусту чолок буданд духтарон, яке шакароб кард, дигаре хӯрок пухт. Манзура қаноатмандона ба онҳо менигарист, барои шахсе, ки дар умраш ба касе як бурда нон надодааст, рафтори духтарон бегона менамуд, аз қафои Сайнуриддин барфу борон мерехт.

– Ту чаро мотам гирифтӣ? – пурсид вайро зан.

– Ман дуюмашро ин ҷо диданӣ набудам, – Зӯҳроро дар назар дошт вай. – Хурдиаш бояд дар мактаб мешуд.

– Парво накун, беҳтараш дурусттар хурок хӯр, ҳоло ба ту қувва даркор мешавад. Мард бош, чунинаш як бор рӯй медиҳад, фурсатро набояд аз даст дод. Об ки аз сар гузашт, чӣ як ваҷабу чӣ сад ваҷаб, чӣ фарқ дорад, ки ҷони яктоашро мегирем ё дутоашро. Одам аз райъаш намегардад ва дар роҳаш шоҳид намемонад.

Ҳар ду ба дастархон дарафтода, косаю табақҳоро холӣ карданд, шикамсерӣ чой нӯшиданд. Вақте ки Биҳомида чойникро мегирифт, Сайнуриддин чолокона оринҷашро аз гардани духтар гузаронида гулӯяшро фишурд.

Биҳомида, ки чунинашро дар гӯшаи хаёл чой надода буд, нохушиеро ҳис кард, тахмин намуд, ки меҳмон нияти бад дорад. Хост худашро ҳимоя кунад, вале дастонашро мард нигоҳ медошт, чанд маротиба бо пойҳояш вайро зад. Манзура инро дида чолокона пойҳои духтарро дошту дашном дод, ки муқобилият нишон надиҳад, ҳаракатҳояш бефоида.

Пайкари духтар суст мешуд, ҷон аз тани ҷавонаш мебаромад, ҳоли зори раҳмоваре дошт ӯ. Илтиҷоомез ба қотилон менигарист, вале чашмони хунгирифтаи зану мард инро намедиданд, пеши назари онҳо фақат пул менамуд. Дере нагузашта ҷасади ӯ ба замин афтод. Сайнуриддин чолокона аз киса корд бароварду ба дили духтар зад. Манзура саросема аз гардани мурда занҷирак, аз гӯшҳояш ҳалқа, аз ангушташ нигинашро гирифта, ба ҷайбаш зад.

Баъд ҳар ду ба хонаи дигар даромада ба Зӯҳро дарафтоданд. Духтар худро ҳимоя карданӣ мешуд, вале Сайнуриддин ба ӯ имкон намедод. Лабони духтар меҷунбиданд, яқин, ки ӯ чизе гуфтан мехост, шояд илтиҷо мекард, ба раҳму шафқат даъват менамуд, онҳо ҳам фарзанд доранд, аз дунё умед доранд, вале раҳму шафқат за куҷо, магар дар ниҳоди онхо аз дилсӯзӣ нишоене ҳаст?!

Зӯҳро ҷон ба Ҷаббор супорид, аниқтараш, ду Аҳриман ҷони ӯро гирифтанд. Баъди он, ки қалби духтар аз тапидан бозмонд, Сайнуриддин аз киса корд бароварада, ба дили ӯ зад. Ӯ метарсид, ки духтар зинда кирдори пурнангу бешафқатонаи онҳоро ба касе мегӯяд. Манзура аз ангушти ӯ ангуштарин, аз гарданаш занҷираки тиллоӣ ва аз гӯшҳояш ҳалқаашро гирифта ба ҷайбаш зад. Баъд ба кофтукови хона сар карданд. Ҳар чизи арзишноки ба чашмони тамаҷҷӯяшон афтодаро гирифта, ба ҷайбу халтаҳояшон мезаданд. Вале чашмони тангу носерами онҳо чизи дигар – пул меҷуст, куҷост он маблағи 26 миллиони Ҳикоят гуфта. Ҳарчанд кофтанду кофтанд, аммо ғайр аз 100 арзи ИМА в 55 сомонӣ дигар маблағе наёфтанд ва ба тақдир тан дода ноилоҷ ба ҳавлӣ баромаданд.

Ду қотили ба даррандаи ваҳшӣ шабоҳатдошта чанд кӯчаи серодамро гузашта ба роҳи калон баромаданд ва мошини роҳгузарро дошта, ба самти Исфара равон шуданд. Гумон намуданд, ки ҳар қадаре аз Қистакӯз дур шаванд, ҳамон қадар дарёбу боздошт намудани онҳо душвор мешавад.

Панҷ моҳ ду шахси бегона дар деҳа зистанд, аммо касе шахсияти онҳоро аниқ накард, сабаби ин ҷо омаданашро напурсид. Ҳол он, ки Сайнуриддин барои дуздӣ ба масъулият кашида шуда буд ва кӣ кафолат дода метавонист, ки ӯ даст ба чинояти нав намезанад? Ҷалолиддини Балхӣ ҳанӯз 800 сол кабл гуфтааст:

***Гурги аҷал якояк аз ин галла мебарад,***
***В-ин галларо бубин, ки осуда мечарад.***

Вале мо то ҳол ба гуфтаи Мавлавии бузург сарфаҳм нарафтаем. Ана оқибат бо чӣ анҷом ёфт, бепарвоии мо. Ду гулдухтарро ваҳшиёна куштанд, вале аксар мавкеи бетарафиро ишғол намуданд. Қотилон аз чанд кӯчаи деҳа гузашта ба ҳавлӣ даромаданд ва бо ҳамон кӯчаҳо рафтанд, аммо эшонро гӯё касе надид. Ин ба ақли солим рост намеояд.

– Баъзан аз гунаҳгор дида пайдо намудани шоҳидон душвортар аст. – шӯхӣ кард тафтишгаре. – Воқеа дар пеши назараш рух дода бошад ҳам, гӯё онро намебинад.

Чӣ тавре ки гуфтем, қотилон дур рафта натавонистанд ва рафта ҳам наметавонистанд, зеро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ин дастгоҳи пуркувватест, ки манфиати халқро ҳифз менамояд ва Сайнуриддину Манзураҳоро дастгир намуда, ҷазои сазовор медиҳад.

**Ҳаммуаллиф Ғайрат Ҳаким**

## ГУЛХАНИ ШАҲВАТ

Ин куштори ваҳшатангез дар деҳаи Унҷии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров сар зада буд. Ва муддати мадид дар байни аҳолӣ овозаю дарвоза шуд. То ҳол дар бораи он ҳарф мезананд, баҳс мекунанд. Чунин куштори вазнинро ҳатто калонсолони деҳа дар ёд надоранд. Аз тарафи кӣ сар задани ҷиноятро аксар медонистанд, зеро дар кӯчаю пасткӯча, бозору чойхона оид ба он ҳарф

мезаданд, муҳокима менамуданд. Мегуфтанд, ки ҳайфи бача, хешу табори мард ору номусро медонист, занро мекушт, на ҷавонро, зеро дар фисқу фуҷур айби вай бештар аст.

Гурӯҳи муташаккил нақшаи кушторро тарҳрезӣ карда буд, ҳар кадоме барои худ нақше дошт.

Бале, нақшаи фоҷиаро кашида буданд. Чор кас дар куштор ширкат варзиданд, вале фақат нафаре онро ба гардан гирифт ва муфаттишонро гумроҳ намуда, ба кӯчаи сарбаста бурданд. Аз асли воқеа бохабар будагон ба даҳон об гирифта, пинҳонӣ ба ҳоли муфаттиш механдиданд, мегуфтанд, ки мӯйро аз хамир ҷудо карда наметавонад. Роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро бадном мекарданд, аммо ҳамаи ин ҳавои даҳон буд, билохир тафтишгарон ғалаба карданд, собит намуданд, ки эшон аз болои дастаҳои ҷиноятӣ ғолиб омада метавонанд, гарчанде нақшаашон хуб тарҳрезӣ шуда бошад ҳам.

Зани шаттоҳ ва фосиқ на фақат ба сари ҷавон об рехт, балки диёрро бадном намуд, хешу табори худашро, ҳамсарашро сархам, волидони марҳумро гирифтори дарду ғам кард.

### *Ишқ не шаҳват*

Онҳо дер боз ишқварзӣ мекарданд. Ҳирси зан ҳанӯз вақти мактабхон будани ҷавон бедор шуда, ба кавле ӯро зери чашм кард. Он вақт зан муаллима буду ҷавон толибилм. Ба ҷавон дарс мегуфту нақшаи чӣ тарз ба доми хеш кашиданашро мекашид. Ҷавон ишқи нахустинаш набуд, шоҳидон гуфтанд, ки вай бо муаллиме вомехӯрд. Маъмурияти мактаб талаб ба миён гузошт, ки зан хушӣ ба хушӣ аз кор равад, ба шаъни омӯзгор доғ наорад. Муаллима аз кор рафт, вале ҷавонро аз хотир бароварда натавонист, пайваста дар фироқаш месӯхт. Вай худро идора карда натавониста, мунтазам бо ӯ мулоқот меҷуст ва аксар вақт ба ин ноил мешуд.

« Элак баҳонаю дидор ғанимат » гуфтагӣ барин, сатил дар даст барои об ба ҳавлии ҳамсоя мерафту аз ҷавон хоҳиш менамуд, ки ба корҳои хоҷагиаш ёрӣ расонад. Ва аксар вақт ин мулоқоти эшон бо хуфту хез анҷом меёфт. Аз муносибати ошиқонаи зани ду фарзанддор Мадина Ғаниева ва ҷавони муҷаррад Асрор Тошматов аҳли деҳа ба ташвиш афтоданд. Калонсолон хавотир буданд, ки ҳамаи ин оқибати хуш надорад, ҳатто ба фоҷиа анҷом ёфтанаш мумкун. Аммо зан парво надошт. Шавҳараш, додари вай, хусуру хушдомани Мадина дар ҳолати ногувор буданд, назди мардум сархам гаштанд, вале барои вай айшу ишрат ва қонеъ кардани нафси шаҳвонӣ аз ҳама чиз боло меистод. «Гӯр сӯзаду деги қаландар ҷӯшад»-гуфтагӣ барин оламу одамро аз ёд бароварда, маишати худро тарк карда наметавонист.

15 – уми майи соли 2008 назди мошинистгоҳи кӯчаи ба номи М. Авезоваи деҳа падари ҷавонзан И. Ғаниев, тағои А. Тошматов – Рӯзибой Қосимовро дошта, бо қаҳру ғазаб талаб кард, ки ҷиянашро «ғундорад», агар ӯ муносибати маҳрамонаашро бо духтари вай хотима надиҳад, кор ба хунрезӣ анҷом меёбад.

Тағо бо ҷиянаш гуфтугӯ намуд, насиҳат кард, вале панду андарз суд набахшид. Ошиқон гаҳ дар манзили ҷавону гоҳ дар хонаи зан ва ҳамчунин дар

ҳар ҷои рост омада вохӯрда, муносибати маҳрамонаашонро давом медоданд. Боз чанд маротибаи дигар хешу табори ҷавонзан ҳардуро огоҳ намуданд, таъна заданд, таҳдид карданд, аммо кор аз кор гузашта буд.

Хешу табори ҷавон барои Асрорро аз Мадина дур намудан барояш қитъаи заминеро аз шаҳраки Палос иҷора гирифтанду ӯро он ҷо бурда фармуданд, ки деҳқонӣ кунад.

Муддате «ошиқон» аз ҳамдигар дур шуданд, аммо ин ҷудоӣ дер давом накард. Асрор охири тирамоҳ ҳосили полезашро ғундошта, боз ба деҳа баргашт.

Вай худро аз ҳамсоязан канор мегирифт, кӯшиш мекард, ки бо вай вонахӯрад, вале чунинаш кори душвор буд, зеро Мадинаи ташнаи дидор тоқат карда натавониста бо ҳар баҳона ба ҳавлии маъшуқаш мерафт. Зан айёрона хоҳиш мекард, ки ба корҳои хоҷагиаш ёрӣ расонад, гови таноб кандаро бандад ё ягон чизи вазнинро бардорад. Боз деви хуфта бедор шуда, муносибати пешинаи онҳо барқарор гашт.

Ишқбозии нобарори ҳар ду роҳбарони ҳокимияти маҳалро ба ташвиш овард. Ҷонишини раиси ҷамоати Унҷӣ, раиси шурои занони маҳалла М. Исмоилова хушдомани Мадина – М. Неъматоваро ба ҷамоат даъват намуда, суҳбат орост ва таъкид кард, ки садди роҳи ошиқу машуқ шаванд, вагарна оқибаташ хуб анҷом намеёбад.

Вале баъди огоҳии намояндаи расмии ҳукумати маҳал ҳам чизе тағйир наёфт, «бод дар вазидану мор дар хазидан» – гуфтагӣ барин, онҳо вохӯрии маҳрамонаашонро давом медоданд. Хешу табори М. Ғаниева баъди машварати тӯлонӣ ба хулосае омаданд, ки ба ҳар ду насиҳат суд набахшид, таҳдид ҳам таъсир накард, эшонро ғайр аз марг чизе аз ҳам ҷудо намесозад. Бале, роҳи ягонаи халосӣ Асрорро куштан аст! Ва қарор доданд, ки ҳар дуро вақти алоқаи ҷинсӣ медоранду ҷавонро кушта, ҷасадашро маҳв месозанд.

### *Зимистони хунин*

Ва интиқом дер кашол наёфт. Рӯзи сарди якуми феврал «ошиқон» дар хонаи Рустам Неъматов алоқаи ҷинсӣ карда, масти ҳамдигар буданд, на касеро медиданду на касеро мешуниданд. Тахмин соати нуҳуним хушдомани Мадина – М. Неъматова ва шавҳараш С. Неъматов ба хона даромада, ин манзараи нафратоварро диданд. Сӯҳроб занашро бо тани урён дар оғӯши марди дигар дида, тоқат карда натавониста бо пораи оҳани дар дасташ буда ба сари Асрор зад. Аз зарбаи сахт маъшуқи занаш беҳуш шуд. Мадинаи фитнагар, ки сар то по аз макру ҳилла иборат буд, хост аз об хушк барояд: вай худро ҷабрдида вонамуд карда, имдодталабона арз намуд, ки Тошматов ба хона даромада пул пурсидаасту вай рад намудааст ва ҳамсоя ба хашм омада, зӯран ба номусаш таҷовуз намудааст.

Онҳое, ки дақиқае пеш кирдори бешармонаи зани масти шаҳватро, ки ба ҷавон часпида буд, диданд, магар ба гуфтаи вай боовар карданд?! Не, чунинаш ба ақл рост намеояд…

Ҳангоми баҳси хешон Асрори хунолуд ба худ омад ва либосҳои таги худ (турсию майкаро) партофта, саросима куртаву шимашро пӯшиду аз дар баромада сӯи дарвоза даввид, вале азбаски ҷароҳатнок буд, дур рафта натавонист. Ӯро М. Неъматова, С. Неъматов, И. Ғаниев дошта, зӯран ба хона кашида оварданд ва дасту пояшро ба ресмон бастанд.

Сӯҳроб кордро бардошта ба гардани Асрор халанд. Хун фавора зад, ҷавон аз дард печутоб хурда, нолиш мекард, вале ҳозирон латукӯбро идома медоданд. Як вақт М. Неъматов кордро аз дасти домодаш гирифта, олоти мардии А. Тошматовро аз бехаш бурида гирифт.

Мувофиқи хулосаи ташхиси комиссиони судӣ – тиббӣ А. Тошматов аз ҷароҳати ҷисмонии халандаи ба гардан расида, буриши артерия ва олоти мардона, буридани панҷаи дуюми дасти рост, ҷароҳати паси сар, хунравӣ аз бозуи ҳар ду даст ва пойҳо дар маҳалли ҳодиса ҳалок шудааст.

Мурдаро монда тутхӯрӣ гуфтагӣ барин, ҳар се котил амволи марҳумро тасарруф намуданд. Онҳо аз киссаи ҷавони ба хун олуда телефони мобилии «сименс М-65» – и арзаишаш 550 сомонӣ ва 500 сомонӣ пулашро гирифтанд.

### *Забани шоҳидро кӣ баст*

Илми криминалистика исбот намудааст, ки катъи назар аз устокорона рӯйпӯш намудани аломатҳои ҷиноят, гунаҳкор дар маҳалли ҳодиса аз худ нишон мемонад ва дар ин воқеа низ чунин шуд. Асрор вақти алоқаи ҷинсӣ бараҳна буда ҳангоми фирор турсию майкаашро монда буд ва Мадина либосҳои таги ӯро ба ҳоҷатхона партофт. Ғайр аз ин, сокини кӯчаи Боғи Калон, ҳавлии рақами 53 Н. Нурматов, ки дар ҳамсоягии Неъматовҳо зиндагӣ мекард, чӣ тавр сӯи дарвоза давидани Асрори маҷрӯҳи нимбараҳнаро дида буд, вале ба касе дар ин бора чизе нагуфт, 6 феврали соли 2007 ба хонаи ӯ омада, талаб намуданд, ки ба милитсия баёнот надиҳад ва ба ягон нафари дигар ҳарф назанад, бар ивази хомӯш истодан онҳо пул пешниҳод намуданд.

Н. Нурматов аз гирифтани пул саркашӣ менамояд, вале аз таҳдиди эшон метарсад, зеро мисоли равшан – ваҳшиёна кушта шудани А. Тошматовро ба чашми худ дида буд.

Дертар, вақте ки А. Нурматовро ба шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров барои пурсуҷӯ даъват менамоянд, Неъматова вайро дошта таҳдид кардааст, ки агар асли воқеаро гӯяд, ҳолаш табоҳ мешавад.

### *Ҷасад дар хона*

Ҳамон рӯз қисми якуми нақшаи таҳрезинамудаи дастаи муташаккил, ба қавли худашон, бомуваффақият анҷом ёфт, акнун бояд қисми дуюми корро анчом медоданд: ҷасадро ба линга ҷой намуда ба об мепартофтанд. Он вақт мурда тӯъмаи моҳиён мегардиду касе аз куштор огоҳӣ намеёфт. Аммо қотилон ҷасадро аз ҳавлӣ баровара натавонистанд…

Бедарак шудани Асрор аҳли оила, хешу табор ва рафиқонашро ба ташвиш овард. Кирдори ғайриоддии оилаҳои Неъматовҳо ва Ғаниевҳо пайвандони

Асрорро ба ташвиш оварда буд. Онҳо ҷамъ шуда маслиҳат мекарданд, ба мошине савор шуда мерафтанду боз меомаданд ва назди дарвоза наклиёташонро монда ба хона медаромаданд. Шарикдарсони Асрор аз ҳамаи ин шубҳа карда, ҳавлии Неъматовҳоро назорат менамуданд, зеро хавотир буданд, ки ба сари ҳамсинфашон ҳамсоягонаш балое оварда, боз ягон воқеаи даҳшатнок рӯй доданаш мункин аст.

Ҳамон рӯз шарикдарсҳо гаштак дошатанд, вале Асрор бесабаб ба ошхӯрӣ наомад. Хавотир гашта, ба телефонии мобилиаш занг заданд, вале он хомӯш буд. Ҳанмсинфони Асрор тахмин карданд, ки ин тасодуф нест. Ҷавонон якдигарро хуб мешинохтанд, аз хулқу хӯи ҳамдигар огоҳ буданд ва муносибати маҳрамонаи Асрорро ба Мадина ва нисбати ӯ дар дил кина доштани аҳли оилаи Неъматовҳоро медонистанду тахмин карданд, ки пайвандони маъшуқааш ба сари шарикдарсашон нохушие овардаанд. Хавф бурда, бачаҳо ҳамон бегоҳ ва шаб назди дарвозаи ҳамсояаш навбаддор истоданд. Ин ба қотилон имкон надод, ки қисми дуюми нақшаашонро амалӣ намоянд, онҳо имкоини аз ҳавлӣ баровардани ҷасади марҳумро наёфтанд.

**Дурӯғи хушдоман**

Дертар, вақти пурсуҷӯ М.Неъматова худро гунаҳкор наҳисобида, гуфт, ки субҳи 1 феврали соли 2007 вай аввал ба кор, сипас барои аёдати келинаш М. Маҳмудова ба беморхонаи деҳаи Шайхбурҳон рафтааст ва он ҷо келини хурдиаш Мадинаю писараш Сӯҳробро дидааст. Тахмин соати сеи рӯз ба хонааш баргашта либос иваз намуда, ба тӯй рафтааст. Саҳарии рӯзи дигар аз келинаш Мадина ин воқеаро шунидааст. Аз гуфтаи вай Асрор Мадинаро таҷовуз кардан хостаасту ҷавонзан худро ҳимоя намудааст. Вай ба ҳамсояашон Асрор ягон муносибат ё хусумат надоштааст.

**Бофтаи Сӯҳроб**

Сӯҳроб Неъматов низ худро гунаҳкор наҳисобид, баръакс гунаҳҳои зиёдеро бар дӯши ҳамсоя гузошт, аз ҷумла гуфт, ки 10 ноябри соли 2005 пас аз соати 9 аз кор баргашта, дари ҳавлиашонро маҳкам дида, оилаашро ҷеғ задааст. Вай баромада дарро кушодааст. Як вақт аз оғил садои тағора баромадааст. Сӯҳроб ҳайрон шуда, он ҷо даромадаасту бо чароғи телефони мобилиаш говхонаро аз назар гузаронида, дар кунҷи оғил Асрорро дидааст. Ҳамсоя гурехтан хостаст, вале дур рафта натавонистааст. Сӯҳроб ӯро дошта ба хонааш даровавда, баъд волидонашро бедор кардааст. Сонӣ, волидони Мадина, баъд падару модари Асрорро даъват намуда масъаларо муҳокима кардаанд.

– Дар оғили мо чӣ кор мекардӣ? – пурсидааст Сӯҳроб.

– Рафиқонам пеш карданд, гурехта ин ҷо руст шудам, – ҷавоб додаст Асрор.

– Агар рости гапро нагӯӣ, ба милиса мебарам, – таҳдид намудааст Сӯҳроб.

Онҳо ҳамон шаб аз вай забонхат гирифтанд, ки дигар ба Мадина вонамехӯрад. То субҳ Асрорро дар оғил нигоҳ дошта, баъд ҷавоб доданд.

Аз рӯи гуфти Сӯҳроб рӯзи 1 феврали соли 2007 пагоҳӣ вайро ҳамсараш аз хоб бедор карда, баъди субҳона ҳамроҳи ҳамсараш ба аёдати зани бародараш рафта, баъд аз паи иҷрои вазифааш шудааст. Бегоҳ ба хона баргашта, хӯрок хӯрда хуфтааст. Он шаб ҳамсараш ба вай дар бораи ҳодисаи руxдода чизе нагуфтааст.

2 феврал соати ҳафти пагоҳӣ аз хона ба коргоҳаш рафта, аз пайи фаъолият шудааст. Як шахси ношинос омада гуфтааст, ки ба хонаашон равад, ӯро падараш мунтазир аст. Вай ба ҳавлиашон омада, фаҳмидааст, ки ҳамсараш дирӯз ҳамсоя – Асрор Тошматовро куштааст.

Инро масҳака мегӯянд ё шояд фоҷиа номидан саҳеҳтар бошад?! Вай тавре гап мезад, ки гӯё ба ҷиноят муносибате надорад. Тамоми шаб дар хонаашон хешу табор ҷамъ шуда, машварат оростаанд, вай ҳам дар он ширкат дошт, вале чунон вонамуд, мекард, ки чизеро нашунидаю надида, баҳузур хобидааст.

### *Давоми мазҳака*

Падари Мадина Илҳом Ғаниев, ки дар хоҷагии ба номи Ӯрунхоҷаев муҳандис аст, ҳангоми пурсуҷӯ ва мурофиаи судӣ гуфт, ки якуми феврали соли 2007 тахминан соати 16 ба вай духтараш Мадина телефон карда, ба хонааш таклиф намудааст. Вай ҳамроҳи ҳамсараш омада, сабаби ҷеғ заданашро пурсидааст.

– Говҳоро бинед, – хоҳиш намудааст Мадина.

Вай говҳоро дидан пас рафтааст. Куҷост мантиқ? Магар барои говбинӣ вайро духтараш аз кор мононд, сониян ҷаро ҳамсарашро бо худ овард, магар зан байтор аст?..

Хуллас, волидон ба хонаи духтарашон барои машварат омаданашон рӯз барин равшан буд.

### *Баёноти гунаҳкори асосӣ*

Мадина Ғаниева соли 1980 дар деҳаи Унҷӣ таваллуд шудааст. Маълумоташ олӣ, оиладор, модари ду фарзанд. Ӯ вақти пурсуҷӯ гуфт, ки бо оилаи Тошматовҳо ҳамсоя мебошад, муносибаташон хуб, ба ҳавлии онҳо ҳам рафту омад дорад. Мадина тӯтивор такрор мекард, ки субҳи 1 феврал ба аёдати зани бародари шавҳараш ба беморхонаи деҳа рафта, он ҷо хушдоманашро дидааст. Шавҳару хушдоманаш сипас ба ҷои корашон рафтаанду, вай ба хонааш баргашта, бачаҳояшро ба кӯча гуселонидааст. Як вақт дар кушода шуда, ба хона Асрор доромадааст. Вай Мадинаро тела дода, зӯроварӣ кардан хостааст. Мадина муқобилият нишон медиҳад, вале қувваташ намерасад, ноилоҷ кордро мегираду олоти мардии Асрорро мебурад. Дурӯғи ҷавонзан аз гуфтаҳои худаш аён мегардад. Мувофиқи гуфтаи Мадина Асрор ҳанӯз шимашро накашида буд ва ҳаргиз зан олоти ӯро аз бехаш бурида наметавонист.

## *Ашки хунини модар*

Ҳоли зори модари Асрори ғӯрамаргро тасаввур кардан душвор, хеле душвор аст. Ҷабрдида Р. Тошматова бо сӯзу гудоз накл намуд, ки то ба ин ҳавлӣ келин шуда омадани Мадина Ғаниева муносибаташон бо оилаи Ғаниевҳо хуб буд, бемалол рафтуомад мекарданд. Мадина ба ҳавлии онҳо тез-тез меомад. Аввал ӯ ба ташрифи ҳамсоя эътибор намедод, зеро он вақт Мадина муаллима буд, ба фарзандонаш дарс мегуфт. Дертар фаҳмид, ки ташрифи ҷавонзан беасос набудааст, вай ба Асрор ошиқ шудааст. Модар ба ташвиш афтода, Мадинаро чанд маротиба насиҳат намудааст, ки аз ин роҳаш баргардад, магар аз хушдоману шавҳараш наметарсад?!

– Ҳамаи инро ман аз хушдоманам ёд гирифтам, вай аз ман забонкӯтоҳ аст, чизе гуфта наметавонад, – мегуфтааст Мадина.

– Вай ба хонаи мо кулчаҳои ширин ва хӯрокҳои болаззат оварда мегуфт, ки Асрор аз саҳро монда шуда омадааст, бояд таъоми серғизо хӯрад, – нақлашро идома медиҳад модари гирён ва меафзояд:

– Мадина аксар вақт вайро барои майда кардани хошок, аз оғил баровардани говҳо, побели ҳавлиаш гирифта мерафт…

Модар аз писараш хавотир буд, метарсид, ки рӯзе ягон бадбахти рӯй медиҳад, бинобар ин, писарашро бо ҳамсинфонаш барои кор ба шаҳри Волгогради Федератсияи Русия фиристод. Рӯзе Мадина ба хонаашон омада, модари Асрорро коҳиш мекунад:

– Чаро Асрорро ба Русия фиристодед, маблағатон набошад, ман медодам.

– Баъди аз Волгоград баргаштани писарам Мадина боз ба хонаи мо омад. Он вақт нав таваллуд карда буд, тифлашро ба Асрор дода гуфт:

– Ба кӯдакам нигар, вай ба кӣ монанд аст? Асрор ба гуфтаҳои Мадина аҳамият надод, вале зан аз ӯ дур шудан намехост, – нақлашро идома медиҳад модари ғамзада ва меафзояд: – Ҳангоми дар хона набудан ё вақти ба сафари хизматӣ рафтани шавҳараш, Мадина Асрорро бо сад баҳона ба хонааш таклиф менамуд.

## *Баёноти дигар*

– Рӯзе ба ҳавлии хоҳарам Р. Тошматова рафтам, – гуфт Т. Шарифова, ҷиянам Асрор дар кат рӯйболо мехобиду наздаш Мадина нишаста аз биниаш мекашид.

– Ин чӣ кори кардаатон? – пурсидам ҳамсоязанро.

Мадина маро дида, бо дили нохоҳам аз ҳавлӣ баромада рафт. Асрор бошад, аз чояш хеста ба ман салом дод ва шармгинона сар хам кард.

– Ҳамсоязан ин ҷо чӣ кор мекунад? – пурсидам ӯро, зеро дар атрофии муносибати ҳар ду гапу калочаҳои зиёде паҳн шуда буду мо намехостем, ки обурӯи ҷавон резад, зеро Асрор ҳанӯз хонадор нашуда буд.

– Маро ба ҷону ҳолам намемонад, хайрият шумо омадед, вагарна безор мекард, – иқрор шуд Асрор.

Рӯзи дуюми феврал хабар доданд, ки Асрорро куштаанд. Ба хонаи хоҳарам Роҳат рафтам. Он ҷо хешу табор ва ҳамсояҳо ҷамъ шуда буданд. Ҳозирин мехостанд ба хонаи Неъматовҳо рафта ҷои ҳодисаро бинанд, ман ҳам ҳамроҳашон равон шудам.

Назди дарвоза Мушарраф, писараш Рустам ва соҳиби хона Неъматов меистоданд.

– Мо ҷои ҳодисаро дидан омадем, – гуфтем.

– Мо Асрорро накуштаем! Ҳангоми бо Мадина алоқаи чинсӣ дастгир намудему зада беҳуш кардем ва дасту пояшро баста, падари Мадинаро даъват намудем. Падари Мадина олоти мардиашро бурида Асрорро кушт. Ба хонаи қотил равед, – ҷавоб дод Мушаррафа ва илова кард: – Ба хоҳаратон Роҳат таклифи моро расонед, корро хобонад, ҳар қадаре, ки хоҳад, пул медиҳем!

– Бе маслиҳати хоҳарам чизе гуфта наметавонам, – ҷавоб додам ман.

Ман пешакӣ чӣ гуфтани хоҳарамро медонистам, мефаҳмидам, ки вай писарашро намефурӯшад. Тавассути телефон бо ӯ тамос гирифтам, таклифи онҳоро расонидам.

– Писарамро ёфта диҳанд, аз даъво мегузарам, – ҷавоб дод Роҳат.

Ғаниев норозигии хоҳарамро шунида гуфт:

– Афсӯс, мо пул оварда будем, бовар доштем, ки розӣ мешаванд, ҳоло ҳама ҷо гапи пулдор мегузарад, аз дасти камбағал чӣ меояд? Ҳар чӣ аз дасташ ояд, кардан гирад…

– Ман дар ҳамсоягии оилаҳои Тошматовҳо ва Неъматовҳо зиндагӣ мекунам, – гуфт А. Исмоилов. – Бо сабаби он ки телефони мобилиам дастгоҳи заряддиҳӣ надорад, онро хонаи Асрор ба заряд медиҳам. Рӯзе барои телфонамро ба қувваи барқ гузоштан ба ҳавлии Тошматовҳо рафтам, пардаи тирезаи хона кушода буд, даст ба дастгоҳи заряд бурдам ва ҳамин вақт дидам, ки Асрор дар диван мехобид, дар тагаш зане буд, пардаро пӯшида қафо баргаштам, назди ҳавлиамон Асрор расида омад.

– Вай зани кӣ буд? – пурсидам ӯро.

– Зани ҳамсояамон Мадина…

Муносибати марҳамона доштани ҳар дуро боз дидаам. Рӯзе барои ба говам гирифтани атола ба хонаи Сӯҳроб рафтам ва дар оғил Мадинаю Асрорро дидам…

Ин гапи нав нест, муносибати ҳар дуро тамоми сокинони деҳа медонанд. Борҳо Асрорро огоҳ намудаам, ки ба зани ҳамсоя чашм ало накунад, вай шавҳару фарзанд дорад, вале рафиқам чунин ҷавоб дод:

– Вай маро ба ҳолам намемонад, мунтазам аз кафоям мегардад…

## *Шоҳиди асосӣ*

– Ман бо ҷабрдидаҳою айбдоршудаҳо ҳамсоя мебошам, – гуфт шоҳиди асосии фоҷиа Н. Нурматов. – Ҳамон рӯз – 1 феврал пагоҳӣ говҳоямро ба чарогоҳ бурда, аз он ҷо бармегаштам, назди ҳавлии Неъматовҳо чанд мошин, аз ҷумла ГАЗ – 21, «Москвич»-и боркашон ва сабукрави Рустам меистоданд. Ба хона даромада андаке гарм шудам. Тахмин соати 10 хостам ба чарогоҳ рафта,

говҳоямро хабар гирам. Аз назди дарвозаи Неъматовҳо мегузаштам, ки шарфаи пой ба гӯшам расиду баъд дарвоза кушода шуд. Ҳамин вақт Асрорро дидам, ки тозон аз ҳавлӣ баромадан мехост, вале Илҳом Ғаниев ва Сӯҳроб Неъматов ӯро дошта, қафо кашидanду дарвозаро пӯшиданд. Пешонии Асрор хунолуд буд. Аз ҳавлӣ бошад, овози Мадина мебаромад:

– Асрор айб надорад, айби ман аст, – фарёд мезад вай.

Норматов гумон кардааст, ки танбеҳи Асрорро дода, вайро ҷавоб медиҳанд ва хавотир нашуда ба саҳро рафтааст. Аммо рӯзи дигар фаҳмидааст, ки онҳо Асрорро куштаанд.

Ду – се рӯз пас М. Неъматова ба хонаи Норматов омада, таъкид кардааст, ки дар бораи он воқеа ба касе гап назанад, ҳар кадаре пул хоҳад, медиҳанд, вале рафту хабар кашад, аз Асрор бадтар карда мекушанд.

### *Гуфтугӯи тасодуфӣ*

– Ман бо Мадина дар як кампи маҳбаси тафтишотӣ будам, – қисса кард Ш. Қоситова. – Вазъи сиҳатиам хуб набуду ҳар замон милисаҳо маро ба долон мебароварданд, ки ҳавои тоза гирам. Рӯзе ду нафар ба назди Мадина Ғаниева омаданд. Онҳо дар ҳуҷраи дидор вохӯрданду ман тасодуфан гуфтугӯяшонро шунидам. Яке аз он мардон ба Мадина мегуфт:

– Гапҳои дар хона шударо аз ёд набарор – гуфтаатро тағйир надеҳ. Корҳо хуб анҷом меёбанд, мо туро мебарорем!

Дидор анҷом ёфту мо рӯ ба рӯ нишаста, сӯҳбат кардем.

– Чаро падарат чунин гуфт? – пурсидам аз Мадина.

– Агар ба касе налаққӣ, мегӯям, – шарт гузошт вай.

– Ман ба нафаре даҳон намекушоям, – гуфта қасам хӯрдам.

– Ин тавр бошад, гӯш кун: Ман Асрор ном ҳамсоябачаамро чанд сол боз нағз медидам. Мо тез – тез во мехӯрдем. Рӯзи 1 феврал дар ҳуҷраи худам бо ӯ алоқаи ҷинсӣ доштем, ки шавҳарам даромад. Аз рашк «девона» шуда, ба сари Асрор бо арматура зад. Асрорро баъди аз ҳуш рафтанаш бо дасту пойи баста аз хона берун бароварданд. Як вақт ба ҳавлӣ падарам омада, дар болои қаҳру ҷаҳл олоти мардии Асрорро бурид. Баъди қатли Асрор хушдоман ва падару шавҳарам маслиҳат карда, ҷасадро ба матоъ печониданду либосҳояшро пӯшонда, мехостанд ба дарё партоянд, аммо бо сабаби серодам будани кӯча натавонистанд.

– Вайро накушта бошӣ, чаро ба гардан гирифтӣ? – суол кардам ҳамкампамро.

– Ман соҳиби ду фарзанд ҳастам. Хушдоманам холаам мешавад, бинобар ин, бояд гуноҳро ба гардани худ гирам, дигар илоҷ надорам. Акнун чӣ суд аз он, ки як нафар зиндонӣ мешавад ё чор нафар! Падарам ваъда доданд, ки маро озод мекунанд…

Баъди суд маро озод намуданд. Рӯзе дар кӯча як ҳамкампамро дидам, ки аз деҳаи Исфисор буд.

– Мадинаро хабар гир, вай ба ту гап доштааст, – гуфт дар охир вай.

Ба маҳкамаи муваққатии ШКД-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров омада хоҳиш кардам, ки ба дидорбинӣ бо Мадина иҷозат диҳанд. Розӣ шуданд ва мо вохӯрдем.

– Нишондодамро тағйир дода наметавонам, шумо ҳамаи гапро ба муфаттиш накл кунед, – хоҳиш кард Мадина.

Ман ҳама буду шуди гапро ба муфаттиш гуфтам, – нақлашро анҷом дод Ш. Қосимова.

## Ҳукм

Коллегияи судӣ оид ба корҳои чиноятии суди вилояти Суғд дар ҳайати раисикунанда М. Ҳоҷибоев, машваратчиёни халқӣ У. Умаров, М. Тоҷибоев, Э. Ҳусейнова бо иштироки ёрдамчии прокурори вилояти Суғд А. Эшонов, ҳимоятгарон М. Мансуров, Ф. Насруллоев, А. Набиев, Р. Муҳаммадҷонов дар маҷлиси кушоди судӣ парвандаи ҷиноятии мазкурро дида баромада, ҳукм кард: М. Неъматова бисту шаш сол аз озодӣ маҳрум ва амволаш мусодира карда шуд.

С. Неъматов сӣ сол аз озодӣ маҳрум ва амволаш мусодира гашт.

И. Ғаниев сӣ сол аз озодӣ маҳрум, амволаш мусодира карда шуд.

Ҷазои ниҳоии М. Ғаниева 25 сол маҳрум сохтан аз озодӣ бо мусодираи амвол таъин гашт.

Дар асоси шикояти айбдоршавандагон Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаро дар коллегияи худ мавриди муҳокима қарор дода, ҳукми суди вилояти Суғдро нисбати ин парвандаи ҷинояти қонунӣ ҳисобида, бетағйир монд.

## МАЪШУҚАИ САРДОР

### Худкушӣ

Зани миёнақади лоғар, ки дар бар либосҳои кухнаю фарсуда дошт, дилу нодилон аз пиёдагузари кӯпруки дарёи Сир пеш мерафт. Қадаммониаш ноустувор, бе майлу хотир буд, маст барин ҳар замон мекалавид, худ ба худ ғур-ғур карда, чизе мегуфту оҳи бадарде мекашид. Вай дар мобайни кӯпрук истода, аз байни мӯйи чиркину парешони ба рӯяш фаромада даме ба дарё нигарист, чанд қатра ашк аз чашмони безебу хилмкардааш баромада, рӯйи хокистарранги варамидаашро тар намуданд. Зан атрофро аз назар гузаронида, фарёди ҷонхарош кашид ва бо олами дилбастагиш намонда хайрбод намуду аз панҷараи кӯпрук гузашта, худро сарзер поён партофт ва лаҳзае пас шалаппасзанон ба об афтод. Чанд ронандаи роҳгузар мошинҳояшонро дошта, назди панҷара омаданд ва поён нигаристанд. Об тани занро печонида-печонида, каме пеш бурд ва ба қаъри худ кашид, лаҳзае пас ҷасад боло шуд ва боз ба қаъри дарё рафт.

Ронандаҳо доду вой карданд, вале касе барои наҷоти зан худро ба об напартофт. Фарёди ронандаҳоро моҳигирони дар соҳил шикор дошта шуниданд ва ҷасади занро дида, худро ба дарё партофтанд. Ду нафар ба зан наздик омаданд, об ҷасадро боз ба қаъраш фурӯ кашид, чанде пас боло бароварду пеш

бурд. Моҳигире аз мӯйи зан дошта, бо душворӣ вайро ба соҳил баровард ва рӯйи алаф хобонд. Аммо дер шуда буд, зан дигар нафас намегирифт. Нафаси сунъӣ доданд, дасту пояшро қату рост намуданд, вале ҳамаи ин фоида набахшид.

Дере нагузашта, ба маҳалли ҳодиса гурӯҳи фаврии тафтишӣ омад, ки дар ҳайати он духтури судию тиббӣ низ буд. Марди хилъатпӯши тоссар болои ҷасад хам шуда, дасташро ба кафаш гирифту набзашро санҷид, чашмонашро аз назар гузаронд, ба дилаш гӯш карду сарашро ҷунбонда бо таассуф гуфт:

– Афсӯс, ки дер кардем, акнун ба вай ёрӣ дода намешавад.

## ТӮЙ БОЛОИ ТӮЙ

Машҳура дар муассисаи таъиноти тиббӣ одами нав буд. Вай ҳамагӣ ду моҳ пеш ба ин коргоҳ омад ва дар муддати кӯтоҳ вазифаҳои бар дӯшаш бударо азхуд намуд. Баъди хатми мактаби миёна духтари ҳабдаҳсоларо ба шавҳар доданд, соле пас писардор шуд, вале бо хушдоману хоҳарарӯсони шавҳар муросо накард ва ин ба ҷудошавӣ оварда расонд. Ноилоҷ ба хонаи волидон баргашт, вале ин ҷо ҳам зиндагиаш хуш нагузашт, гоҳ бо ҳамсояҳо манша мекард, гоҳ бо зани додар.

Вай дар хона нишаста наметавонист, чанд маротиба ба кор даромад, вале дер фаъолият карда наметавонист, зеро на маълумоти дуруст дошту на касберо аз худ карда буд.

Рӯзе дугонааш Нигина, ки шиносу дӯстони зиёд дошт, хост ба вай ёрӣ диҳад ва ӯ ба шарикдарсаш кор ёфт. Ӯро ба назди сардори муассисаи таъиноти тиббӣ Ислом овард.

Ислом вақти сӯҳбат дид, ки Машҳура зани оддӣ аст, чандон зебо набошад ҳам, ситорагарм ва аз ҳама асосиаш, вайро осон ба даст даровардан мумкин.

Чунин одат дошт сардор, тобеонашро ба гурӯҳҳо тақсим мекард, қабиле аз сидқи дил кор мекунад ва бори муассисаро мекашанд, чунин нафаронро эҳтиёту эҳтиром мекард, дигарон хешу табораш буданд, як-ду нафарашонро барои ишқварзӣ гирифта буд. Вай аз дил гузаронд, ки Машҳураро ҳам муддате пас маъшуқа мекунад.

Ба назари ҳамкорон Машҳура зани оддию шармгин, камгапу хоксор намуд. Сархам мегашт, ба саволи дода ҷавоб мегардонду аз паси кораш мерафт, сари вақт ба идора меомад, бегоҳ ба хонааш бармегашт. Вале ҳамаи ин назарфиреб буданашро муддате пас ҳамкорон фаҳмида, дар ҳаққаш мегуфтанд, ки одамро шинохта намешавад, шӯхакон лаб-лаби бом, хаппакон корро кунанд тамом.

Ва якбора ӯ тағйир ёфт, ҳавобаланд гашт, пошнаҳои пойафзолашро ба фарш тақ-тақ зада роҳ мегашт, пайваста механдид. Ба намуди зоҳириаш ҳам диққат медод, мӯяшро кӯтоҳ карда ороиш медод, ба рӯяш сафедӣ, ба лабаш сурхӣ, абрӯяш қалам мемолид, ба баданаш атрҳои қимат мепошид, нохунҳояшро ранг мекард. Садои қаҳ-қаҳ задании вай гоҳ аз як тараф, гоҳ аз тарафи дигар ба гӯш мерасид, тез-тез ба дафтари кории сардор медаромад ва беҳуда дурудароз он ҷо менишаст, аз яхдонаш оби хунук гирифта менӯшид, гӯё дар утоқи кории худ бошад.

Ҳамкорон аз ин дигаргунии зан ҳайрон мешуданду сабабашро нафаҳмида, саволомез ба якдигар менигаристанду ҳар хел тахмин мекарданд. Аз асли воқеа фақат як нафар, муҳосиби корхона Бароҳат воқиф буд ва ӯ кирдору рафтори Машҳураро дида, бе дуд месӯхт. Танҳо вай аз куҷо ибтидо гирифтану яксаду ҳаштод дараҷа тағйир ёфтани хулқу хӯйи Машҳураро медонист. Мефаҳмид, ки ҳамааш баъди тӯйи холаи Баҳринисо оғоз ёфт.

Собиқадори идора Баҳринисо писарашро хонадор мекард ва ҳамаи ҳамкоронро ба базм таклиф намуд, аз ҷумла, Машҳураро. Вай ба тӯй рафтанӣ набуд, зеро ҳамкоронро дуруст намешинохт, намедонист, ки онҳо чӣ хулқу хӯй доранд ва бевақт чӣ тавр ба хонааш бармегардад? Бар замми ин, бетоб аст, ҳарорадаш баланду фишори хунаш боло баромадааст. Вале дигарон хабарро хуш пазируфтанд, зеро ҳар тӯю шабнишинӣ, қайди зодрӯз барояшон ид буд. Чанд нафар ин ҷо бо якдигар ишқварзӣ менамуданд ва бо маъшуқу маъшуқаашон мулоқот менамуданд. Ба ҳамсар ё волидонашон мегуфтанд, ки базм бевақт тамом мешавад ва дар хонаи фалонӣ мемонанд, хавотир нашаванд, пагоҳӣ аз ҳамон ҷо ба кор мераванд.

Ба тӯй тайёрӣ медиданд, барои харидани тӯҳфа пул ҷамъ карданд. Машҳура ба хабарчӣ баҳона пеш оварда, гуфт, ки ба тӯй рафта наметавонад, инро ба волидонаш низ хабар додааст.

Баҳринисо қарибии пешин ба назди сардор даромада, таъкид намуд, ки барвақттар раванд ва базмро зеб диҳанд, имкон шавад, меҳмононро пешвоз гиранд.

– Тайёриатон хуб, камбудӣ надоред, мо чӣ хизмат кунем, шарм надошта гӯед,-ба чашмони тобеъаш нигарист Ислом.

– Ташаккур сардор, ҳамааш тайёр, фақат шумоён барвақттар равед.

– Ҳамаро хабар кардед?

– Ҳа, ваъдаи рафтан карданд, ғайр аз нафаре.

– Кӣ будааст вай?-ҳайрон шуд Ислом. –Магар дар ҷомеаи меҳнатии мо нафаре будаст, ки шуморо ҳурмат накунад?

– Машҳура намеравам гуфт.

– Чаро, магар ягон бор гапатон гурехта буд?

– Не, шумо медонед, ки ман бо касе ҷанҷол накардаам, ба роҳи худ рост мегардам, пишаки нафареро «пишт» нагуфтаам.

– Хайр, ҳеҷ қисса нест, ман бо вай гуфтугӯ мекунам, шумо раведу аз пайи кор шавед.

Баҳринисо рафт. Ислом гӯшаки телефонро бардошта, рақами мобилии Машҳураро гирифт, баъди андаке овози зан ба гӯш расид.

– Корҳоят чӣ тавр, хуб ҳастӣ?-пурсид Ислом.

– Ассалом, сардор! Раҳмат, корҳоям хуб, дар сояи давлати шумо гаштаам.

– Як сари қадам назди ман даро,-фармуд вай.

– Хуб шудааст.

Машҳура зуд расида омад. Аз тез-тез нафасгириаш маълум мешуд, ки аз зинаҳо бошитоб қадам зада, фаромадааст.

– Гузар шин, зиқ нашуда гаштӣ?-курсиро ишорат намуд Ислом.-Камбудӣ надорӣ?

– Куҷое шумо ҳастед, ҷойи зиқшавӣ нест,-бо табассум хушгуфторӣ намуд зан.

Ислом чунинашро интизор набуд. Сар бардошта ба вай нигарист, ба назараш зан зебо намуд. Чашмонаш хуморӣ, лабонашро табассум зеб медиҳад. Мард аз дил гузаронд, ки вай луқмаи тайёр аст, фармояд, ҳозир куртаашро мекашад. Вақти қулай даррасид, имрӯз ӯро бояд ба дом дарорад. Бароҳат ба дилаш зад, ҳар рӯз байте дорад, гоҳ зодрӯзи падараш ё ҷиянаш, дар мағоза куртаи навро дида маъқул кардааст, вақти мактабпулии писараш расидааст…Гумон дорад, ки сардор гови ҷӯшоӣ, ҳар қадаре хоҳад, шир мегирад.

– Шунидам, ки ба тӯй рафтанӣ нестӣ, магар ягон кори зарур баромад ё пул надорӣ?

– Ман ба чунин маъракаҳо кам дар кам меравам,-худро духтари шармгин водор намуд вай.-Ғайр аз ин, маро волидонам то бевақтӣ ҷавоб намедиҳанд, ҳар қадамам зери назорати онҳост, бояд бегоҳ дар хона шавам, дер монам, ҷанг мекунанд.

Машҳура чандон мусичаи уболак набуд, ки Ислом пиндошт. Вай дар гапбофию дурӯғгӯӣ устухон надошт, бо чанд нафар ишқварзӣ кардааст, аксар вақт ба хонааш дер меравад, волидонаш эрод гирад, хоида мепартояд.

– Ту ба ҷомеаи меҳнатӣ ҳамроҳ шудӣ ва бояд чун гӯшту нохун ба он пайваст бошӣ, аз тӯю маросими ҳамкорон худро дур нагир, рафту писаратро хонадор кунӣ, аз ҷойи корат касе наравад, одамон чӣ мегӯянд? Ҳозир ба хонаат раву ба тӯй тайёр шав, ба волидонат гӯй, ки хавотир нашаванд, бегоҳ вомехӯрему ҳамроҳ ба тӯйхона меравем, баъди базм ман худам туро гусел мекунам, шартамро қабул кардӣ?

– Бо ҷону дил, сардор!

– Офарин, инаш гапи дигар, имшаб ту бояд қобилу гапдаро бошӣ, гуфтаи маро ду накунӣ.

– На фақат имшаб, дигар шабу рӯз ҳам ман аз хатти кашидаи шумо намебароям,-айёрона табассум намуд Машҳура.

Сардор ба чашмони ӯ нигарист, ана вай чӣ мехостааст, гуфтанӣ, ки пурра дар ихтиёри вай аст. Бале, хато накард, ӯро ҳар куҷо барад, меравад, чӣ хоҳад, мекунад.

– Барори кор, аз пайи гуфтаам шав.

– Ба чашм-, табассум намуд зан ва аз дар берун гашт.

Машҳура шод шуд, саросема аз муассиса баромад, пойҳояш ба замин намерасиданд, гӯё болу пар бароварда мепарид. Баъди суҳбати сардор ҳарорати баданаш ҳам паст фаромаду фишори хунаш ҳам. Вай ба машшотхона рафта, мӯяшро шуста оро дод, абрӯю мижгонашро сиёҳ кард, ба лабаш сурхию рӯяш сафедӣ молид, нохунҳояшро арғувонӣ намуда, ба сару рӯй ва баданаш атри хушбӯи франсавӣ пошид. Фақат бегоҳ орою тороро анҷом дода, ба ҳамкорон шарик гашта, ба тӯйхона рафт.

Баҳринисо барои ҳамкорон мизи дарозеро ҷудо карда, будааст, ӯ онҳоро пешвоз гирифта, ҷой намуду хайра мақдам хонд. Азбаски ҳама аз як коргоҳ буданду ҳамдигарро мешинохтанд, шарму такаллуфро аз ёд бароварда, ба

дастархон дарафтоданд. Ҳанӯз дигар меҳмонон нанишаста, шишаҳои машруботро кушода, соғарҳоро лабрез намуданд. Зану мард ба гуфтаи соқӣ, суруди ҳофизон аҳамият надода, маю шароб менӯшиданд.

Соқӣ арӯсу домодро табрик намуда, навбатро ба ҳофизон доду хоҳиш намуд, ки сурудҳои шӯх хонда, базмро тафсонанд, вале ҳамкорони соҳиби тӯй аллакай сархуш буданд, ба касею чизе аҳамият надода, бо овози баланд гап мезаданд, механдиданд. Баъд онҳо ба рақс даромаданд, аз ҷумла Машҳура ҳам.

Зани ширакайф калавида-калавида, арғушт мерафт, як вақт ваю Ислом рӯ ба рӯ шуданд. Машҳура гӯё ҳаминро мепойид, ки ба вай наздик омада китфонашро ҷунбонда абрӯ парронд. Тани ҳарду ба якдигар мерасид, баъзан рӯю мӯяшон ҳам, Ислом чашмони хумор, синаҳои дамидаи вайро бо ҳавас тамошо мекард. Машҳура худро ба вай наздиктар мебурд. Ваю Ислом шарму ҳаёро аз ёд бароварда буданд, ғайр аз ҳамдигар касеро намедиданду намешуниданд.

Суруд ба охир расид, соқӣ баландгӯякро гирифта, ба нафаре барои табрик сухан дод. Ислом аз бозуи Машҳура гирифта, назди мизашон бурд ва дар паҳлӯяш шинонд, баъд даст болои зонуяш гузошт. Азбаски аҳли дастархон ҳама маст буданд, ба тарзи худ бефарҳангӣ зоҳир менамуданд. Ҳар кас ба ҷуфти худ кучур-кучур мекард. Ғайр аз Бароҳат, вай ҳаракати сардору Машҳураро бо алам назорат менамуд.

Ислом шишаро гирифта ду соғарро лабрез намуд ва яктоашро ба Машҳура дароз кард. Зан онро бо ноз гирифта, ба чашмони сардор бо нозу харидорона нигарист, гӯё гуфтанӣ буд, ки бо ту нанӯшам бо кӣ менӯшам, заҳр дароз кунӣ ҳам, дам мекашам.

Сардор соғарашро ба соғари Машҳура зада мастона ғур-ғур кард, вале зан гуфтаашро дуруст нафаҳмида, гӯшашро ба лаби мард наздик овард. Ба димоғи Ислом бӯи атри вай расид ва худро дошта натавониста, аз рӯяш бӯсид.

– Ҳама барои арӯсу домод нӯшиданд, мо барои худамон соғар мебардорем, ин тӯйи тую ман ҳам шавад, – гуфт вай.

Соғарҳоро холӣ карданду боз ба якдигар наздиктар шуданд. Дигар онҳо ба касею чизе аҳамият намедоданд, ҳар ду ба ташнае шабоҳат доштанд, ки дар биёбон об ёфтаанд. Боз ба рақс баромаданд, бешармиашон меафзуд, онҳо одаму оламро аз ёд баровbooварданд. Бале, шарму ҳаёро гум карданд, алалхусус Машҳура, ки аз мастӣ мекалавиду ҳар замон худро ба оғӯши мард мезад, вай тайёр буд ҳамин ҷо дар назди издиҳом Исломро ба оғӯш кашида, бӯсаборон кунад. Хешу табори Бахринисо базӯр тоқат мекарданд, ин чӣ бешармӣ, охир онҳо тӯйро вайрон карда истодаанд, боз ҷавонони деҳа ба сарашон мушт бардошта, базмро вайрон накунанд.

Хушбахтона, тӯй бе ҷангу ҷанҷол анҷом ёфт. Меҳмонон ду-ду, се-се аз тӯйхона баромаданд, Ислом аз бозуи Машҳура гирифта, кӯча баровард ва сӯйи мошин бурд, онҳо дар нақлиёти идора паҳлуи ҳам нишастанд. Мард дасташро аз китфи зан гузаронида, вайро ба оғӯш гирифт, Машҳура сарашро ба синаи сардор гузошт, ба назар тавре менамуд, ки онҳо шиносони деринаанд.

– Аввал инҳоро ба манзилашон расон, баъд моро,-ба ронанда фармуд Ислом.

Ронанда Рауф мақсади сардорро фаҳмид, вай гуфтанӣ буд, ки ҳамаро ба хонааш бар, баъд моро, яъне ваю Машҳураро ба ниҳонхонааш расон.

Ниҳоят ронанда ҳамаро гуселонида, сардорро назди бинои чорошёна овард. Ислом Машҳураро ба оғӯш гирифта, ба даруни бино баровард ва калавида-калавида, ба ошёнаи сеюм баровард ва аз киса калид гирифта, дарро кушод. Онҳо ба долон даромаданд, мард чароғро фурӯзон намуд, атроф равшан шуд. Зан дид, ки онҳо ба хонаи беодам даромаданд ва Ислом ӯро болои диван хобонда, зери сараш болин гузошт. Машҳура ҳамаи инро ҳис мекард, вале худро ба нодонӣ мезад, барои вай фарқ надошт, ки Ислом бо ӯ чӣ кор мекунад, ҳар чӣ пеш ояд, хуш ояд, гуфтагӣ барин чашмонашро накушода, худро ба хоб зад. Вай як вақт эҳсос намуд, ки Ислом либосҳои ӯро кашиду дар паҳлуяш хобида, вайро ба оғӯш гирифт. Зан дасташро аз миёни вай гузаронида, пайкарашро ба тарафи худ кашид.

Як поси шаб Ислом вайро бедор кард. Машҳура чашмонашро бо душворӣ кушода, худро бараҳнаю дар хонаи бегона дид ва ҳамаашро фаҳмид. Аранг-аранг ба ёд овард, ки дар оғӯши сардор хобидааст….

– Бедор шав, либосҳоятро пӯшу дасту рӯятро шӯй,-хоҳиш намуд Ислом.- Ман ҳозир туро ба хонаат мебарам.

– Не, ман ҳеҷ куҷо намеравам, боз хобидан мехоҳам,-ноз кард Машҳура.- Андаке дар паҳлуям дароз кашед, ҳанӯз аз оғӯшатон сер нашудаам.

– Шакара камаш хуб, ҳозир ба хонаат меравӣ, пагоҳ дар ҳамин ҷой барвақтар вомехӯрем ва то ба дилат задан мехобем.

– Шумо ба дилам намезанед, фаҳмидед, ҳеҷ вақт аз оғӯшатон сер намешавам. Акнун монед, ним соат хобам.

Ислом Машҳураро ба оғӯш кашида, аз ҷогаҳ бардоштан хост, вале натавонист, хеле вазнин будааст зан, вайро зӯран ба ташноб бурду ба норозигиаш нигоҳ накарда, сару рӯяшро шуст. Сонӣ ӯро кашола карда, аз зинаҳо фароварду берун баровард, чанд дақиқа пас таксиеро нигоҳ дошта, то хонааш гуселонд.

Ҳамин тавр мулоқоти оншабаи онҳо ба ишқварзиашон оғоз бахшид. Бароҳат инро ба таври дигар маънидод кард:

– Он шаб тӯй болои тӯй шуд, Машҳураю Ислом ҳам арӯсу домод гаштанд,- мегуфт ӯ бо алам худ ба худ.

## МАСТИ ШАРОБИ ИШҚ

Рӯзи дигар Ислом Машҳураро боз ба он хона бурд ва ҳар ду то бегоҳ ҳамон ҷо монданд. Зан бо хушнудӣ аз дил гузаронд, ки сардор азони вай шуд, дигар чизе онҳоро аз ҳам ҷудо карда наметавонад, аниқтараш, вай маъшуқашро ба касе намедиҳад.

Баъди ин шистухезаш тағйир ёфт, ба ороишу либоспӯшиаш диққат медод, аз лабонаш табассум канда намешуданд. Дере нагузашта аз будааш фарбеҳу зеботар гашт, гӯё нав арӯс шуда бошад.

Ҳар қадаре Машҳура хурсандӣ кунад, ҳамон қадар Бароҳат хафа мешуд, аз хиёнати Ислом месӯхт, ба ҳафт пушти рақибаш лаънат мехонд, дуо бад мекард.

Рӯзе тоқат карда натавониста, ба назди раис даромад. Ислом паси миз нишаста, чизе менавишт, ба Бароҳат аҳамият надод, ҳол он ки пештар ба пешвозаш мехест, дасташро мефишурд, аз рӯяш бӯса мегирифт.

– Чӣ гап дорӣ?-пурсид вай бо овози сард.

– Чаро маро дар кӯча партофтӣ, магар гуноҳ кардам?

Вай бо алам илова кард, ки баъди тӯйи Баҳринисо Машҳурараро гирифта, ба хонааш бурд, боз чанд маротибаи дигар ҳамхоб шуд.

– Вай аз ман чӣ бартарӣ дорад, ҳарду қариб ҳамсолем, бо як фарзанд аз шавҳар ҷудо шудем. Магар аз рӯйи вай моҳ дидӣ?

– Ту кистӣ, ки аз ман ҳисобот мепурсӣ?-дод зад Ислом.-Магар занам будӣ, чаро аз пайам мегардӣ, ҳар қадамамро мепойӣ?

– Акнун бегона шудам, охир танамро як сол ба ту бахшидам, ҷонамро дареғ надоштам, ба талабгорон тан надодам.

– Магар танатро бе пул бахшидӣ?-мушт ба рӯйи миз зад Ислом.-Ту барин беваҳо лак-лак, ба як пуф маҳталанд, телефон кунам, давида меоянд.

– Ҳоло маро бо он беваҳои танфурӯш баробар мекунӣ?

– Хайр чӣ шудааст, магар аз онҳо беҳтарӣ, ба кор гирифтам, ҳар моҳ пул медиҳам, дар иду айём тӯҳфа мегирӣ, боз чӣ мехоҳӣ, магар ба хонаам барам?

– Чизе намехоҳам, фақат илтиҷо мекунам, ки аз баҳри Машҳура гузару маро аз банди азоб рахо соз, вагарна мемурам. Охир, туро баробари ҷон медонам, аз сидқи дил дӯст медорам, бе ту рӯзам сиёҳ мешавад.

– Рав, аз пайи кор шав, вагарна аз он ҳам маҳрум мегардӣ,-қатъӣ гуфт Ислом ва аз ӯ рӯй гардонда, болои варақ хам шуд.

Зан берун баромаду оҳи бадард кашид. Фаҳмид, ки гӯлу гумроҳ будааст, гумон дошт, ки Ислом ӯро дӯст медорад, вале ҳайҳот, ҳамааш ҳавас буданашро нав донист, пас сардор Машҳурараро ҳам нағз намебинад, муддате пас вайро партофта, аз домани дигаре медорад.

Вай ба долон қадам мезаду бо Ислом гуфтугӯ менамуд, мепурсид, ки Машҳура аз вай чӣ бартарӣ дорад, чашмонаш гурба барин, нигоҳаш сарду фиребгар, манфиати худро меҷӯяд.

Баъд рақибашро дашном дод, агар вай ба ин коргоҳ намеомад, чунин зиндагӣ насибаш намегашт. Не, вай инро ҳамин тавр намемонад, аз ҳарифаш ниқор меситонад. Ҳоло намедонист, ки чӣ хел, вале ҳатман меситонад.

Машҳураю Ислом ишқварзиро давом медоданд. Онҳо тез-тез ба хилватхонаи сардор рафта, то бевақтӣ мулоқот менамуданд, баъзан ҳамон ҷо шабро рӯз мекарданд. Зан аз хурсандӣ ба куртааш намеғунҷид, тез-тез ба назди раис медаромад ва дурудароз бо вай суҳбат менамуд. Бароҳати аламзада дар ин муддат лоғар гашт, пӯсти рӯяш сиёҳ шуд, чун пештара намехандид, ба кор хушнуд намеомад.

Дар идора боз воқеае рӯй доду аз он Машҳура гӯшт гирифт, ба оташи ғазаби Бароҳат равған рехт. Он рӯз корманди идора Назокат зодрӯз дошт ва ӯ ба ҳампешагон зиёфат оростанӣ шуд. Ҳама розӣ шуданд ва бегоҳ соҳибҷашн дар толор дастархон густурд. Баъди кор ҷомеаи меҳнатӣ паси дастархони вай ҷамъ шуданд.

Аввал занҳо дар як тараф, мардҳо дар муқобили онҳо мерафтанд. Баъди чанд қадаҳро холӣ кардан сӯҳбат тафсид, мусиқиро баланд намуда, ба рақс даромаданд. Чун анъана ҷуфт-ҷуфт, як зану як мард арғушт, Машҳура ба Ислом часпида гирифт, вайро аз наздаш дур рафтан намемонд. Бешармии ӯ аз ҳадду ҳудуд баромад, тан ҷунбондаю абрӯ парронда, пайкарашро ба тани мард мерасонд, вайро ба оғӯш мегирифт. Сардори сархуш ҳам ихтиёр аз даст дод, вай ба парвонае шабоҳат дошт, ки аз гирди шамъ дур рафта наметавонад.

Тобеон ҳайрон мешуданд. Худаш чӣ гап, чаро сардор худро идора карда наметавонад, айб аст, дар назди ҳамкорон чунин беодобӣ, пагоҳ аз эшон чӣ тавр тартибу интизом талаб мекунад?

– Ин хелаш намешавад, – гуфт Баҳринисо.-Сардорро огоҳ намудан лозим, вай осонакак обрӯяшро мерезад, ба Машҳура насиҳат кардан даркор, аз ҳаддаш нагузарад, ҳар кор аввалу охир дорад.

– Ба вай чӣ, зани озод аст,-гуфт Шафоат.-Буду шудаш ҳамин, на мақсад дораду на оянда, аз ин ҷо ронанд, ба корхонаи дигар рафта, маъшуқаи раиси нав мешавад. Ислом бошад, ба ояндааш хатти батлон мекашад…

Хурсандӣ давом мекард. Гирди миз ҷойҳо иваз шуданд. Машҳура дар паҳлуи Ислом ҷой гирифта, ҳингир-ҳингир мекарду ғаши Бароҳатро меовард, боз чанд ҷуфти дигар ба онҳо пайравӣ менамуданд. Як вақт калонсолону занҳои шарму ҳаёдор аз ҷой хеста, азми рафтан карданд, баъд дигарон.

– Ба ман барои дастархонро ғундоштану зарфҳоро шустан ёрӣ диҳед,-аз бозуи Машҳура дошта, хоҳиш намуд соҳибҷашн.

Машҳура саволомез ба Ислом нигарист, вай бо чашм ишорати «розӣ шав»-ро кард. Ҳамаи инро маъшуқи Назокат-Мухтор ва Ислом тарҳрезӣ намуда буданд. Онҳо мехостанд, ки баъди ҳамкоронро гуселонидан ҳар чор базми ҷамшедӣ ороянд. Аз ин рӯ, баъди ҳама рафтан онҳо монданд.

– Акнун муштро ба торикӣ мезанем,-гуфт Ислом ба соғарҳо машрубот рехта.-Ин қадаҳро барои хушбахтии Назокат менӯшем.

Соғарҳоро ба ҳам заданду нӯшиданд. Баъд Мухтор нӯшбод гуфт, ғайричашмдошт, на барои соҳибҷашн, балки хушбахтии Машҳураю Ислом.

Базми «улфати чор» то бевақтӣ давом кард. Нӯшиданд, рақсиданд, ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанд, баъд хастаю шалпар шуда, дар идора монданд. Ислом Машҳураро ба утоқи худ даровард, Мухтор Назокатро ба дафтари кории худ ва ҳамон шаб онҳо коргоҳро ба хонаи фиску фуҷур табдил доданд.

## ҚАСОС

Бароҳат ба кор омаду фаҳмид, ки Ислому Машҳура шабро ин ҷо, дар оғӯши якдигар рӯз карданд. Аламаш садчанд шуд ва аз паси интиқом гашт. Вай ба девонае шабоҳат дошт, ки оқибати кори худро фикр намекунад. Фурсати муносиб ёфта, ба утоқи холӣ даромаду телефонро гирифта, рақами мобилии ҳамсари сардорро чинд. Вай овози занро шунида, салом доду пурсид:

– Шумо апаи Дилфӯза мебошед?

– Ҳа, ман, чӣ хизмат буд? Шумо кистед?

– Ман ба шумо гапи зарур дорам, агар ваъда диҳед, ки ба сардор хабар намедиҳед, мегӯям.

Дилфӯза лаҳзае хомӯш монд. Вай ҳайрон шуда, чӣ гуфтанашро надонист, вале кунҷкобии занона ба ӯ ғалаба кард.

– Он чӣ гапе будааст, рафту ба зарарам бошад.

Зан забон хоид. Чӣ гуфтанашро намедонист, шояд ягон душмани шавҳараш? Ба ҳар ҳол эҳтиёт шарт, шояд вайро ягон ҳасадхӯр киро кардааст…

– Гап занед, чӣ гуфтан мехоҳед?

– Агар ваъда диҳед, ки аз сардор хабарамро пинҳон медоред, мегӯям.

– Хуб, ваъда медиҳам,-баъди сукути тӯлонӣ ҷавоб дод Дилфӯза.

– Шавҳаратон ба шумо хиёнат мекунад, вай бо Машҳура ном ҳамкораш ишқварзӣ дорад, шаби гузашта онҳо якҷоя буданд.

Боз хомӯшӣ ба миён омад. Бароҳат дар чӣ ҳол афтодани ҳамсари сардорро тасаввур мекард, тарсид, ки боз зани бечора дилкаф нашавад.

– Наход вай ҳамин хел зебо бошад?-пурсид ӯ.

– Чандон хушрӯ нест, вале шавҳаратонро сеҳр карда, ба домаш даровардааст, эҳтиёт шавед, ӯ хеле маккор аст, оилаатонро вайрон мекунад.

– Инро шумо барои дилсӯзӣ мегӯед ё ягон мақсади дигар доред?

– Бовар кунед, фақат барои дилсӯзӣ, намехоҳам, ки бо ду кӯдак сарсон шавед.

Дилфӯза ҳис кард, ки дар қаъри дилаш чизе канда шуда, роҳи нафасашро гирифт, ба пиёла об рехта, онро ҳарисона нӯшид. Тахмин мекард, ки шавҳараш ба вай хиёнат мекунад, вале онро ҳавас мепиндошт, муддате пас гузашта меравад.

Шояд ин зан тахмин гап занад, Машҳураро бад диданаш аён, зеро дар ҳаққаш бо нафрат гап мезанад ё ин зани нав омада вазифаи ӯро гирифтааст ё ягон бадии дигар кардааст.

Бо вуҷуди ин, хабар дилу ҷигари ӯро сӯхт, бо алам аз дил гузаронд, ки вақтҳои охир қадаммонии Ислом дигар гаштааст, бо вай муомилаи сард мекунад, ба либоспӯшиаш аҳамият медиҳад, ҳар пагоҳӣ дурудароз назди оина истода, худро оро медиҳад.

– Ташаккур барои дилсӯзиатон, вале дар фош кардани Машҳура ба ман ёрӣ медиҳед?

– Бо ҷону дил, фақат инро сардор нафаҳмад.

Ҳар ду хайрухуш намуданд, Бароҳат гумон дошт, ки гуфтугӯи онҳо махфӣ мемонад, зани раис шахсияташро намефаҳмад, вале хато кард. Зеро чандон содда набуд Дилфӯза, вай дар корхонаи шавҳараш чанд шиноси эътимоднок дошт. Ба воситаи онҳо шахсияти Машҳураро ҳам аниқ намуд, аз кадом телефон занг задани зани «дилсӯз»-ро ҳам. Вай ду рӯз пас ба Бароҳат телефон карда гуфт:

– Ман Дилфӯза, ба шумо гапи зарур дорам, дар куҷо вохӯрда метавонем?

– Чӣ хизмат буд?-ҳайрон шуд Бароҳат.

Вай гумон надошт, ки Дилфуза ин қадар тез, шахсияти вайро аниқ мекунад ва ҳатто рақами телефонашро меёбад.

– Худро ба нодонӣ назанед, охир шумо ба ман аз телефони шаҳрӣ занг зада будед, гумон доштед, шуморо намеёбам, тахмин намудед, ки ман зани бесаводам, не, хато мекунед. Имрӯз соати чор ба қаҳвахонаи «Садбарг» биёед, сӯҳбатро он ҷо давом медиҳем.

Дилфӯза телефонашро хомӯш намуд. Гуфтанӣ буд, ки гап ҳамин, ин бароят «супориш», хоҳӣ ҳам меоӣ, нахоҳӣ ҳам, ба қавли низомиён саркашӣ намоӣ, зӯран меорам.

Дар вақти таъиншуда Бароҳат ба қаҳвахона омаду Дилфӯзаро дид, ки паси миз танҳо нишаста, яхмос мехӯрд. Онҳо пештар ҳам бо якдигар вохӯрда буданд, Бароҳат зани сардорро мешинохт, вале Дилфуза ӯро дар ёд надошт.

– Ассалом, апаи Дилфӯза, шумо хуб ҳастед?-ба мизи вай нишаста, наздик шуда гуфт Бароҳат.

– Салом Бароҳат, корҳо маза надоранд, баъди шунидани хабари шумо ҷойи нишаст намеёбам. Чӣ мехоҳед, яхмос ё шарбат?

– Ҳар чӣ шумо хӯред, ман ҳам ҳамонро,-паси миз нишаста гуфт Бароҳат.

Пешхизмат бо супориши зан яхмосу шарбат оварду «нӯши ҷон шавад» гуфта рафт. Дилфуза синчакорона Бароҳатро аз назар гузаронд, ба назараш вай зани оддӣ намуд, вале аз нигоҳи чашмони сардаш ҳарисиаш аён мегашт.

– Пас Машҳурааш ҳам ҳамин хел будааст, ин Ислом завқи паст дорад, аз куҷо чунин «ошолудҳо»-и бесаводи аз кӯчаи илму адаб нагузаштаро меёбад?!

– Рости гапро гӯед, шумо бар ивази хабаратон чӣ мехоҳед, пул, мансаб?

– Ҳеҷ чиз, фақат барои дилсӯзӣ.

– Пас чаро шахсиятатонро ба ман ошкор накардед?-ба чашмони вай нигарист Дилфӯза.

– Аз шавҳаратон тарсидам, боз маро аз кор наронад?

– Ҳм,-гуфт Дилфуза.-Мо ҳар ду ба як заврақ савор шудем, ба саҳв роҳ диҳем баробар ғарқ мешавем, барои ҳамин бояд дар ин кор ба ман ёрӣ диҳед.

– Ман тайёрам.

– Чӣ маслиҳат медиҳед, мо чӣ кунем?

– Аз сардор хоҳиш намоед, ки вайро аз кор ронад.

– Ин роҳи ҳалли масъала нест. Аввал ин, ки вай гуноҳашро ба гардан намегирад, сониян, онҳо мулоқоташонро давом медиҳанд, дар ягон кунҷи дунё вомехӯранду ишқварзӣ мекунанд.

Бароҳат чунинашро фикр накарда буд. Гумон дошт, ки Машҳура аз кор равад, тамому вассалом мешавад, вай чун пештара ишқварзиашро бо Ислом давом медиҳад.

Ӯ бо ёрии Дилфӯза осонакак ба мақсад мерасад, вале хато кард, зани сардор чандон содда набудааст.

Баъди телефони Бароҳат вай хеле зиқ шуд, баъд худро ба даст гирифта, хеле мавод ғундошт. Ба гуфтаи зан эътимод ҳосил кард, фаҳмид, ки ӯ рости гапро гуфтааст, шавҳараш, дар ҳақиқат, бо Машҳура ишқварзӣ менамудааст.

Баъд бо чанд дугонаю шарикдарсонаш вохӯрда, маслиҳат карда, роҳи ҳалли масъаларо пурсид.

– Ба назди фолбин рав, бигзор сеҳру ҷоду намуда, дили шавҳаратро аз он зан хунук кунад ё баръакс, зан аз баҳри Ислом гузарад,-маслиҳат дод яке.

– Гуфтаанд, ки дар маҳаллаи сеюми шаҳр ҷодугаре будаст, вай бар ивази пул аз коре рӯй наметофтааст. Хоҳӣ, ман суроғаашро ёфта медиҳам,-гуфт дугонаи дигараш. –Аммаам ба назди ӯ рафта буд, бисёр таъриф кард.

– Илтимос, аз ӯ суроғаи фолбинро гир,-хоҳиш намуд Дилфӯза.-Ман наздаш меравам...

Дилфӯза вайро кофта рафт ва ёфт. Зани тахмин чилсолаи бадафт будааст ҷодугар. Рӯйи сергӯшти сурх дошт, нигоҳи чашмони калони сабзаш дили касро мешикофт. Зан матлаби вайро шунида, дурудароз фол дида гуфт:

– Ҳа, шавҳаратон бо зане мегаштааст, онҳо ба наздикӣ шинос шудаанд…

– Чӣ хел пеши роҳи онҳоро гирифтан мумкин?

– Ин чандон саҳл нест, вале иҷрошаванда…

Дилфӯза ба чашмони вай нигарист, бадвоҳима буданд онҳо, касро сеҳру ҷоду менамуданд. Тахмин кард, ки зан бозорашро тафсонидан мехоҳад, нияти бештар маблағ гирифтан дорад.

– Аз пулаш хавотир нашавед, – як садсомониро назди вай гузошт Дилфӯза.

– Мешавад? Агар камӣ кунад, боз медиҳам.

Зан хушнуд шуда, пулро гирифту ба таги палос гузошт. Барояш сад сомонӣ пули калон, вале барои ин зани зебо он арзише надорад, имкони боз пул ситонидан ҳаст,-гуфт дар дил вай.

– Мешавад, вале баъди анҷоми коратон омада, мувофиқи ҳиммататон боз як-ду садсомонӣ дода меравед.

– Хуб шудааст, аввал вайро аз роҳи ман дур кунед.

– Як роҳ ҳаст, ман андаке майнаи хар медиҳам, шумо онро ба кундошатон мехӯронед.

– Вай намемурад?-саросема шуд Дилфӯза. -Боз ба бало намонам!

– Натарсед, вай зинда мемонад, фақат андаке сафсатахон мешавад ва аз ҳама асосиаш, корро тарк мекунад ва шавҳаратон аз баҳри ӯ мегузарад. Хайр, чӣ қисса, русҳо мегӯянд, ки панири бепул фақат дар мушқапак мешавад. Сазои сари онҳое, ки ба моли дигарон чашм ало мекунанд, ба шавҳари кас мегарданд, бахти дигаронро медузданд.

Дилфӯза бо вуҷуди бадҷаҳлиаш раҳмдил буд, вале он рӯз рашк ақлу ҳушашро рабуд. Оқибати кирдорашро дуруст дарк намекард. Вай ноилоҷ маводи фолбин додаро гирифт. Чанде пас ба манзилаш омада, дасту рӯй шуст, хӯрок хӯрд, баъд ба Бароҳат телефон карда ба мулоқот даъват намуд.

Дилфӯза имрӯз дар бар шими сафед ва куртаи сафеди ҳарир дошт, бо дили нохоҳам қошуқчаро ба яхмос мезаду ба даҳон мебурд. Бароҳат аз рӯйи ӯ чашм намеканд, фаҳмидан мехост, ки зани сардор чӣ мехоҳад? Аслан вай ба ӯ телефон карда, худро ошкор намесохт беҳтар буд.

Дилфӯза яхмос мехӯрду фикр мекард. Вай корҳои дирӯз кардаашро ба ёд овард, мулоҳиза намуд, ки ба саҳв роҳ надодааст, боз ба эҳсосот роҳ дода, як хурма ҷурғотро нарезонад.

– Шумо дар куҷо хӯрок мехӯред?-теғ кашида ба вай нигарист Дилфӯза.

– Дар ошхонаи худамон, мо занҳо алоҳида хӯрок мепазем.

– Ошпаз кист?

– Мо бо навбат хӯрок мепазем.

– Аз ҷумла шумо ҳам?

– Оре, ҳар рӯзи сешанбе ман хӯрок мепазам.

– Номгӯи таъомҳоро кӣ муайян мекунад?

– Худамон.

– Пас рӯзи сешанбе чӣ пухтаниед?

– Шӯрбо ё мастова.

– Карамшӯрбо ҳам пухтан мумкин?

– Мумкин,-ҳайрон шуд Бароҳат, мақсади вайро нафаҳмида.

Дилфӯза гумон дошт, ки маводи ҷодугар додаро ба карамшӯрбо партофтан хубтар, он байни караму картошка ноаён мешавад, рақибаш нафаҳмида онро мехӯрад.

– Ман ба шумо як чиз медиҳам, онро ноаён ба косаи Машҳура мепартоед.

Бароҳат як қад парид. Ана, вай чӣ мехостааст, заҳр медодагӣ барин, рафту Машҳура мурад, хонааш месӯзад, тафтиш мекунанду сабаби маргашро мефаҳманд ва ӯро ба ҳабс мебаранд…

– Натарсед, ман заҳр намедиҳам ва вайро куштанӣ ҳам нестам. Бигзор зинда монад, писарашро тарбия намояд. Ин гармухунук аст, дилаш аз корхонаатон сард мешаваду баромада меравад.

Бароҳат дар дил хурсанд шуд. Масъала аз тахмини вай осонтар ҳал мешудааст, рафту Машҳура аз кор равад, вай боз ба Ислом соҳиб мешавад. Дар ягон шабнишинӣ нозу нуз карда, ӯро ба дом медарорад. Нашавад, Дилфӯза барин назди фолбин рафта, сардорро ба худ гарм мекунад.

Онҳо хайрухуш карда, аз қаҳвахона рафтанд.

Бароҳати банди фикру хаёл он рӯз дуруст хуфта натавонист, хобҳои мағшуш дид. Ана, маводи Дилфӯза додаро ба косаи Машҳура андохт ва дид, ки нафаре вайро назорат менамояд. Тарсида бедор шуд. Хайрият хоб будааст, вагарна дилкаф мешуд. Андаке ба худ омада, аз нав сар ба болин монд, боз хоб дид, ки маводи Дилфӯза додаро Машҳура хӯрду беҳуш шуда, рӯйи фарш афтод…

Пагоҳӣ Бароҳат бевақт аз хоб хест. Азбаски дуруст хуфта натавонист, сараш дард мекард, пойҳои бемадораш рӯдавор кашол буданд. Вай бо душворӣ шустушӯ намуда, либосҳояшро пӯшида, ношто тайёр карду писарашро аз хоб хезонд.

– Бедор шав, ба мактабат дер мемонӣ,-гуфт ӯ ва ба пиёла чой рехта чанд қулт нӯшид.

Вай дар идора ҳам ба худ наомад, фикрҳои парешонашро ҷамъ карда наметавонист. Сарам, дилам чанд ҳуҷҷат тартиб дод ва ба ошхона гузашт, аз пайи тайёр кардани хӯроки пешин гашт.

Соати дувоздаҳ ҳамкорон як-як ба ошхона омаданду паси мизи дароз нишастанд. Бароҳат ба дастархон нону мева монд, баъд чой овард. Ба ошхона гузашта, ба косаҳо карамшӯрбо кашид ва ба косаи Машҳура «ҷоду»-и Дилфуза додаро партофт. Вай ҳисоб кард, ки Машҳура дар тарафи чап аз боло дар курсии дуюм ҷой гирифт, пас косаи вайро ба дасти чап гирифтан лозим, дар дасти рост бояд косаи Саодатро барад.

Вай косаро бехато ба назди Машҳура гузошт, баъд азони дигаронро. Дар охир аз ҳама поён ҷой гирифт ва дилу нодилон ба хӯрокхӯрӣ даромад. Ӯ ҳар замон дуздида-дуздида ба Машҳура менигарист, рақибаш хурсандона чизеро ба Саодати дар паҳлуяш буда нақл мекарду қиқиррос зада механдид. Вай ба арӯсе шабоҳат дошт, ки нав келин шудааст ва аз хушнудӣ ба куртааш намеғунҷад.

– Ҳоло даврат расидааст, хандидан гир, - гуфт дар дил Бароҳат. Охираш ҳисоб, хандаҳоятро аз даҳону биниат мебарорам. Беҳтар мешуд, ки ту дирӯз аз кор мерафтию ҳам ҷони худатро халос мекардӣ, хам моро ба ҳоламон мегузоштӣ.

Занҳои идора, чанд рӯз пеш баъди хӯроки пешин дар ошхона машварат ороста, Машҳураро муҳокима намуданд. Аввалин шуда, Баҳринисои аз дигарон калонсол гап кушод.

– Шумо, Машҳура ин хел беодобиро бас кунед, сардорро ба ҳолаш гузоред, вай марди хондагӣ, ояндадор, садди роҳи пешравиаш нашавед. Буду шудатон ҳамин, аз ин вазифаи баланд гирифта наметавонед, зеро на савод дореду на ҳунар.

– Ман оилаашро вайрон карданӣ нестам, – ҷавоб дод Машҳура бешармона.-Магар ягон ҷояшро кам кардам?

– Гап дар бораи он нест. Мо ҳама мусулмонем, занем, духтар дорем, бояд ҳаромро аз ҳалол фарқ кунем, боз касофати ту ба сари мо нафарояд,-ба муҳокима ҳамроҳ шуд Саодат.

– Чӣ, дилатон гум зад, ҳасад мебаред? -писханд кард Машҳура. –Мехоҳед, вайро гузашт кунам?

Ҳамкорон чунинашро умедвор набуданд. Ана ақидаю мана берӯӣ!

– Мо аз шумо инашро напурсидем, ба худатон насиб кунад, аз доираи чорчӯбаи одоб набароед, ҳадатонро доред, ин чӣ бешармӣ, гоҳ аз ин утоқ, гоҳ аз дигараш қоҳ-қоҳ мезанед, тақ-тақ карда, дар раҳрав мегардед, либосҳои бешармона мепӯшед. Магар ҳамин куртаи дар танатон бударо зани тоҷик мепӯшад, пешаш кушода, синаҳоятон намоён…

– Ҳар кас ба чунинаш ихтиёр дорад, либоси хостаашро мепӯшад,-паст намефаромад вай.

– Ин қадар аз осмони ҳафтум гап назан,-худро дошта натавонист зани миёнсол Раъно.-Аз худат парии нестандарҷаҳон насоз, ман кӣ буданатро медонам, бадахлоқиатро ҳам, ту на фақат бо сардор, балки ронандааш Рауф ҳам ишқварзӣ мекунӣ.

– Ту ба гапат ҷавоб медиҳӣ!-дӯғ зад Машҳура, вале лаҳзае пас ранги рӯяш канд, овозаш пасттар шуд, аз таҳдид дида, ба хоҳиш бештар монанд гашт.

– Магар аз дастам капидӣ?-чашм ало кард Машҳура.

– Ҳоҷат ба қапидан нест, ман судя ё прокурор наям, вале ишқварзиатро бо Рауф исбот менамоям. Бо як марди дигар гаштанатро ҳам медонам. Гап ҳамин, агар хушӣ ба хушӣ ариза навишта, гум нашавӣ, дар маҷлиси ҷамъбастии семоҳа нисбатат нобоварӣ изҳор менамоем ва ҳамаи беҷогардиҳоятро нақл мекунем, баъд мебинем, ки раис чӣ кор мекунад…

– Ба маҷлис хотима мегузорем, – ҷамъомадро ҷамъбаст намуд Баҳринисо. – Хушӣ ба хушӣ аризаатро навишта рав, зеро аз ту ба ин коргоҳ на манфиат,

балки зарар мерасад, ҳамаро ҳарому шарманда месозӣ. Охир, ту мутахассис нестӣ, ягон моҳакат ба вазифаат мувофиқат намекунад.

Баҳринисо аламзада буд. Баъди тӯяш аз шавҳар ва хешу таборонаш гапи зиёд шунавид. Онҳо таъна карданд, ки ҳамкоронаш беодоб, алалхусус, он зани бо сардор рақс карда, шарму ҳаёро намедонад, дар назди издиҳом қариб сардорро ба оғӯш кашида, бӯсобӯсӣ кунад.

– Дигар ба он коргоҳ нарав, аризаатро навишта, партофта биё, ин ҷо ягон шуғл меёбем,-гуфт ба ӯ шавҳараш.-Сардораш ҳамин хел беодоби аз кӯчаи фарҳанг нагузашта бошад, аз дигаронаш чӣ гила?

– Айби занҳо,-ба гап ҳамроҳ шуд хушдомани Баҳринисо.-Худашон мардҳоро ба ҳолашон намонда, ба гарданашон овезон мешаванд. Гирем ҳамон Машҳураро, ору номус надорад, ҳамаи бонувони тоҷикро шарманда мекунад, тезтар ҳисобӣ карда биё, келин.

Ба Баҳринисо ҳамаи ин алам кард, аз паси кадом гӯсолаи рихини подаро олонда, вай ҳам таъна шунид, шояд аз кор ҳам равад.

– Гап ҳамин, Машҳура,-гуфт дар охир Баҳринисо.-Ба хоҳиши худат баромада рав, вагарна мо туро ин ҷо кор кардан намемонем...

Вале Машҳура ариза нанавишт, вай гуфтаи занони ҳампешаашро ҷиддӣ напиндошт, гумон кард, ки лаққиданду рафтанд, пагоҳ аз ёд мебароранд, боз об ба маҷрои пештара ҷорӣ мешавад...

Занон аз ошхона рафтанд. Бароҳат дастархонро ғундошт, зарфҳоро шуст, вай ба косаи Машҳура бо диққат нигарист, он тоза буд, пасмондаи хӯрок надошт, пас маводи Дилфӯза додаро ҳам хӯрдааст….

– Бинем, ки оқибати ин кор бо чӣ анҷом меёбад?-гуфт худ ба худ Бароҳат.

## Бегона

Он рӯз чӣ хел анҷом ёфтани корро Бароҳат нафаҳмид. Ҳушу ёдаш банди Машҳура буд. Гумон дошт, ки дар симои ӯ ягон дигаргунӣ мебинад, вале ҳайҳот, вай ҳамоно хурсанд буд, товусвор хиромида мегашт. Бароҳат гумон кард, ки ҷодугар онҳоро фиреб карда, пули Дилфӯзаро муфт гирифтааст, гармухунукаш ба рақибаш таъсир нарасонидааст, вале тахмини ӯ хато баромад. Ду-се рӯз пас Машҳура тағйир ёфт, нигоҳаш сард гашт, худ ба худ гап мезад.

Ислом хавотир шуда, Машҳураро ба духтури шинос фиристод, аммо вай дар майнаи зан иллат наёфт, ба духтури дигар муроҷиат намуданд, вай ҳам Машҳураро солим донист. Ба муллою фолбин бурданду манфиат надиданд.

Девонаавзоии Машҳура рӯз ба рӯз авҷ мегирфт, баъзан либосҳояшро чаппа мепӯшид, ҷӯробҳои дурангаро ба пой мекашид, ҳарзагӯиаш меафзуд, хандааш баландтар садо медод. Шавҳари собиқаш омаду кӯдакашро аз вай кашида гирифта, ҳамроҳаш бурд. Дар корхона ҳам дигар вайро надоштанд. Сардор фармуд, ки Машҳураро сабукдӯш намоянд ва посбонро огоҳ намуд, ки ӯро ба муассиса намонад. Ҳамин тавр, қиссаи ишқварзии Машҳураю сардораш тамом шуд.

## Анҷом

Зани зебои хушлибосу бовиқор, тамоман дигар шуд. Вай бо пероҳани куҳнаю чиркин, дар кӯчаҳо қадам монда, худ ба худ гап мезад, механдид, гиря мекард. Ранги рӯяш сиёҳ, чашмони варамидаву хилмбастааш бадвоҳима буданд. Роҳгузарон ӯро дида, мегурехтанд, хешу табор, шиносҳояш ва ҳатто волидон, хоҳару додаронаш аз ӯ рӯй метофтанд. Вай ҳар замон номи писарашро гирифта, ашк мерехт. Исломро таъна мезад, Бароҳатро дуои бад мекард.

Вай дар ин дунё яккаю танҳо монд, на ғамхоре дошту на тарафдоре, аз оламу одам дилаш сард гашт. Нафаре набуд, ки дасташ гирад, аз ҷумла, онҳое ки замоне аз қафояш кашол шуда мегаштанду хушомад мезаданд. Билохир фаҳмид, ки на вай ба ин дунё лозиму на дунё ба вай…

Зани миёнқади лоғар, ки дар бар либосҳои куҳнаю фарсуда дошт, дилу нодилон аз пиёдагузари кӯпруки дарёи Сир мегузашт. Қадаммониаш ноустувор, бе майлу хотир буд, маст барин ҳар замон мекалавид, худ ба худ ғур-ғур мекард, чизе мегуфту оҳи бадарде мекашид. Вай дар мобайни кӯпрук истода, аз байни мӯйи чиркину парешони ба рӯяш фаромада, даме ба дарё нигарист, чанд қатра ашк аз чашмони безебу хилмкардааш баромада, рӯйи хокистарранги варамидаашро тар намуданд. Вай атрофро аз назар гузаронида, фарёди ҷонхароше кашид ва бо олами дилбастагиаш намонда хайрбод намуду аз панҷараи кӯпрук гузашта, худро сарозер поён партофт ва лаҳзае пас шалаппосзанон ба об афтод….

Мундариҷа

Чанд сухан дар бораи муаллиф……………………………………………
Шаҳват ба марг овард…………………………………………………
Фоҷиа дар деҳа ………………………………………………………
Даҳшати тасаввурнашаванда ………………………………………
Вай мурдан намехост …………………………………………………
Кӯрнамакон ……………………………………………………………
Гулхани шаҳват…………………………………………………………
Маъшуқаи сардор………………………………………………………